ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ЗИЁЕВ СУЛАЙМОН САЪДУЛОЕВИЧ

# ҚОНУНИЯТҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))

Роҳбар илмӣ: д.и.и., профессор
Қодирзода Д.Б.

Душанбе - 2025

## ФЕҲРИСТИ
### калимаҳои ихтисоршуда

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АТЭС - Созмони ҳамкориҳои иқтисодии Осиё ва уқёнуси Ором

АСЕАН - Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

БОР – Бонки Осиёии рушд

ВМКБ – Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИИАО - Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИҶШС – Иттиҳоди ҷамоҳири шуравӣ – сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

МЕРКОСУР - бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

НТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ

НАТО – Ташкилоти шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (блоки ҳарбӣ)

NAFTA - Созишномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ

СЭВ – Совети ёрии ҳамдигарии иқтисодӣ (Совет Экономической взаимопомощи)

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

СҲШ - Созмони ҳамкории Шанхай

СҲИ (ЭКО) - Созмони ҳамкории иқтисодӣ,

СММ – Созмони миллали муттаҳид

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пушида

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................4

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҚОНУНИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ

1.1. Консепсияҳои асосии назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи он.....................................................................14

1.2. Хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт.....................................................................35

1.3. Таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои он.....................................................................47

БОБИ II. ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

2.1. Таҳлили вазъи муосири рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................................................60

2.2. Ҷанбаҳои содиротии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он.....................................................................86

2.3. Ҷанбаҳои сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ.....................................................................101

БОБИ III. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ ОН

3.1. Мукамалгардонии самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ.....................................................................123

3.2. Афзалиятҳо ва дурнамои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёи (ИИАО).....................................................................137

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД.....................................................................154

РУЙХАТИ АДАБИЁТ.....................................................................159

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот.** Омӯзиши масъалаи қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити рушд ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ ба худ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Таҷрибаи рушди кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳамгироии иқтисодӣ самти асосӣ ва муҳими рушди илми иқтисодӣ мебошад. Он муҳимтарин хусусияте барои мустаҳакам гардидани вобастагии байниҳамдигарии иқтисоди миллӣ гардидааст. Илова бар ин ҳамгироии иқтисодӣ гузаштани мамлакатҳои ҷаҳонро аз шакли пушидаи хоҷагидорӣ ба иқтисоди кушод таъмин намуда, ба зарурати объективӣ ва шарти муҳими рушди устувори иқтисоди ҷаҳон табдил меёбад. Равандҳои ҳамгироӣ мубодилаи молҳо, хизматрасониҳо, моликияти зеҳнӣ ва муҳоҷирати аҳолиро афзоиш медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти иқтисодиёти ҷаҳон ва иштирокчии бисёр иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, узви фаъоли рушди шаклҳои муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад. Ин аз рушди устувори иқтисоди миллӣ ва робитаҳои беруниқтисодии мамлакат дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин ташаббусҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини мамлакатҳои ҷаҳон бо оби тоза ва ҳалли босамари мушкилоти ба ин вобаста ва ҳамчунин масъалаҳои дигари барои рушди иқтисоди ҷаҳон муҳим аз он шаҳодат медиҳад. «...Кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзӯъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо хоҳад буд»[1].

Метавон гуфт, ки дар шароити муосир рушди ҳама гуна кишвар танҳо дар доираи муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ самаранок буда метавонад. Дар иртибот ба ин, ба назар гирифтани хислати тағйирёбандаи равандҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12.2024, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj. Таърихи дидани саҳифа: 02.01.2025.

ҳамгирой, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи онҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамгирой дар амалияи муосири ҷаҳонӣ, ҳам дар ҷанбаи минтақавӣ ва дар байниминтақавӣ раванди объективӣ мебошад, ки ба мақсаднокии иқтисодӣ ва ҳавасмандии кишварҳо асос меёбад.

Аз ҷониби дигар бо дарназардошти пайдарпайи равандҳои ҳамгироии гуногунсатҳи иқтисодӣ дар низоми муносибатҳои байналмиллалии муосир сиёсати берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таъмини иштироки фаъоли кишвар дар гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ нигаронида шудааст.

Дар робита ба ин муайян намудани қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва таҳаввулоти сохторҳои ҳамгирой, арзёбии самаранокии ҳамкориҳо дар доираи иттиҳодия ва сохторҳои ҳамгирой, тадқиқоти методологӣ ва консептуалии ин равандҳо, ҳамчунин ҷустуҷӯи воситаҳо ва роҳҳои такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгирой ба мавқеи рақобатпазири Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таҳким ва тавсеи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи иттиҳодияҳои ҳамгирой, инчунин муайян намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад, ки ҳануз ҳам тадқиқоти мукаммали илмиро тақозо менамояд ва он мубрамияти мавзуъро муайян менамояд.

Мубрамияти мавзуи интихобгардида инчунин ба таҳқиқи нокифояи назариявии он алоқаманд мебошад. Ҷанбаҳои алоҳидаи он дар корҳои илмии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Бо вуҷуди ин, қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар иртибот ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгироиии байналхалқӣ ва минтақавӣ, таъсири мусбат ва манфии ҳамгироии иқтисодӣ бо дарназардошти рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудаанд.

Дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ ҳамгироии иқтисодӣ ба худ мазмуну мундариҷаи нав касб мекунад. Омӯзиши паҳлуҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ, ошкорсозии қонуниятҳо ва хусусиятҳои он, таъсири ин раванд ба рушди иқтисоди миллӣ ва амалисозии натиҷаҳои судовари он дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳқиқи мукаммал ва амиқеро тақозо мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Шумораи зиёди асарҳои илмӣ ба масъалаҳои омузиши назариявии қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ, таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ дар ҳайати сохторҳои иқтисодии ҳамгирой бахшида шудаанд. Ба шумораи асарҳое, ки ба ин мавзуъ алоқамандӣ дорад, муаллифони онҳо мутахассисони намоёни хориҷӣ: А.Предол, Р. Купер, Ҷ. Крамер, А. Маршал, М. Алле, Д. Пиндер, В. Репке, Р.Арон, А. Мюллер-Армак, К. Мейер, Б. Баласса, М. Бийе, Г. Мюрдал, Ф.Перру, Д. Митрани; мутахассисони рус: Е.Ф. Авдакушин, Ю.А. Шербанин, К.Л. Рожков, Г. Фишер, В.Е. Рибалкин, Ю.В. Шишков, Л.И. Абалкин, А.А.Абалкина, А.А. Бойченко, Н.П. Шмелева, Т.А. Пачаҷанова, С.М.Логвиненко, Т.М. Вахитова, М.Л. Логутина, В.В. Герасимова, И.П.Гурова ва дигарон; инчунин тадқиқотҳои олимони ватанӣ ба монанди асарҳои: Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Д.Б. Қодирзода, Т.Х. Қурбонов, Д.О.Қандиёрова, Р.М.Мирбобоев, Т.Н. Назаров, А. Солиев, Т.О. Тошев, У.С.Асрорзода, Б.Г. Сафаров, Д.Қ. Хоҷаев, Ш.Н. Солиева, М. Содиқов ва дигарон дохил мешаванд.

**Алоқамандии мавзу ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаи давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030", барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ барои солҳои 2016-2020, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии ДМТ алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳлили қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба рушди ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои гуногуни ҳамгироӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар кори диссертатсионӣ, вазифаҳои асосии зерин гузошта шуда, ҳалли худро ёфтаанд:

- таҳлил намудани равишҳои гуногуни назариявии омӯзиши ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин ҷудо намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди он;

- ошкор намудани моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ;

- муайян ва асоснок намудани хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди он;

- гузаронидани мониторинги ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузории ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ ва берун аз он;

- асосноксозии самтҳоиояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ;

- муайян кардани самтҳои самаранокии ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО).

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** – маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ, ки дар раванди ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии қонуниятҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва ошкорсозии хусусиятҳо ва принсипҳои инкишофи он намудор мегардад, ки барои муайян намудани манфиатҳои иқтисодии давлат

дар доираи созмонҳои ҳамгирої мусоидат менамояд. Вобаста ба ин ташаккул додани муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар ҳайати созмонҳои ҳамгирої боиси рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат мегардад.

**Методҳои таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда усулҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо. Илова бар ин, дар яке аз бахшҳои тадқиқот, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои содиротию сармоягузорӣ дар доираи иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгирої дар марҳалаи ҳозира бахшида мешавад, аз усули умумисозӣ, равиши оқилона, ҳамчун усули муқоисавӣ ва оморӣ истифода шудааст. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда таъмин намуданд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро к**орҳои илмии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ бахшида шудаанд, натиҷаҳои таҳқиқоту ҳуҷҷатҳои расмии ташкилоту идораҳои давлатӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқотҳои монографӣ ва интишороти илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд. Дар ин замина истифодаи консепсияҳои назариявӣ, арзёбии қонуниятҳо ва хусусиятҳо, тамоюлҳои рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ барои таҳқиқоти минбаъда замина гузошта, доир ба муайянсозии самтҳои дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ бо иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгирої ва афзалиятҳои он нигаронида шудааст.

**Сарчашмаи маълумотии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот ба сифати сарчашмаи далелҳои воқеии иттилоотӣ аз ҳуҷҷатҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаҳои оморӣ ва маводи Кумитаи омори ИДМ ва мақомоти омори давлатҳои ИДМ, СҲИ, СҲШ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2017-2022 таҳия карда шудаанд, маводи конфронсҳои илмию амалии

ҷумҳуриявию байналхалқӣ, ва санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқӣ истифода карда шудааст.

**Давра ва пойгоҳи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2010-2023 дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар шароити муосир таҳлил намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва инчунин таҳия кардани пешниҳодоти мушаххас оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва берун аз он мебошад.

Ба навгониҳои илмӣ, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда ба даст омаданд, инҳо дохил мешаванд:

- равишҳои гуногуни назариявии омӯзиши ҳамгироии иқтисодӣ таҳлил карда шуда, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ҷудо ва асоснок карда шуд. Омӯзиши консепсияҳои гуногуни таҳқиқи назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои он нишон дод, ки ҳар як мактаб хусусиятҳои асосӣ ва хоси рушди равандҳои ҳамгироиро ошкор мекунанд. Қонуниятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шуданд: муайян кардани хусусияти муносибатҳои ҳамгироӣ дар байни субъектҳои ҳамгироӣ; таъсири шароити ташаккули муносибатҳои ҳамгироӣ ба табиати онҳо; ба ҳам мувофиқ омадани шаклу мазмуни ҳамгироии иқтисодӣ; мавҷуд будани маҳдудиятҳои ҳамгироӣ дар ҳолати номаҳдуд будани субъектҳои ҳамгироӣ; гузаштан аз як шакл ба шаклҳои мураккабтари ҳамгироӣ (қонуни таҳаввулотии инкишофи ҳамгироӣ);

- дар асоси таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои иқтисодӣ ба монанди классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ, моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд. Дар ин замина ҳамгироии иқтисодиро метавон ҳамчун раванди иттиҳоди муттақобилаи иқтисодии байни кишварҳо фаҳмид, ки дар заминаи робитаҳои амиқу устувори

иқтисодҳои миллӣ дар натиҷаи бастани шартномаҳо ва созишномаҳои ҳамкорӣ ташаккул меёбад;

- хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодиро асоснок карда, марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд. Ихтиёрӣ будани ҳамгироии иқтисодӣ; ҷой доштани зерсохтори тараққикарда дар ҳамкории мутақобила; ҷалби сармояи хориҷӣ вобаста ба сиёсати сармоягузорӣ; назорати қатъӣ ва дурусти иҷрои шартномаҳо, қонунҳо ва қарорҳо; мавҷуд будани органҳои муҳим ва марказии болоидавлатӣ; чандирии равандҳои ҳамгирой ва сиёсати чандир нисбат ба кишварҳои сеюм; ба даст овардани рушди иқтисодӣ тавассути иқтисодиёт ва сиёсати савдои кушод ҳамчун хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шуд;

- ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузории ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгирой ва берун аз он муайян карда шуданд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ки дар аксари кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, ташкил ва роҳандозии фаъолияти содиротӣ ба худ аҳамияти аввалиндараҷа мегирад. Ҳамчунин муҳайё сохтани шароитҳои мусоид дар самти воридшавии сармояи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад;

- самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгирой асоснок карда шуданд. Муайян гардид, ки дар Тоҷикистон соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, минералҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳиро метавон аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ арзёбӣ кард, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад;

- самтҳои самаранокии ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) муайян карда шуд. Муайян карда шуд, ки дурнамо ва хусусиятҳои хоси ИИАО аз байн бурдани

маҳдудиятҳо дар чаҳор самт - пеш аз ҳама сармоя, меҳнат, молҳо ва хизматрасониҳо мебошад.

**Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда:**

- консепсияҳои асосии назариявии ҳамгироии иқтисодӣ таҳлил карда шуда, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ асоснок карда шуд;

- дар асоси таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои иқтисодӣ, моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд;

- хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодиро асоснок карда, марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд;

-мониторинги ҷанбаҳои содиротӣ – сармоягузории ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он гузарнида шуд;

-самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ асоснок карда шуданд;

-самтҳои самаранокии ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои онро метавон барои арзёбии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои иқтисодии ҳамгироӣ истифода бурд. Омузиши ҳамаҷонибаи ин масъалаҳо барои васеъ ва зиёд кардани самараи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои иқтисодии ҳамгироӣ имкониятҳои нави илмӣ ва тавсияҳои амалиро фароҳам меорад. Маводи диссертатсияро инчунин дар таҳияи лексияҳо аз фанни назарияи иқтисодӣ, ташкили курсҳои махсуси ихтисосҳои иқтисодӣ ва фанҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқии донишгоҳҳои олӣ оид ба мавзуъҳои тахассусӣ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** истифодаи маводҳои зиёди назариявӣ, коркарди сарчашмаҳои омории вобаста ба мавзуи

таҳиқишаванда, маводҳои омории кумитаи омори созмонҳои иқтисодии ҳамгирой муайян менамояд. Он ба мо имконият дод, ки таҳлили амиқи қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишфои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди равандҳои ҳамгирой дар шароити муосир гузаронида шуда натиҷаҳои илман асоснок ба даст оварда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: банди 1.1.Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; равандҳои ҳамгироии равандҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сатҳи миллӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва паёмадҳои он; ташаккули стратегия ва сиёсати иқтисодии давлат; масъалаҳои назариявии бехатарии иқтисодӣ; банди 2.3.Қонуниятҳо, хусусиятҳо марҳилаҳои инкишофи кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида, омилҳое, ки хусусиятҳои инкишофи онҳоро муайян мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсиониро унвонҷӯй мустақилона анҷом додааст. Саҳми шахсии довталаб аз хулосабарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии ҳамгироии иқтисодӣ бо назардошти асосноккунии қонуниятҳо, хусусиятҳо ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба вусъат додани иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва дурнамои воридшавии он ба иттиҳодияҳои иқтисодӣ иборат аст. Натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқотро метавон дар мавриди таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ҳангоми арзёбӣ ва мукаммалсозии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ истифода бурд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар

конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад карда шуда, инчунин дар маҷаллаҳои илмӣ нашр карда шудаанд. Коркарди назариявию амалии рисолаи илмии муаллиф дар раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарии факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмии муаллиф, ки 13 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ** ба мақсаду вазифаҳои умумӣ мувофиқ карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 180 саҳифаро ташкил дода, аз ҷумла фарогири 2 расм, 10 ҷадвал ва 3 диаграмма мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҚОНУНИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ

## 1.1.Консепсияҳои асосии назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи он

Дар шароити муосир хусусияти муҳими марҳилаи муосири инкишофи хоҷагидории ҷаҳонӣ баҳамтаъсиррасонии байниҳамдигарии ҳоҷагиҳои миллӣ, гузариши кишварҳо аз иқтисоди шакли пушида ба иқтисоди кушод ва равишҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи микроиқтисодиёт ва макроиқтисодиёт аст, ки ба муносибатҳои берунииқтисодӣ равона гардидааст. Дар чунин шароит, таҳқиқу таҳлили масаъалаҳои марбут ба ҳамгироии иқтисодӣ ба худ ҷанбаҳои илмию амалӣ касб менамояд

Ба таҳқиқи моҳият ва мундариҷа, навъҳои пайдоиши ҳамгироӣ ва ҳамчунин паёмадҳои иқтисодию иҷтимоии он, иқтисодчиён, сиёсатмадорон ва мутахассисони дигари соҳаи иқтисод дар кишварҳои гуногун диққати хоса зоҳир кардаанд, ки тасдиқи андешаҳои боло буда метавонад.

Дар ин радиф муносибатҳои ягонаи назариявию методологӣ дар самти омӯзиши қонуният ва хусусиятҳои ҳамгироии иқтисодӣ мавҷуд набуда, оиди ин масъала дар адабиёти иқтисодӣ андешаҳои гуногуни мутахасисон ҷой дошта, дар дигар ҳолат ақидаҳои зиддиҳамдигар мавҷуд аст. Дар ин замина зарурияти таҳлил намудани назарияҳо ва ақоиди ҷойдошта дар алоқамандӣ бо муҳиммият ва навъҳои пайдоиши ҳамгироӣ, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи он ба миён меоянд.

Дар муайян намудани категорияи ҳамгироии иқтисодӣ дар адабиёти иқтисодӣ гуногунандешӣ ҷой дошат назарияҳои гуногун ироа гардидаанд. Чунки дар он омӯзиш ва таҳқиқи раванди ҳамгироӣ ҳамчун

мавҷуди ягонаи дорои хусусиятҳои дохилии худ ба назар гирифта шудааст.[1]

Равандҳои ҳамгирой ва падидаҳои монанд ба ин садсолаҳо пеш мавриди амал қарор доштанд, ки ин аз таърихи афкори иқтисодии олимон бармеояд. Аз ҷумла метавон аз Европаи ғарбӣ ёдовар шуд, ки ҳанӯз аз асри XVI инҷониб баҳам омадан ва наздикии кишварҳо ба қайд гирифта шудааст. Дар ин асос қайд кардан мумкин аст, ки дар доираи иқтисодиёти ҷаҳон равишҳои ҳамгирой ва унсурҳои он то ба миён омадани ақидаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ мавҷуд будаанд.[2]

Ба монанди назарияҳои умумии дигар, назарияи ҳамгирой низ ниёз ба омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ, масъалагузорӣ намудан ва эътироф кардан дорад. Оид ба тафсири моҳият ва мундариҷаи равандҳои ҳамгирой мактабҳои гуногуни иқтисодӣ андешаҳои махсус ва раногоранги худро пешкаш кардаанд:

-дар ҳар минтақае, ки иттиҳодияҳои ҳамгирой ташаккул наёбанд, он ҳамчун раванди натиҷаовар ва бесобиқа бояд ба инобат гирифта шавад, зеро ҳамгирой ин қисмати сохторӣ ва мураккаби равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад;

-ҳамгироии иқтисодӣ дар алоқаманди ба низоми сиёсии ҷомеъа метавонад ба амал ояд ва он ба раванди амалигардии масъалаҳои иқтисодӣ халал ворид созад. Чунки ҳар қадар ки масъалаҳо ба худ тобишҳои сиёсӣ мегиранд, идоранамоии равандҳои ҳамгирой душвор мегарданд ва самараи хуб ба бор намеоваранд;

- ҷараёни ҳамгирой ба монанди раванди инкишофёбии муайяни иқтисоди миллӣ ба назар гирифта шавад. Дар асоси равандҳои ҳамгирой новобаста аз доираи кишварҳои ҳамгирошаванда, берун рафтани натиҷаи истеҳсолот аз доираи иқтисоди миллӣ, ҳаракати сармоя ба берун аз кишвар ва роҳандозии фаъолияти тиҷоратӣ ба амал меояд.

[1] Экономическая теория / под ред. А. Добрынина, Л. Тарасевича. - СПб.: Питер, 1997 - С.163.
[2] Асрорзода У.С. “Рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Ҷумҳурии мардумии Чин ва кишварҳои Осиёси Марказӣ”. Дисс.барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2021.саҳ.45.

Аммо бояд қайд кард, ки таҷрибаи сохторҳои байналмиллалии ҳамгироӣ аз қабили СҲШ, СҲИ, ИДМ, ИА ва ғайра нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар кишварҳои узви ин сохторҳо тибқи методологияи ягона коркард нагардида, натиҷаҳои гуногун ба бор меорад.

Дар такя ба ин дар доираи мундариҷа ва моҳияти ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи ҳамгироӣ баҳсҳои илмӣ ҳамеша дар назар аст ва он ҷараён дорад.

Дар асоси сарчашмаҳои илмӣ қайд кардан мумкин аст, ки мафҳуми ҳамгироии иқтисодӣ дар асарҳои тадқиқотии олимони иқтисодчии олмонӣ ва шведӣ аввалин маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар асарҳои илмӣ муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳамгироии иқтисодӣ дар шаклҳои гуногун ва равишҳои муайян мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифтааст, ки омӯзиши он дар шароити мусоир ҳамеша дар ҷараён буда, саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Ақидаҳо оиди тафсири ҳамгироӣ, равандҳои ҳамгироӣ, унсурҳо, қонуният ва хусусиятҳои он, муносибат ба он дар адабиёти иқтисодӣ дар маҷмуъ дар доираи равияҳо ва мактабҳои гуногун ҷудо гардида ва пешниҳод шудаанд, ба монанди мактабҳои либералӣ, неолибералӣ, институтсионалӣ, неокейнсионӣ ва ғайра.

Дар он афкор намояндагони ин мактабҳои иқтисодӣ вобаста ба ҳамгироии иқтисодӣ ва хусусиятҳои он ақидаҳои гуногуни худро пешниҳод намудаанд.

Мактаби либералӣ дар иқтисодиёт аз нахустин равияе мебошад, ки оид ба назарияи ҳамгироӣ ақидаҳояшро пешниҳод кардааст. Намояндагони он ба монанди В.Репке ва М.Аллэ яке аз аввалинҳо шуда кушиш карданд, ки шарҳи назариявии ҳамгироии иқтисодиро пешниҳод намоянд.

Мактаби иқтисодии либералӣ яке аз аввалинҳо ба шумор рафта андешаҳои худро дар озодии комил дар рақобат, озодии амал дар байни иштирокчиёни бозор асоснок менамоянд ва бо ин мавқеи худро дар байни равияҳо мустаҳакам намудаанд.

Намояндаи ин равияи иқтисодӣ М.Аллэ бар ин ақида аст, ки бозор танзимкунандаи нисбатан босамари иқтисодиёт ба шумор меравад. Дар зери мафҳуми ҳамгироӣ ӯ "ташкил гардидани миқёси ягонаи бозорро дар байни муносибатҳои якчанд давлатҳо меҳисобад, ки дар он тамоми иштирокчиёни бозор имкон доранд озодона фаъолият намоянд. Масъалаи ҳамгироӣ ба муттаҳидшавии бозорҳои давлатҳои ҳамгирошаванда дар асоси принсипҳои тиҷорати озод роҳандозӣ мешавад".[1]

Чунин идеали ҳамгироиро назарияшиноси француз М.Алле равшан шарҳ додааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар натиҷаи ҳамгироӣ як бозоре ба вуҷуд меояд, ки дар байни иштирокчиёни он дар муомилоти молу хизмат, сармоя ва боҷи гумрукӣ ягон маҳдудияти миқдорӣ вуҷуд надорад ва коргарон дар доираи он мувофиқи майлу хоҳиши худ кор пайдо карда метавонанд.

Ақидаи олим В.Репке бошад, ба ин назария комилан наздик аст. Ӯ ҳамгироиро ҳамчун ҳолате мефаҳмад, ки дар байни хоҷагиҳои гуногуни миллӣ муносибатҳои тиҷоратии озод ва фоидаовар имконпазир мебошад, ба монанди муносибатҳое, ки дар дохили хоҷагии миллӣ вуҷуд доранд. Ба фикри ӯ дар натиҷаи ҳамгироӣ қаробати бозорҳо ва наздикшавии нархи молҳо имконпазир мегардад. Дар воқеъият бошад, Репке дар раванди ҳамгироӣ дар рақобат озодии комилан зиёдтарро мехоҳад, на он озодиеро ки дар дохили мамлакатҳои гуногун ҷой дорад.[2]

[1] См.: Шишков Ю.В. Теории региональной капиталистической интеграции. - М., 1978. - С. 62.
[2] Repke W. International Order and Economic Integration Dortdrecht, 1959.p. –223.

Ҳамгироии иқтисодӣ ҳар қадар амиқтар ва озод бошад, таъсири он ба органҳои давлатӣ вобаста ба танзим ҳамон қадар камтар мешавад, менависанд намояндагони мактаби либералӣ.

В.Репке ба монанди иқтисодчии дигар Ҷ.Рюэф яке аз аломатҳои ҳалкунандаи ҳамгироиро мавҷудияти стандарти тиллоӣ ва конвертатсияи пурраи асъор меҳисобад, ки ягонагии бозор, нарх ва ҳисоббаробаркуниро муайян мекунад.[1]

Олими Фаронсавӣ Р.Арон бошад, ақидаҳояшро чунин баён медорад: «...агар гардиши мол, сармоя ва одамон дар байни миқдори муайяни субъектҳои иқтисодӣ мисли дохили ҳар кадоми онҳо озодона сурат гирад, пас ин воҳидҳои гуногун ба ҳам муттаҳид мешаванд»[2]. Аз рӯи ин назария, ҳамгироии комил шароитҳоеро дар назар дорад, ки дар он шартномаҳои тиҷоратӣ дар фазои ягонаи ҳамгироӣ бо шароитҳои мувофиқ баста мегардад ва он ба имконоти ҳаракати молу сармоя комилан шабоҳад хоҳад дошт.

Иқтисодшиноси Олмонӣ А.Предол бошад назарияи худро пешниҳод менамояд, ки тибқи он консепсия, ҳамгироӣ ба маънои берун аз марзҳои кишварҳо ташкил намудани фазои васеи иқтисодӣ мебошад. Тибқи андешаи ӯ ҳамгироӣ ин муттаҳид шудани якчанд кишварҳо дар як минтақаи ягонаи иқтисодӣ мебошад, ки ба муносибатҳои бозории дохилӣ монанд аст ва ин минтақаҳо ҳамчун ҳудуҳои саноатӣ механизми иқтисодии худро доштааст[3].

Дар ин росто назари олим З.М.Округ диққатҷалбкунанда мебошад, ки ҳамгироиро на раванди баҳам омадан ва наздик шудан, балки бо мақсади боло бурдани самараи иқтисоди миллӣ муҳайё намудани

[1] См.: Repke W. A human economy. The social framework of the free market. Indianapolis, 1971.p. -408.
[2] Aron R. Problems of European Integration.- «Lyods Bank Review», 1953. p. –12.
[3] Predohl A., lurgensen H. Europaische integration. -Handbush des Soialwessens, 1961, Bd.p. -371.

шароити мувофиқ тавасссути муттаҳид намудани иқтисодиёти кишварҳо меҳисобад.[1]

Истилоҳи «ҳамгироии иқтисодӣ» бори аввал дар солҳои сиюми асри XX дар асарҳои иқтисодшиносони Шветсия ва Олмон пайдо шудааст. Дар бештари вақт мавриди муайян намудани моҳияти ҳамгироӣ аз маънои асосии ин калима истифода менамоянд. Асоси пайдоиши ин мафҳумро аз калимаи лотинии он (integratio) медонанд, ки маънои ҳамдигарро пур кардан ва ба ҳам наздик шуданро дорад. Метавон онро ҳамчун робитаи байниҳамдигарӣ, сохторан ба ҳам пайваст шудан, иттиҳоди коргоҳҳои соҳавӣ, баҳам омадани минтақаҳою кишварҳо фаҳмид. Ҳамин андешаҳо дар шаклҳои гуногун дар афкори иқтисодии пешин вуҷуд дошт ва баъдан дар фазои иқтисоди ҷаҳон ҳамчун мафҳуми ҳамгироӣ мукаммал гардида дар баробари дигар мафҳумҳои иқтисодӣ ҷойгоҳи хосаеро ба худ касб мекунад.

Дар адабиёти иқтисодии муосир дар миёни андешаҳои олимон барои шарҳи ин мафҳум ҳамчун ифодакунандаи кулли муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ гуногунандешӣ ҷой дорад.

Масалан дар давраи шуравӣ дар адабиёти иқтисодии он давра дар шарҳи ин мафҳум ба он таърифи сотсиалистӣ медоданд, ки он натиҷаи меҳнати ҳамҷояи синфи коргар ва тамоми меҳнаткашон маҳсуб меёфт.

Гуруҳе аз олимони рус дар давраи худ ҳамгироии иқтисодиро марҳила ё раванди ба ҳам наздикшавии иқтисоди кишварҳои алоҳида дар доираи гуруҳҳои муайяни ҳамгироӣ меҳисобиданд.[2] Дигарон онро ҳамчун як иқтисоди ягонаи миллатҳои зиёду гуногун ба ҷои иқтисоди миллии як кишвар мешуморанд.[3] Олимони дигар ҳамгироиро дар ду

[1] См.: Округ З.М. Теоретические концепции и объективные предпосылки международной экономической интеграции. - М.: 2001. - С. 20.
[2] См.: Щербанин Ю.А., Рожков К.Л., Рыбалкин В.Е., Г. Фишер / Международные экономические отношения. Интеграция. - М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1997. -С.16.;
[3] См.: Международные экономические отношения. Под ред. Е.Ф.Жукова -М.: ЮНИТИ 1999. - С. 257.

ҷанба баррасӣ менамоянд:[1] ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳамчун раванд. Андешаҳои олимони гуногуни соҳаро дар ин маврид таҳлил намуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамгироии иқтисодиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва раванди ба ҳам омадани кишварҳои алоҳида фаҳмидан мумкин аст.

Ба андешаи мо, ҳамгироӣ, ки аз ҷониби намояндагони мактаби либералӣ пешниҳод гардидааст, дар шароити муосир ғайривоқеъист. Барои ба амал баровардани он ба давраи капитализми пеш аз монополистӣ баргаштан лозим мебуд. Пешниҳоди намояндагони ин мактаб ғайри қобили қабуланд, аққалан барои он ки онҳо дахолати давлатро ба ҳаёти иқтисодии гурӯҳи ҳамгироӣ маҳдуд мекунанд ва танзими онро ба ихтиёри механизми бозор мегузоранд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди ҳамгироӣ аз аввал таҳти назорат гирифта шуда идорашаванда аст ва раванди он аз тарафи муассиссаҳои байнидавлатии иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва аз ҷониби намояндагони ҳукумати кишварҳои ҳамгирошуда назорат ва фаъолияти он танзим карда мешавад.

Аз ҳамин сабаб масъалаи ҳамоҳангсозии сиёсати хоҷагидории кишварҳои узви иттиҳоди ҳамгироӣ, ки мақсади онҳо муҳайё кардани шароити беҳтар барои фаъолияти механизми бозорӣ мебошад, истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. (Ҷ. Вайнер, Ф. Герелс, Ҷ. Мид, Р. Липсей, Т.Шитовский, М. Портер, С. Линдер ва диг.).

Фаъолияти равандҳои ҳамгироиро омӯхта Т.Шитовский ба хулоса омад, ки паёмади асосии афзун намудани самаранокии истеҳсолӣ дар бозори давлатҳои ҳамгироишуда, аз ҷумла кишварҳои узв, мустаҳкамшавии бартариятҳои рақибӣ ба ҳисоб меравад.[2]

---

[1] См.: Хасбулатов Р.И. Мировая экономика: В 2-х т. Т.1 — М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2001. - С. 572.

[2] Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Дисс. соис. учен. степ. канд. экон. наук. ТНУ. Душанбе, 2018. стр.17.

Намояндагони неолибералӣ инчунин қайд мекунанд, ки идеяи либералҳо оиди ҳамгирой ба амалияи воқеӣ мувофиқат намекунад.

Неолибералистҳо бошанд, бо мақсади таъмин намудани шароити зарурӣ дар раванди фаъолияти ҳамгироии иқтисодӣ, дахолати давлатро зарур мешуморанд ва иҷозат медиҳад, ки давлат онро таҳти назорати худ бигирад. Дар баробари ин неолибералҳо дар раванди ҳамгирой аҳамияти механизми бозориро истисно намекунанд.

Онҳо қайд мекунанд, ки сиёсати иқтисодии давлатҳои аъзои созмонҳои ҳамгирой низ метавонад нақши муҳим дошта бошад. Бештари давлатҳо дар ин замина кӯшиш менамоянд, ки моделҳои ҳамгироии худро пешкаш намоянд ва онро дар алоқамандӣ ва созиш бо механизми бозорӣ пайдо намоянд.

Намояндагони мактаби институтсионалӣ бошанд, дар масъалаи дахолати давлат ба раванди ҳамгирой  ва мавҷудияти механизми бозорӣ як ҳолати ягона ва умумиеро мехостанд пайдо намоянд. Ва дар ин замина ба хулосае омаданд, ки ҳалли аксари масоил дар ҷомеа бе таъсир ва танзими давлат номумкин ва ногузир хоҳад буд, ба монанди: бартараф сохтани марҳилаҳои даври иқтисодӣ аз қабили ҳолати оромӣ, ҷилавгирӣ аз яккаҳукмронӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва миёнидавлатӣ, кам кардани сатҳи бекорӣ ва рушд додани минтақаҳои тараққиёташон заиф.

Олимони иқтсиодчие, ки дар доираи ин мактаб тадқиқот бурдаанд ҳамгироиро таҷассумкунандаи муайян ва умумии унсурҳои иқтисодию сиёсӣ меҳисобанд. Ин андешаҳо дар таърихи назарияи ҳамгирой  саҳми муайян гузоштаанд ва то ба имрӯз он маъниҳоро дар худ таҷассум намудаанд.

Намояндаи дигари мактаби иқтисодӣ Б.Баласса масъалаи ҳамгироиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Номбурда ҳамгироиро ҳамчун як раванд мепиндорад, ҳарчанд, ки он як раванди иқтисодӣ - сиёсӣ аст.

Андешаҳои ӯ миёни ду калима ҳамгирой ва ҳамкорӣ фарқиятро ба миён овардааст ва ин андешаҳо аз тарафи бисёр иттиҳодияҳо ва сохторҳои байналмилалӣ қобили қабул гардид. Барои он ки ҳамкорӣ баъзе сатҳи имконпазири табъизро аз байн мебарад, аммо ҳамгирой чунин табъизро пурра бартараф месозад.[1]

Намояндаи ин мактаб, иқтисодчии барҷаста Б.Баласса ақидаҳояшро баён намуда иброз медорад, ки ҳамгирой ин як раванде мебошад, ки соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишварҳои ҳамгирошударо ба ҳам мутобиқ менамояд. Чунки бо шуғли доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва аз байн бурдани бекорӣ, таҳрик додани минтақаҳои қафомонда ба рушд, танзими фаъолияти дигар субъектҳо дахолати давлатро ба бозор ва механизми идоранамоии он талаб менамояд.

Метавон гуфт, ки барои Баласса идеали ҳамгирой ин мавҷуд набудани ягон шакли табъиз дар муносибатҳои иқтисодии байни соҳибкорони кишварҳои ҳамгирошаванда аст.

Баласса махсусан қайд менамояд, ки ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун раванд он саддҳои пешгирикунандаро аз байни субъектҳои кившарҳои алоҳида дар сатҳи иқтисоди онҳо аз байн мебарад, аммо агар ҳамчун ҳолат бошад метавонад ба монанди мавҷуд набудани шаклҳои гуногуни табъизи байни иқтисодиёти миллӣ ифода ёбад.[2]

Ба андешаи намояндаи дигари ин мактаб Крамер бошад, дахолати давлат бояд ҳам дар ҳолати ҳамгироии иқтисодӣ, ки кишварҳо дар як фазои ягона ба ҳам муттаҳид мегарданд ва ҳам баъд аз он ҷой дошта бошад. Ин ҳолатро ӯ ҳамчун як навоварӣ дар ҳамгирой меҳисобад.[3]

Дар маҷмуъ агар бигирем, намояндагони мактаби институтсионалӣ аз аввалинҳое ҳастанд, ки дар назарияи ҳамгирой андешаҳои дуҷонибаро

[1] Қандиёрова Д.А., Хоҷазода Д.Қ. Ташаккул ва рушди ҳамгироии минтақавӣ: ҷанбаҳои назариявӣ. Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисод. –Душанбе. -2021. №4(28). –с.43
[2] Balassa B. The theory of Economic Integration.London, 1962.p.-32.
[3] См.: Kramer G. Formen und Methoden der international wirtschaftlichen integration. Vesrucheiner Systematic.Tubingen, 1969. p. -10.

мавриди амал қарор доданд: аз як ҷониб ҳамчун “раванд” ва аз сӯи дигар ҳамчун “ҳолат”-и иқтисодӣ.

Крамер Г. таърифи комилан мукаммали ҳамгироии иқтисодиро додааст, ки ба маъниҳои дар боло зикргардида наздикӣ дорад: “нуқтаи волотарин дар ҳамгироии иқтисодӣ ҳамон вақте ба даст меояд, ки агар аз ҷониби органҳои миллӣ, ҳангоми қабули қарорҳо дар ин соҳа заррае тафовут дар самти тобеияти давлатӣ ҷой надошта бошад ва ҳангоми қабули қарорҳо дар самти сиёсати иқтисодӣ, манфиатҳои умумихалқии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар назди манфиатҳои миллӣ афзалият дошта бошад”.[1]

Ба ин тарз тафсир ёфтани моҳият ва мазмуни ҳамгироии иқтисодӣ ва натиҷаҳое, ки дар ниҳоят ба даст меоянд, дақиқтар аз шарҳҳои қаблӣ будааст. Дар баробари ин ҳоло ҳам чунин идея ҷой дорад, ки дахолати давлат ба иқтисод метавонад ба рушди муносибатҳои байналмиллалӣ монеъа шавад. Лекин бояд қайд карда, ки мақсади ниҳоӣ аз ҳамгироӣ раҳо кардани иқтисодиёт аз ин монеъаҳо мебошад.

Ҳамин тавр эътироф кардан ва ба инобат гирифтани механизми бозор ҳамчун ҳаракатдиҳандаи марказии рушду нумӯи иқтисод, ки бояд ҷараёни амалкарди он тавассути ҳамгироии иқтисодӣ сурат бигирад, андешаҳои ин мактаби иқтисодиро ба ақидаҳои намояндагони аввалин мактаби иқтисодии либералӣ, ки пештар аз он ёдовар шуда будем, наздик месозад.

Дар мавриди амалисозии усулҳои ҳамгироӣ бошад, ақидаҳои ин мактаб ба назарияи ҳамгироии мактаби либералӣ, ки қаблан баррасӣ гардида буд, наздик аст. Дар маҷмуъ Крамер яке аз олимонест, ки аз ҳамгироии иқтисодӣ пеш аз ҳама натиҷаҳои бештарро нигарон аст.

К.Мейер бошад мазмуну моҳияти ҳамгироии иқтисодиро ба таври худ шарҳ медиҳад. Барои ба як ҳамгироии иқтисодии бузург табдил

---

[1] Kramer G. Formen und Methoden der international wirtschaftlichen integration. Vesrucheiner Systematic. Tubingen, 1969.p.-485.

ёфтани иқтисодиёти миллии кишварҳо ва ба фаъолияти дохилидавлатӣ мубадал кардани савдои хориҷии онҳоро мебинад.

Барои он ки чунин дигаргунсозӣ ба амал ояд, ба фикри ӯ, он чизеро, ки барои фарқ кардани савдои берунӣ аз дохилӣ ва умуман муносибатҳои иқтисодии байни мамлакатҳо аз муносибатҳои иқтисодии дохилӣ мамлакат асос мебошад, бартараф кардан лозим аст.

Тавре ки зикр гардид, К.Мейер дар шарҳи ҳамгироии иқтисодӣ он қадар нозукбинона меандешад, ки онро ба ҳам муттаҳид шудани якчанд иқтисодҳои миллӣ дар як иқтисоди ягона ва калон мешуморад. Ӯ чунин зикр мекунад, ки ҳар як ҳамгироии иқтисодии ташкилшуда ба мақомоти идоракунандаи худ дар сатҳи сохторҳои иқтисодӣ эҳтиёҷ дорад, ки онҳо қабл аз ин дар сатҳи иқтисоди миллии худ ҳамон вазифаро иҷро мекарданд.[1]

Дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон дар алоҳидагӣ амал намудани иқтисодиёти кишварҳо ба раванди инкишоф ва рушд додани ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ аз ҷиҳати манфӣ тасир хоҳад расонид.

Бо мақсади коҳиш додани чунин таъсирот ин парокандагии кишварҳоро тавассути бастани шартномаҳо ва созишномаҳои дутарафю бисёрҷониба, ташкил намудани иттиҳодияҳо ва сохторҳои ҳамгирой аз байн бурдан мумкин аст.

Натиҷаи чунин ба ҳам омаданҳою ҳамкориҳо ва андешидани тадбирҳои мақсаднок ин аст, ки метавон иқтисодҳои миллиро ба ҳам муттаҳид карда ба он эътибори ҷиддӣ ва баланди давлатӣ дод. Мейер чунин хулосагирӣ мекунад, ки ду ва ё зиёда хоҷагиҳои миллиро муттаҳид намуда онро бо мафҳуми ҳамгироии иқтисодӣ ифода намудан мумкин аст.[2]

---

[1] Шишков Ю.В. Теории региональной капиталистической интеграции. -М.: Мысль, 1978. -С.-103.
[2] Пачаджанова Т.А. Интеграционные процессы в содружестве независимых государств.Диссертаця на соискание ученой степени к.э.н., Москва 2003, стр. 17.

Ҳамин тавр, шаклҳои гуногуни ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии дохилӣ ва хориҷии давлатҳои аъзои иттиҳодияҳои иқтисодӣ аз ҷониби намояндагони мактаби институсионалӣ пешниҳод мегардад

Онҳо асосан чунин нуқтаи назарияеро пешниҳод менамоянд, ки тибқи он андеша дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бояд табъиз комилан аз байн бурда шавад ва механизми бозорӣ дар равишҳои иқтисодӣ мавқеи мустаҳакам дошта бошад.

Дар ақидаҳои пешниҳодкардаи намояндагони мактаби институтсионалӣ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ гуногунандешӣ ҷой дорад ва андешаҳо гоҳе мухолифи ҳамдигар мебошанд. Бархе аз олимон таъсири ҳамгироиро ба рушди иқтисодӣ эътироф намуда, қайд менамоянд, ки дар баробари ин дар дохили иқтисоди миллии кишварҳо мушкилиҳои сохторӣ ҷой доранд, ки ба раванди ҳамгироӣ таъсиргузор метавонад бошад.

Агар мантиқан андеша намоем, дар маҷму андешаҳо ба ҳам номувофиқанд. Яъне агар мақсади ҳамгироӣ аз байн бардоштани табъиз ва дигар монеъаҳо бошад, пас он ҳамгироӣ хурдтарин падидаҳои манфиеро, ки ба миён меоянд бояд бартараф созад. Ва аммо агар ҳамгироӣ воқеъан ба хотири аз байн бурдани камбудиҳои зикргардида роҳандозӣ шуда бошад, пас он он бояд маънии амиқтар ба худ касб кунад.

Андешаи дигар ҳам дар назар аст, ки он назария ба чӣ гуна будани нақши давлат дар раванди ташаккули ҳамгироӣ вобаста аст. Ҳамагон хуб дарк мекунанд, ки адешаи дахолати давлат ба иқтисоди миллии кишварҳои ҳамгирошуда ва дар як сохтори ҳамгироӣ ба ҳам омада воқият дорад. Аммо вақте ки кишварҳо бо иқтисодиёти худ дар сохторҳои ҳамгироӣ муттаҳид мегарданд, бояд мақсадҳо ҳам дар иттиҳод ва бо дарназардошти ҳамдигар бояд амалӣ гарданд. Пеш аз ҳама дар ин сатҳ вазифа як буда метавонад: аз байн бурдани

ҳуқуқвайронкуниҳо дар савдои байниҳамдигарӣ, дар кучиши сармоя ва қувваи корӣ.

А.Маршал чунин мешуморад: “...ҳамгироие, ки ҳамчун набудани табъиз дар савдои байналмиллалӣ ва ҳаракати омилҳои истеҳсолот фаҳмида мешавад, ҳанӯз ҳамгирой нест. Ҳамгироии муосир, ҳамгироии иқтисодҳои миллӣ аст, на ҳамгироии бозорҳо”, - таъкид менамояд ӯ. Метавон гуфт, ки ҳамгироии воқеъӣ он шакле мебошад, ки дар он кишварҳои аъзогардида дар як сохтори ҳамгирой манфиатҳои ҳамдигарро ба инобат гиранд ва дар тараққӣ додани ҷомеаи худ бояд шарти ягонагиро риоя намоянд. Албатта, ба чунин натоиҷ танҳо дар марҳилаҳои иттиҳодияҳои иқтисодӣ метавон ноил гардид, вақте ки иқтисоди миллии кишварҳо дар вобастагӣ ба ҳам амал мекунанд, на ин ки натиҷаҳоро танҳо дар заминаи манотиқи озоди тиҷоратӣ, иттиҳодияҳои гумрукӣ ва бозори ягона интизор дошт.

Ин ба худи Маршал асос гардид, ки консепсияи ҳамгироиро сохторӣ номад, ки он ҳамоҳангсозии мунтазами сиёсати иқтисодии кишварҳои ширкаткунандаро дар бар мегирад.

Бо вуҷуди ин андеша А.Маршал чунин меҳисобад, ки ҳамгироиро нафақат бо роҳи барҳам додани сарҳадҳои гумрукӣ ва ё ташкили иттиҳоди гумрукӣ ба даст овардан мумкин аст, балки зарур аст, ки нархҳоро дар байни субъектҳои иқтисодии кишварҳои узви иттиҳодияҳои ҳамгирой барои омилҳои истеҳсолот баробар кард. Ва бо ин баҳс кардан беҳуда аст.[1] Дар натиҷа метавонад ҳамгирой аз рӯи қонуни нархҳои баробар амал кунад.

Ҳануз соли 1947 Ф.Перру назарияи ҳамгироиро ба мафҳуми «қутбҳои афзоиш» ва «қутбҳои рушд» асос карда буд. Моҳияти ин аз он иборат аст, ки дар иқтисодиёт соҳаҳои фаъол ва воҳидҳои иқтисодӣ

[1] Alfred Marshall, Principles of Economics? Great Minds series. 1890. p.-56.

(корхонаҳо, фирмаҳо) мавҷуданд, ки ба рушди дигар соҳаҳои (воҳидҳои) ҳавасмандкунанда мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин дар иқтисодиёт соҳаҳои бузурги саноатӣ ва воҳидҳои иқтисодие маҷуданд, ки ба рушди иқтисодӣ оварда мерасонад. Ӯ албатта дар ин радиф соҳаҳои нави саноатиро дар назар дорад ба монанди энергетика, металлургияи сиёҳ, коркарди металлҳои ранга, мошинасозӣ, электротехникӣ, саноати автомобилсозӣ, ки ин соҳаҳо метавонанд соҳаҳои судовари иқтисодиёт бошанд.

Таъкиди Ф.Перру оиди он ки ҳамгироӣ ин аст, ки ба воситаи сармоягузорӣ, тавассути бозор ва дигар муассисаҳо амалӣ мешаванд, ва корхонаҳои бузург ба монанди қувваи пешкори он баромад мекунанд.[1]

Дар доираи назарияи иқтисодӣ мактаби институтсионалӣ бар ин ақида аст, ки ҳамгироӣ метавонад дар сохтори иқтисодии давлатҳои ҳамгирошуда тағйиротҳо пеш орад. Илова бар ин он на танҳо ҳамгироии хоҷагиҳои алоҳида аст, балки механизми иқтисодии ҳамкории кишварҳоро бо шаклҳои наву замонавӣ инъикос мекунад. Дар раванди ҳамгироии кишварҳо меъёрҳо ва талаботҳои ягона ҷой дорад ва он метавонад дар самти тақсимоти захираҳо ва дигаргуниҳо дар сохтори корхонаҳои истеҳсолӣ ба даст меояд.

Дар натиҷаи ташкили шаклҳои нави сохторҳои ҳамгироӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки инкишофи иқтисодии кишварҳои аъзои иттиҳодияҳои ҳамгироӣ танҳо ба механизми бозорӣ вобаста нест. Ҳамаи ақидаҳои олимони иқтисодчӣ заминаи асосӣ барои пайдоиши назарияи нав, яъне неокейнсионӣ гардид. Ин назарияест, ки тарафдорони он идея дахолати давлатро ба равандҳои ҳамгироӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Дар таҳти ин назария чунин ба инобат гирифта мешавад, ки давлатҳои ширкаткунандаи раванди ҳамгироӣ дар якҷоягӣ дар ташкили бозори

[1] См.: Perroux F. Les formes de la concurrence dance le marchelcommun. - «Revue d'economic politique», 1958.p-13.

ягона саҳм мегузоранд ва дар таъмин намудани истеҳсолоти молию хизматрасонӣ амиқан хулоса мебароранд.

Олимони тарафдорони равияи неокейнсионӣ иқтисодчиён Г.Мюрдал, Р.Купер, Д.Пиндер мавқеяташонро бо андешаҳои худ мустаҳакам намуда, солҳои ҳафтодуми қарни гузашта бо пешниҳоди идеяҳои нав раванди ҳамгироиро бо масоили ҷойдоштаи дохилиаш таҳлилу баррасӣ кардаанд. Онҳо чунин мепиндоштанд, ки ҳаракати сармоя, мол ва кувваи корӣ дар доираи созмонҳои ҳамгироӣ шубҳаро ба бор меорад ва ҳудудҳои мавҷуда ва даромадҳои аҳолӣ нобаробар рушд намуда, метавонад, ки ба номуносиб ҷойгиршавии иқтидорҳои истеҳсолӣ оварда расонад.

Иқтисодчии Шведӣ, ислоҳотчии иҷтимоӣ, яке аз олимони мактаби неокейнсионӣ Г.Мюрдал назарияҳои қаблиро, ки ҳамчун равияҳои бозорӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ пешниҳод гардида буданд, бо назари танқидӣ нигоҳ намуда андешаҳои худро асоснок кардааст.

Хусусияти назарияи Мюрдал ин аст, ки ҳамгироии ҳақиқӣ тавассути муттаҳидшавии якчанд бозорҳои миллии кишварҳо номумкин аст.[1]

Андешаи Г.Мюрдал ин будааст, ки ҳама гуна иқтисод (миллӣ ё ҷаҳонӣ) "то замоне, ки ҳама роҳҳо барои ҳама кушода нашаванд ва то он даме, ки подош барои истеҳсолот ва хизматрасонӣ, сарфи назар аз фарқиятҳои наҷодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ яксон набошанд, ҳамгирошуда ҳисобида намешаванд."[2] Ҳамин тариқ, ҳамгироӣ танҳо дар соҳаи иқтисодӣ маҳдуд намешавад ва он метавонад дар дигар соҳаҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд ояд ва бо ба роҳ мондани мақсадҳои иқтисоди миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ идома ёбад.

---

[1] См.: Мюрдаль Г. Мировая экономика. Проблемы и перспективы. – М., 1958. – С 183.
[2] Мюрдаль Г. Мировая экономика. - М., 1958. С.-14.

Консепсияи Г.Мюрдал, бешубҳа, ба ақидаҳои як қатор иқтисодчиёни дигари Аврупои Ғарбӣ, ки ба тафсири неолибералистии ҳамгироии минтақавӣ муқобил мебароянд, таъсир расонд.

Мюрдал аз ҳамгироии иқтисодӣ пеш аз ҳама натиҷаҳои иҷтимоиро интизор дорад. Яъне ҳамгироии иқтисодӣ пеш аз ҳама бояд сатҳи иҷтимоиёти аҳолии он кишвари узви сохторҳои ҳамгироиро бояд хубтару беҳтар гардонад. Ӯ пешниҳод дорад, ки дар сиёсати иқтисодии давлат ва татбиқи самтҳои он соҳаи иҷтимоиёт мавқеи махсус бояд дошта бошад ва ба ин самт хароҷоти бештар равона карда шавад, ки метавонад сатҳи зиндагии аҳолиро беҳбуд бахшида даромадҳои онҳоро афзун гардонад. Зеро бе татбиқи чунин сиёсат ҳаракати озоди молу хизматрасонӣ ва сармояю қувваи корӣ имконнопазир мегардад.

Намояндагони дигари мактаби неокейнсионӣ низ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ идеяҳои худро пешниҳод кардаанд. Мушкилоти асосии ҳамгироии иқтисодӣ, мувофиқи ақидаи онҳо, ин дарёфти маҷмӯи барномаҳои миллии сиёсати иқтисодӣ бо таъмини манфиатҳо ба шумор меравад, ки ҳамкории зичи байналмилалиро ба бор меорад.

Ба гуфтаи намояндаи ин мактаби иқтисодӣ Р.Купер, ҳамгироӣ метавонад дар ду ҷанба ташаккул ёбад:

1.Ҳамчун муносибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок, дар минтақаҳое, ки онҷо амалиёти иқтисодӣ ҷараён мегирад;

2. Ҳамчун муносибатҳои бозории мол ва омилҳои истеҳсолот дар қаламрави минтақа.

Дар ин асос Купер аҳамияти ҷанбаи аввалиро таъкид намуда иброз менамояд, ки минтақаҳои гуногун метавонанд дар заминаи муносибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок ҳамгироӣ намоянд.[1] Ин пешниҳодро фарқи байни идеяи ӯ нисбат ба ақидаҳои мактабҳо ва равияҳои иқтисодии қаблан таҳлилгардида меҳисобанд.

---

[1] Cooper R.H. Worldwide versus Regional Integration: Is there an Optimum. Size of the Integrated Area'?- «Economic Integration: Worldwide, Regional, Sutoral».p.-42.

Дар байни субъектҳои иқтисодии кишварҳое, ки ҳамгироии иқтисодиро роҳандозӣ менамоянд табъиз барҳам дода шавад ва онҳо сиёсати ягона ва ҳамоҳангшудаеро татбиқ намоянд, то ин ки ҳадафҳои муштараки иқтисодӣ амалӣ гашта некуҳволии аҳолӣ таъмин гардад, - иброз менамояд иқтисодчии англис Д.Пиндер.[1]

Олимон ва тадқиқотчиёне, ки дар ин мактаби иқтисодӣ ба ҳам омадаанд, бозори меҳнат, сармоя ва молро марҳидаи ҳамгироӣ ҳисоб намекунанд ва иброз медоранд: "ҳадаф аз ҳамгироӣ ташкили иттиҳоди иқтисодӣ аст ва бояд он сохторе бошад, ки дар ниҳоят ҳудудҳои минтақаи ҳамгироишавандаро пурра фаро гирад ва дар ин замина сиёсати ягонаи иқтисодиро пиёда намоянд".

Пиндер низ дар таҳқиқотҳои худ қайд мекунад, ки тафсири ҳамгироии иттиҳоди иқтисодӣ хеле содда менамояд, ки он тааллуқ дорад ба давраи идеологияаш ба тиҷорати озод вобаста буда.[2]

Тарафдорони ин мактаб дарк менамоянд, ки табъиз дар ҳаракати молу сармоя  ва қувваи корӣ на танҳо ба маҳдудиятҳо дар воридот ва тарифҳои гумрукӣ вобастагӣ дорад, балки он метавонад аз ҳисоби сиёсати дохилию хориҷӣ ва фискалию асъории кишварҳои ҳамгирошаванда ба вуҷуд ояд.

Тарафдорони мактаби неокейнсионӣ имкониятҳои эҳтимолии равандҳои ҳамгироиро дар ҷаҳон пешбинӣ намуданд:

- дар натиҷаи ҳамгироӣ кишварҳои муттаҳидгардида ба ивази озодӣ дар сиёсати иқтисодии худ, сиёсати ягонаи иқтисодии бузургро бо мақсадҳои муштарак ноил мегарданд;

- мамлакатҳои аъзои сохторҳои ҳамгироӣ кушиш менамоянд, ки истиқлолияти худро ҳифз намоянд;

---

[1] Pinder J. Problems of European Integration. — «Economic Integration in Europe», ed. by G. K. Dcnton. London, 1969.p.-145.

[2] Ҳамон ҷо.

Хулоса намондагони ин мактаби иқтисодӣ равандҳои ҳамгироиро ба сиёсати пешгирифтаи иқтисодию иҷтимоии ҳукуматҳои кишварҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ рабт медиҳанд. Ба ақидаи онҳо танҳо нақши танзимкунандаи давлат омили асосии ҳамоҳангсоз ва ҳаракатдиҳандаи равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ метавонад бошад.

Ба андешаи инҷониб натиҷаи ҳамгироӣ на танҳо як ҷомеаи иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақаҳои муайян, балки як ҷамъияте дар ҷаҳон метавонад бошад, ки дар он талаботҳои инсонҳо таъмин гардида ва бо ин мақсад ҳамкориҳо роҳандозӣ мешаванд.

Дар натиҷаи инкишофи ҳамгироӣ, рушди техникӣ ва дастовардҳои иқтисодӣ  дар миқёсӣ умумихалқӣ танҳо ба манфиати аҳолӣ амалӣ мегарданд, зеро дар натиҷаи ҳамгироӣ ин вазифаҳо аз сатҳи миллӣ ба салоҳияти мақомоти муштараки давлатҳои аъзои ҳамгироӣ мегузарад.

Сохторҳои ҳамгироии муосир дар ҷаҳон мақсаду маром ва андешаҳои гуногун доранд ва ҳеҷ яке аз онҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ- байналхалқии худ ба ҳам мувофиқ намеоянд.

Дар ин росто аксари мутахассисони ин соҳа иброз медоранд, ки дар шароити муосир дар ин масъала назарияи ягона мавҷуд нест, ки фарогирандаи тамоми паҳлӯҳои ҳамгироӣ бошад. Дар ин самт назарияҳои гуногунро таҳлилу баррасӣ намуда, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки онҳо дар маҷмуъ вобаста ба моҳият ва тафсилоти мафҳуми ҳамгироии иқтисодӣ фарқкунандаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили самтҳои назариявии мавҷуда ва мактабҳои иқтисодӣ нишон дод, ки ҳар кадоми онҳо дар таълимоти худ ин ё он хусусиятҳои асосии ҳамгироиро ошкор мекунанд.

**Ҷадвали 1.1. - Назарияҳои мактабҳо оид ба ҳамгироии иқтисодӣ**

| № | Мактабҳо | Намояндагон | Ақидаҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Либералӣ | Р.Арон, В.Репке, А.Предол, Ҷ.Рюэф, А.Мюллер-Армак | Пайравони либерализми иқтисодӣ далелҳои фалсафиро барои дастгирии бозори озод, рақобати комил ва «дастҳои ноаён» (аз Адам Смит) истифода мебаранд. Тарафдорони либерализми иқтисодӣ бар ин назаранд, ки ҳама гуна дахолати ҳукумат метавонад танҳо ба иқтисодиёт ва некӯаҳволии иштирокчиёни бозор зарар расонад. |
| 2 | Неолибералӣ | Ҷ.Вайлер, М.Бийе, М.Алле | Ба ақидаи неолибералҳо, ҳамгироӣ муттаҳид шудани бозорҳои чанд кишвар дар асоси принсипҳои тиҷорати озод мебошад. Ба ақидаи ин олимон, ҳамгироии иқтисодӣ ба либерализатсияи тиҷорат шабеҳ аст ва мудохилаи давлат монеи рушди ҳамгироӣ метавонад бошад. |
| 3 | Институтсионалӣ | К.Мейер Г.Крамер А.Маршал Ф.Перру Б.Баласса, | Ба андешаи онҳо, дар ташаккул ва фаъолияти пурсамари иттиҳодияи ҳамгироӣ, ҳам бозор ва ҳам давлат нақши муҳим доранд. Намояндагони ин мактаб бар ин назаранд, ки ҳамгироӣ раванди ё падидаи якдафъаина нест, балки як ҳолати ҳамешаинкишофёбанда аст, ки дар асоси амали қувваҳои бозорӣ рушд меёбад. Вақте ки иқтисодиёти миллӣ ба иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муттаҳид мегарданд, дахолати давлат дар ин сатҳ, бояд асосан ба як вазифа – дар пурратар барҳам додани поймолкунии ҳуқуқҳо дар савдо, ҳаракати қувваи корӣ ва сармоя нигаронида шавад. |
| 4 | Неокейнсионӣ | Р.Купер Д.Пиндер Г.Мюрдал Ҷ.Тинберген | Танзими давлатии иқтисодиёт идеяи асосии ин мактаб мебошад. Онҳо нақши марказии механизми бозорро комилан рад карда, давлатро ҳамчун омили асосии равандҳои ҳамгироӣ ҳисоб мекарданд. Ба андешаи онҳо, маҳз нақши танзимкунандаи давлат бояд қувваи асосии ҳамоҳангсоз ва муҳаррики рушди равандҳои ҳамгироӣ гардад. |

*Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ*

Таҳлили ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо дар мавриди мавзуи матраҳшаванда андешаи худро доранд ва олимони ин мактабу равияҳо ҳамгироии

иқтисодиро аз нуқтаи назари худ пешниҳод менамоянд. Ба ақидаи неолибералҳо ҳамгироӣ ин муттаҳид шудани бозорҳои чанд кишвар дар асоси принсипҳои тиҷорати озод мебошад. Андешаи намояндагони мактаби институтсионалӣ бошад тамоман дигар аст. Онҳо чунин мешуморанд, ки ҳамгироӣ раванди ё падидаи якдафъаина нест, балки як ҳолати ҳамешаинкишофёбанда аст, ки дар асоси амали қувваҳои бозорӣ рушд меёбад. Аммо намояндагони мактаби неокейнсионӣ давлатро ҳамчун омили асосии равандҳои ҳамгироӣ меҳисобанд. Ба андешаи онҳо, маҳз нақши танзимкунандаи давлат қувваи асосии ҳамоҳангсоз ва муҳаррики рушди равандҳои ҳамгироӣ бояд бошад.

Аз таҳлилу баррасии андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст: мақсад ва ҳадафҳое, ки давлат онҳоро да назди худ гузоштааст, ба худ комилан фаҳмиши назариявӣ гирифта шаклу намудҳои муосири муносибатҳои байналмилалиии иқтисодиро ба миён меоваранд.

Дар ин самт метавон ба ин тартиб хулосабарорӣ намуд, ки дар замони муосир назарияи неокейнсионӣ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ қобили қабул мебошад, зеро давлат қувваи асосии ҳамоҳангсоз ва муҳаррики рушди равандҳои ҳамгироӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин замина, консепсияҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва тамоюлҳои рушди онро муайян ва баҳогузорӣ намуда, қонуниятҳои онро муайян кардан мумкин аст. Қонуниятҳо дар худ маҷмуи қонунҳои ба ҳам алоқаманд, ки тамоюли рушд ё самти таъғйирёбии низмомро таъмин менамояд, таҷассум мекунад. Агар қонун робитаи зарурии байни ҳодисаҳоро мушахассан ифода кунад, пас қонуниятҳо дурустӣ ва пайдарҳамии ҳодисаҳоро нишон дода, муайян мекунад, ки ҳодисаҳо тасодуфӣ набуда, сабабҳои зарурӣ ва муайяни равандҳоро тавсиф мекунад.

Дар марҳилаи муосири рушди ҳамгироии иқтисодӣ қонуниятҳои асосии онро муайян ва қайд намудан мумкин аст:

1.Муайян кардани хусусияти муносибатҳои ҳамгироӣ дар байни субъектҳои ҳамгироӣ. Дар асоси ин қонуният қонуни мутобиқати муносибат ва муҳимияти субъектҳо амал мекунад. Ҳар як субъекти ҳамгироӣ бо паҳлуҳои миқдорию сифатӣ, таҷҳизоти дохилӣ ва механизми ташаккулёбӣ тавсиф карда мешавад.

2. Таъсири шароити ташаккули муносибатҳои ҳамгироӣ ба табиати онҳо. Муҳити микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, ки дар доираи он ташаккули муносибатҳои ҳамгироӣ сурат мегирад, сифат ва имкониятҳои тараққиёти онҳоро муайян мекунад.

3.Мувофиқ будани шакл ва мазмуни ҳамгироии иқтисодӣ. Ин қонуният ба тамоюли мувофиқ будани шакл ва мазмун асос меёбад. Шакли робитаҳои ҳамгироӣ ба танзими ҳуқуқӣ, ташкилотӣ, моликиятӣ, идоракунии фаъолияти субъектҳои ҳамгироӣ муайян карда мешавад. Мазмуну мундариҷаи равандҳои ҳамгироӣ тарзи баҳамтаъсиррасонии субъектҳои ҳамгироиро тавсиф мекунад.

4.Маҳдудияти шаклҳои мутақобилаи ҳамгироӣ дар ҳолати номаҳдуд будани субъектҳои ҳамгироӣ. Дар асоси ин қонуният бамаврид аст, ки унсурҳои зиёдатии низом дар ҳолати ҳадди аққали имкони ташкил, баррасӣ карда шавад. Дар ҳолати ҳамгироии мутақобила чунин қонуният дар истифодаи шаклҳои якхелаи ташкили истеҳсолот дар шароити гуногун ва барои субъектҳои гуногуни ҳамгироӣ пайдо мешавад.

5. Гузаштан аз шакли одии ҳамгироӣ ба шаклҳои мураккабтари он (қонуни таҳаввулотии инкишофи ҳамгироӣ). Яке аз қонуниятҳои рушди ҳамгироӣ ин қонуни гузариш аз як шакли одии муносибатҳои ҳамгироӣ ба шакл ва марҳилаҳои мураккабтари он мебошад. Дар ин замина, метавон гуфт, ки дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина аз марҳилаҳои одии ҳамкориҳои мутақоиблаи иқтисодии байни кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба марҳилаҳои мураккабтар ва шаклҳои

гуногуни ҳамгироии иқтисодӣ ворид мегардад ва мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ пурқувват мекунанд.

Хулоса таҳлилу таҳқиқи масъалаи хусусият ва қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар замони муосир дар доираи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ шароит фароҳам меорад, ки Тоҷикистон дар байни кишварҳои узви сохторҳои иқтисодии ҳамгирой мавқеи худро муайян ва устувор намояд. Мустаҳакам ва пурзур намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ барои ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ шароит фароҳам меорад ва ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми иқтисодии ҷаҳон афзоиш медиҳад.

## 1.2. Хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт

Ҷаҳонишавӣ яке аз омилҳои муҳими гузариши иқтисоди ҷаҳонӣ ба иқтисоди кушод буда, раванди умумиҷаҳонии баҳамой ва ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар заминаи ин вобастагии байниҳамдигарии иқтисодӣ дар миёни кишварҳо пайдо шуда, ба худ тамоюли афзуншаванда гирифтааст, ки он дар мустаҳакам гардидани муносибатҳои иқтисодии байниҳамдигарӣ дар сатҳи байналмиллалӣ ва дар таҳкими робитаҳои иқтисодии берунӣ сабабгор мегардад.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли объективии ҷомеа маҳсуб ёфта, ба давлатҳои миллӣ таъсири худро дар шаклу сатҳҳои гуногун мерасонад. Зеро заминаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷамъият, мисли инқилоби илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ-хизматрасонӣ, пешрафти истеҳсолоти неъматҳои моддӣ, баланд рафтани сатҳи идеологияи ҷомеа, ташкили ширкатҳои фаромилӣ, бозори ягонаи иқтисодӣ, инчунин ба миён омадани мушкилоти глобалӣ, ба монанди терроризму ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир, коррупсия, низоъҳои нави иҷтимой ва ғайра

кишварҳоро ҷиҳати ҳалли ин масоил ногузир ба ҳамгирой даъват мекунад.

Дар шароити муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамоми кишварҳоро фарогир аст, вобастагии байниҳамдигарии онҳо афзун гашта, таъсири мутақобилаи иқтисоди онҳо низ таҳким меёбанд. Дар ин замина равандҳои ҳамгирой ба миён меояд, ки он метавонад давлатҳоро дар сатҳи сохторҳо ва иттиҳодияҳои гуногун ба ҳам наздик намояд.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчунин равандест, ки дар он фазои ягонаи ҳарбию сиёсӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ дар заминаи технологияи баланди компютерӣ ташаккул меёбад. Бояд гуфт, ки инқилоби технологияҳои иттилоотӣ, системаи нави хизматрасонӣ: телевизион, компютер, телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои интернетӣ дар охири асри XX тамоми нуқтаҳои сайёраро ба ҳам пайвастанд. Рушди алоқаи телефонӣ ва шабакаҳои интернетӣ робитаи байни одамонро тақвият бахшида, фаъолияти онҳоро садҳо маротиба афзоиш дод.

Дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ба таври суръатнок инкишоф ёфта дар ҳамкорӣ ва алоқамандӣ ба ҳам рушд мекунанд.

Маврид ба зикр аст, ки ҷаҳонишавӣ дар шароити кунунӣ ҳамчун раванд як қатор имконоти муҳимро ба вуҷуд овардааст. Дастрасӣ ба иттилоот дар фазо ва вақти ягона, истифода намудан аз ҳар гуна хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди бозор, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ, ҳамгироии давлатҳо ва минтақаҳо, ҳалли дастаҷамъонаи мушкилоти ҷаҳон, имкони интихоби васеъ, рушди илм, иҷтимоишавии шахсият, аз ҷумлаи имконоти хуби ҷаҳонишавӣ арзёбӣ мегардад.

Раванди ҳамгироии байналмилалӣ дар чунин шароит авҷ гирифта воситаи муҳим ва фарқкунандаи кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки давлатҳои тараққинамуда ба ин васила мавқеи худро дар

сатҳи иқтисоди ҷаҳон мустаҳакам намуда манфиатҳои миллии худро ҳифз менамоянд.

Дар ҷаҳони имрӯз, ҷаҳонишавӣ як қатор падидаҳои манфиро ба вуҷуд овардааст, ки боиси нигаронии давлатҳои миллӣ гардидааст. Махсусан, кишварҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ то андозае арзишҳо, урфу одат ва анъанаҳои миллиашонро аз даст медиҳанд ва ё то андозае бо арзишҳои гунонун омехта мегараданд. Дар робита ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 26 апрели соли 2013 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуда буданд: “Раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати худ имрӯз башариятро дар рӯ ба рӯйи омезишу бархӯрди арзишҳо ва фарҳангҳои гуногун қарор додааст. Мо ҳамчун миллати қадима ва фарҳангӣ ҳаргиз мухолифи шинохтани фарҳангу тамаддунҳои мухталиф нестем, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳама он чизеро, ки давлатҳои рушдёфта ба мо пешниҳод менамоянд, қабул намоем”.[1]

Бояд қайд кард, ки дар навбати худ, ҷаҳонишавӣ ба зиёд гардидани муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии байни кишварҳо боис гардидааст. Дар ин замина муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии байни кишварҳо ва аъзогии онҳо ба созмонҳои байналмиллалии ҳамгироӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ру ба афзоиш ниҳодааст.

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирот дар низоми мавҷудаи ҷаҳонӣ ба таври объективӣ давлатҳо ва минтақаҳои муосирро ба ҳамгироӣ ҳамчун механизми ҳамкории муассир водор месозад, ки ба дарёфти вокунишҳои муштарак ба чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир ва инчунин таъмини инкишофи устувор ва самарабахш нигаронида шудааст. Дар назди давлатҳои муосир дар аксар маврид вазифаи таъхирнопазир қарор дорад, ки он гузаштан ва мутобиқ гардидан ба

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш.Душанбе. 26.04.2013. https://president.tj/event/missives/3949. Таърихи дидан: 20.02.2014.

сохти низоми нави ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин барои аксарияти давлатҳо дар шароити тараққиёти ҳозираи ҷаҳонӣ мустақилона ба ин мақсад ноил шудан душвор аст.[1]

Таҷрибаи ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ дар таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ нишон медиҳад, ин масъала ҳанӯз ҳам мубрам ба шумор рафта тавассути он кишварҳо дар созмонҳо ва сохторҳои нави ҳамгироӣ ба ҳам муттаҳид мешаванд. Бовуҷуди ин, сарфи назар аз алоқамандии равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ онҳо якхела набуда, онҳоро равандҳои зидди ҳамдигар медонанд.[2]

Зарурияти ташкили ҳамгироии иқтисодиро дар шароити ҷаҳонишавӣ бисёр мутахассисон ва олимони соҳаи иқтисод ҷонибдорӣ намуда онро барои кишарҳо манфиатовар нишон додаанд.

Ҳамин тариқ, оид ба пайдоиши хусусиятҳои нави ҳамгироӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ навиштан мумкин аст, ки ин раванд характери қонунӣ дорад. Хусусиятҳои сохторҳои ҳамгироӣ аз хусусиятҳо ва унсурҳои субъектҳои ҳамгироӣ фарқ мекунад. Зуҳури хусусиятҳои сохторҳои ҳамгироӣ дар сатҳи нави сифатӣ ба мавҷудияти қонуни синергия асоснок карда мешавад.

Тибқи назарияи синергетикаи иқтисодӣ, самараи синергетикӣ натиҷаи амали пайвастаи ҷузъҳои таркибии низоми иқтисодӣ буда, асосан тағйироти сифатии ҳолати он ва рушди низомро сарфи назар аз таъсири омилҳои экзогенӣ ва тағйирёбии эндогенӣ дар ҳолати устувор нигоҳ медорад.

Масъалаи асосии синергетика аз он иборат аст, ки оё қонунҳои умумие, ки пайдоиши низомҳои худташкилкунанда, сохтор ва вазифаҳои онҳоро танзим мекунанд, мавҷуд аст. Ҳар як низоми мураккаби

[1] Лагутина М.Л. Глобальный регион как элемент мировой политической системы XXI века (на примере Евразийского союза). Матни диссертатсия. - Санкт-Петербург, 2016. - С. 26. [Манбаи электронӣ]. - Воридшавӣ: URL: http://www.dslib.net/glob-razvitie/globalnyj-region-kak-jelement-mirovoj-politicheskoj-sistemy-xxi-veka.html.
[2] См.: Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х.У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2003 -№ 4.-С.6.

динамикӣ барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз ҳисоби мақсаднокӣ ва истифодаи ҳадди аксари имкониятҳои ҳамкорӣ барои ноил шудан ба самараҳои синергетикӣ мекӯшад.

Қонуни синергетика аз моҳияти ҳамгироӣ – эҷоди сохтори низоми иқтисодӣ барои таъмин ва амиқтар кардани ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути ташаккул ва инкишоф додани робитаҳои байни онҳо бармеояд. Идоракунии синергетикӣ ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҳамгирошуда, татбиқи тағйирот дар сохтори низоми иқтисодӣ, дар муносибатҳои беруна барои таъмини таъсири мусбати синергетикӣ нигаронида шудааст.

Сабаби баҳамтаъсиррасонии ҳамгироӣ хоҳиши ба даст овардан ва баланд бардоштани самараи синергетикӣ мебошад, яъне амали ҳамдигарро пурракунандаи ду ва зиёда кишварҳои ҳамгирошаванда аст, ки натиҷаи умумии он аз натиҷаҳои инфиродии бадастовардаи давлатҳо зиёдтар аст.

Аз ин рӯ, синергетика дар сохторҳои ҳамгирошуда тамоми соҳаҳои мутақобила ва муттаҳиднамудаи онҳоро фаро мегирад.

Синергия дар созмонҳои ҳамгирошуда чунин тавсиф мешавад:

- мавҷи густариши навъҳои нави фаъолияти инноватсионӣ;

- истифодаи воситаҳои гуногуни молиявӣ;

- афзоиши ҳаҷм ва суръати интиқоли ахборот ва коркарди маълумот;

- истифодаи равишҳои навоварона дар низоми идоракунии ташкилоти ҳамгироӣ;

- таъсири мутақобилаи субъектҳои гуногуни фазои ҳамгироӣ.

Дар ин замина метавон гуфт, ки барои иттиҳодияҳои ҳамгироӣ принсипҳои зерин метавонад хос бошад, ки дар муттаҳидшавии кишварҳо дар як сохтор ба инобат гирфта хоҳад шуд:

1.Принсипи ягонагӣ. Яъне дар натиҷаи баҳамтаъсири ҳамаи ташкилдиҳандагони сохтори ҳамгироӣ зоҳир мегардад. Кишварҳо дар як

иттиҳодия муттаҳид гашта робитаҳои байниҳамдигариро ташаккул ва инкишоф медиҳанд. Истифодаи баробари захираҳо дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ба вуҷуд меояд ва дар натиҷа байни кишварҳои узв самараи ягонагӣ ба даст меояд.

2.Принсипи мутобиқшавӣ. Тавсеи мутобиқшавии сохтори ҳамгироӣ ба шароитҳои берунии сохторӣ падидаи қонунист, ки ба омилҳои зерин асоснок мегардад: васеъ намудани имкониятҳои берунӣ аз ҳисоби ташаккул додани робитаҳои иловагӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ; кишварҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ метавонанд шароитҳои берунии иттиҳодияҳоро ба хотири расидан ба мақсадҳояшон ба худ мутобиқ гардонанд.

3.Пинсипи чандирӣ. Ин имкон медиҳад, ки кишварҳои узви иттиҳодияҳо ба тағйиротҳои дохилӣ ва берунии сохторҳои ҳамгироӣ дар вақташ вокуниш нишон диҳад. Яъне вобаста ба доираи шароитҳои нави инкишофи аъзоёни он суръати тағйирёбиро афзоиш диҳад.

4.Принсипи мураккабӣ. Дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ аз як тараф шумораи унсурҳои он ва аз дигар тараф шумораи аъзоёни он афзоиш меёбад. Бинобарин муосибатҳои ҳамгироӣ дар байни аъзоёни сохторҳои ҳамгироӣ хусусияти мураккабиро ба худ касб мекунад.

5.Принсипи пайвастагӣ. Сохторҳои ҳамгироӣ сатҳи баланди алоқамандии байниҳамдигариро доранд, зеро дар асоси мубодилаи захираҳо ва мутобиқ намудани манфиатҳои байниҳамдигарӣ вобастагии онҳо афзоиш меёбад.

6.Принсипи мақсаднокӣ. Кишварҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ сатҳи баланди мақсаднокиро доро мебошанд ва дар назди худ шартҳои муайянро мегузоранд: мувофиқа намудани мақсади субъектҳои ҳамгироӣ; таъмини захираҳо барои амалигардонии мақсадҳо; ташкили низоми назоратӣ аз болои амалигардии мақсадҳои дар пеш гузошташуда.

Бо дарназар доштани принсипҳо ва хусусиятҳои хоси равандҳои ҳамгироӣ алоқамандии байни фаҳмишҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба инобат гирифта мешавад.

Аз сабаби он ки кишварҳои ҷаҳони муосир аз ҷиҳати сатҳи тараққиёт ва ҳудуди ҷуғрофӣ аз ҳамдигар тафовут доранд, таъсир ва натиҷаи ҷаҳонишавӣ низ ба давлатҳои алоҳида ва гуруҳи кишварҳо якранг нестанд. Дар баробари ин дар калонтарин кишварҳо ҷаҳонишавӣ таъсири гуногун метавонад расонад ва оқибатҳои нобарор дошта бошад.[1] Аммо барои баъзе кишварҳои дигар, чӣ дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ ва чӣ берун аз ин иттиҳодияҳо, манфиатбор хоҳад буд.

Аз тарафи дигар, рушди динамикӣ ва печида шудани шаклҳои ҳамгироӣ ҳамчун вокуниш ба шиддат гирифтани рақобати байнидавлатӣ, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст, шарти муҳими таҳкими робитаҳои минтақавӣ байни иқтисодиёти миллӣ дониста шуда, мубодилаи онҳоро бо, ба истилоҳ, «боқимондаи ҷаҳон» маҳдуд мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ дар сатҳи муносибатҳои умумиҷаҳонии иқтисодӣ равандҳои ҳамҷаворӣ ба ҳам касб кардаанд ва дар рушди ҳаёти иқтисодии кишварҳо ба ҳам бархурд хоҳанд дошт.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ асосан кишварҳои пешрафта ҳавасманданд, ки ба аъзогии созмонҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ шомил гарданд. Дар ин росто ҳамгироӣ дар баробари ҷаҳонишавӣ ба тамоми минтақаю соҳаҳо ва дар маҷмуъ ба иқтисодӣ миллӣ таъсир метавонад расонад, зеро дар ҷаҳони муосир сатҳи гуногуни инкишофи кишварҳо ҷой дорад.

[1] Межевич Н.М. Балтийский регион: конструктивистская специфика и политические итоги [Манбаи электронӣ] / Межевич М.Н. // Мегарегион - сетевая конфедерация [сайт]. 2003. – URL: http://net-conf.org/articles_text_6.htm (Воридшавӣ: 25.12.2023).

Воқеъан дар натиҷаи ин равандҳо то чӣ андоза кишварҳо ба мушкилиҳо ба дастовардҳо рӯ ба рӯ мешаванд, номаълум аст, лекин мусаллам аст, ки он метавонад ба манфиатҳои иқтисоди миллӣ бошад. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки нақши созмонҳои байнидавлатӣ дар ин раванд норушан боқӣ мемонанд, вале аз дигар тараф чунин созмонҳо бо роҳи танзими муайяни ҳаёти иқтисодӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ таъсир мегузоранд. Бо вуҷуди ин, дар баробари таъсири мусбӣ расонидани ин равандҳо ба рушди иқтисодиёти давлатҳои ҷудогона, ҳамчунин метавонад ба инкишофи онҳо монеъа эҷод намоянд.

Кишварҳо рӯ ба инкишоф дар наздиктарин фурсат бояд ба низоми ҷаҳонии муносибатҳои иқтисодӣ мутобиқ гарданд ва дар рушду ташаккули он вобаста ба манфиатҳои милли давлаташон ширкат намоянд.

Бо мақсади нишон додани вокуниш ба мушкилоти дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба вуҷуд омада, кишварҳое, ки дар сатҳи рушду инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ҳастанд, дар доираи сохторҳои минтақавии ҳамгироӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ ба ҳам муттаҳид гардидаанд. Дар баъзе ҳолатҳо мутахассисон чунин иброз намудаанд, ки кишварҳои сустинкишофёфта дар натиҷаи ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи иқтисоди ҷаҳон, дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷойгоҳи муайяни худро пайдо мекунанд.

Ҳамин тавр кишварҳои Осиёи Миёна, хусусан Тоҷикистон, ҳамеша манфиатдор ҳастанд то аз он имкониятҳое, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ пешорӯи онҳо қарор мегирад ва ба рушди иқтисодиёти онҳо мусоидат менамояд, истифода намоянд. Аз ин лиҳоз зарурати пиёда намудани ин имконоти пешомада дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба миён меояд, ки ба рушди иқтисодии кишвар боис мегардад.

Дар амал ҷорӣ намудани ин имкониятҳо метавонад тавассути омили ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар амалӣ гардад, зеро маълумот оиди сармоя, азхуднамоии сармоя ва самаранок истифода бурдани он метавонад ба кишварҳое ба монанди Тоҷикистон ва дигар давлатҳои дар минтақаи Осиёси Марказӣ ҷой гирифта судовар бошад.

Дар маҷмуъ ҳифзи ҷойгоҳи худ ва мустаҳакам намудани мавқеияти худ дар бозорҳои ҷаҳонӣ яке аз ҳадафҳои асосии кишварҳои ҳамгирошаванда дар сатҳи созмонҳои ҳамгироӣ мебошад, зеро вақте ки давлатҳо бо мақсади ҳамгироӣ дар чунин сохторҳо ба ҳам меоянд ва наздик мешаванд дар назди худ мақсаду ҳадафҳои якхеларо мегузоранд. Дар баробари ин, кишварҳо бо мақсади вокуниш нишон додан ба оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироӣ ҳадафҳои якхела мегузоранд ва барои табодули таҷрибаи ҳамдигар барои иштирокчиёни он замина фароҳам меоранд.

Сохторҳои иқтисодӣ ба иҷро гардидани мақсаду вазифаҳои муайянгардида, ки дар назди кишварҳои узви ин созмонҳо мавҷуд мебошад, бояд мусоидат кунанд. Аз таҷрибаи ҳамгироӣ бармеояд, ки омилҳои ба ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ гаравидани кишварҳо сатҳи рушди иқтисодӣ ва робитаҳои дуҷонибаи иқтисодии онҳо мебошад.

Метавон гуфт, ки ҳамгироӣ натиҷаовар хоҳад буд, агар кишварҳои пурқудрати ҷаҳон дар маркази ин гуна ҳамгироии иқтисодӣ қарор бигиранд.[1]

Ба назар чунин мерасад, ки муттаҳидшавии иқтисодии кишварҳо ба давлатҳои ширкаткунанда имкон медиҳад, ки ба талаботи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷавобгӯ бошанд ва ба фишори абарқудратҳои иқтисодӣ муқобилат кунанд. Давлатҳои гуногун дар натиҷаи иттиҳод ва ҳамгироӣ

---

[1] Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Душанбе 2018 г. 167 стр.

имкон пайдо мекунанд, ки манифатҳои худ ва дигар аъзоёни сохтори ҳамгироиро дар доираи ин ташкилотҳо бо дарназардошти қонуниятҳо ва хусусиятҳои асосии ҳамгироӣ ҳифз намоянд, ҳуқуқҳои худро ҳимоя намоянд ва бо кишварҳои абарқудрат муқовимат намоянд. Ихтиёрӣ будани ҳамгироии иқтисодӣ; ҷой доштани зерсохтори тараққикарда дар ҳамкории мутақобила; ҷалби сармояи хориҷӣ вобаста ба сиёсати сармоягузорӣ; назорати қатъӣ ва дурусти иҷрои шартномаҳо, қонунҳо ва қарорҳо; мавҷуд будани органҳои муҳим ва марказии болоидавлатӣ; чандирии равандҳои ҳамгироӣ ва сиёсати чандир нисбат ба кишварҳои сеюм; ба даст овардани рушди иқтисодӣ тавассути иқтисодиёт ва сиёсати савдои кушод ҳамчун хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар тафсири ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ олимони зиёди ватанию хориҷӣ кӯшиши зиёд кардаанд. Яке аз онҳо иқтисодшиноси тоҷик Садимуродов Лутфулло аст, ки чунин иброз доштааст: “Ҳамгироии иқтисодӣ шакли нави робитаи байниҳамдигарии иқтисодиёти миллӣ дар доираи иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ мебошад”.[1]

Иқтисодчии дигар Қандиёрова Дилбар низ дар тафсири ин категорияи иқтисодӣ андешаҳои худро байн кардааст: “ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар кишварҳо дорои сатҳи якхелаи рушди иқтисодӣ бошанд...”.[2] Аммо дар тафсири ҳамгироии иқтисодӣ дар маҷмуъ ва ташаккули равандҳои ҳамгироӣ метавон ба ин ақида розӣ нашуд, зеро кишварҳое, ки дар замони муосир ба сохторҳои ҳамгироӣ пайваст мешаванд, дорои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ ҳастанд ва минтақаҳои гуногунро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд.

Чунин хулоса метавон кард, ки ҳамгироии иқтсиодӣ ҷузъи

[1] Саидмурадов Л.Х. Международная экономика: теория, история, политика: учебник - Душанбе: Ирфон, 2002. - С. 246.
[2] Кандиёрова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика. - Душанбе, 2006. - С. 31-32.

ҷудонашавандаи раванди ҷаҳонишавӣ буда, асоси онро ташкил медиҳад. Ҷаҳон худ як бозори бузурге аст, ки барои ворид шудан ва фаъолият намудан барои минтақаҳо ва кишварҳо монеа вуҷуд надорад.

Ин таҳкими вобастагии мутақобила ва афзудани таъсири мутақобилаи соҳаҳо ва равандҳои гуногуни иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки дар тадриҷан ба бозори ягонаи мол, хизматрасонӣ, сармоя, меҳнат ва дониш табдил ёфтани иқтисоди ҷаҳонӣ ифода меёбад.

Ҷаҳонишавӣ дар айни замон яке аз муҳимтарин хусусиятҳои воқеии низоми ҷаҳонии муосир, яке аз қувваҳои таъсирбахши муайянкунандаи рушди тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Ҷаҳонишавии қувваҳои истеҳсолкунанда бо роҳи мубодилаи воситаҳои истеҳсолот ва донишҳои илмию техникӣ, технологӣ, инчунин дар шакли махсусгардонӣ, ки воҳидҳои иқтисодиро дар сатҳи байналмилалӣ ба низоми истеҳсолот ва истеъмолкунанда тавассути кооператсияи истеҳсолӣ, ҳаракати байналхалқии захираҳои истеҳсолӣ пайваст мекунанд.

Ҷаҳонишавӣ дар оянда метавонад чунин ҳолатҳоро ба бор орад:

- шиддат гирифтани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ;

- ба иқтисоди кушод гузаштани низоми иқтисодии давлатҳое, ки фаъолияти иқтисодиро ҳанӯз пурра озод накардаанд;

- дастрасии бемамониат барои ҳамаи иштирокчиён бозорҳо;

- муттамарказ намудани танзим ва назорат аз болои бозор;

- стандартизатсияи талабот ба ҳаракати сармоя, раванди сармоягузорӣ ва низоми ҷаҳонии пардохт ва ҳисоббаробаркунӣ.

Дар баробари ин, проблемаҳое ҳам метавонад ба миён ояд, ки боиси пайдоиши оқибатҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҳама кишварҳо мегарданд:[1]

---

[1] Кучерявенко, С.А. Интегратсия ва ҷаҳонишавӣ / С.А.Кучерявенко, С.В.Сивоконюк. - Матн: бевосита // Олими ҷавон. - 2010. - No 1-2 (13). - Т. 1. - С. 212-215. - URL: https://moluch.ru/archive/13/1012/ (санаи дастрасӣ: 09/05/2024).

- тақсимоти нобаробари манфиатҳои ҷаҳонишавӣ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ;

- имконпазирии деиндустриализацияи иқтисодиёти миллӣ;

- имконияти аз даст рафтани назорати иқтисодиёти миллии кишварҳои соҳибихтиёр (ба дасти дигар субъектҳо, аз ҷумла кишварҳои қудратманд, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғ. гузаштани он);

- ноустувории эҳтимолии бахши молиявӣ, минтақавӣ ё ҷаҳонӣ бинобар вобастагии мутақобилаи иқтисоди миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ. Масалан, тағйирёбии иқтисоди миллӣ ё пайдоиши бӯҳронҳо дар як кишвар метавонад оқибатҳои минтақавӣ ва ҳатто ҷаҳонӣ дошта бошад.

Бо дарназардошти ҳама андешаҳое, ки қаблан гуфта шуд, мехоҳам қайд намоям, ки ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дар ҷаҳон раванди бебозгашт буда аз ҳамдигар вобастагии зиёд доранд. Мавҷудияти онҳо на танҳо талаботи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, балки онро қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди ҷомеа муайян менамояд.

Андешаҳои болоро хулоса намуда қайд намудан ба маврид мебошад, ки ҳамгироиро ҳамчун раванди мукаммали иқтисодию иҷтимоӣ бояд ҳисоб кард, зеро он бояд натиҷаҳои иҷтимоӣ дошта бошад ва дар баланд бардоштани даромадҳои аҳолии кишварҳо, беҳтар гаштани сатҳи зиндагии мардум ва некуаҳволии онҳо саҳмгузор бошад. Мусаллам аст, ки дар сатҳи иттиҳодияҳо ва сохторҳои ҳамгироӣ, дар шароити муосир, тамоми кишварҳоро як хусусияти хос ба ҳам муттаҳид мекунад - омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштани ҳамгироӣ.

Бешубҳа метавон гуфт, ки дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият ҳамгироӣ раванди муттаҳидшавии иқтисодию сиёсии мамлакатҳо дар асоси муносибатҳои амиқи устувори иқтисодӣ мебошад. Манзараи геополитикии муосир ҳамбастагии қувваҳоро дар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ тағйир надодааст. Ҳамкориҳои иқтисодӣ

тадриҷан дар саросари ҷаҳон ранги иҷтимоӣ гирифта, бо тамоми зуҳуроташ ба беҳтар шудани зиндагии мардум нигаронида шудаанд.

Асоситарин вазифаҳои давлат дар шароити ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ин истифодаи васеъ аз шароитҳои дар ихтиёр доштаашон буда, аз онҳо тақозо менамояд, ки бо имконот ва шартҳои маҷудияти худ дар ҷаҳони иқтисод мутобиқ гарданд.

## 1.3. Таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои он

Ҳамчун кишвари соҳибистиқлол сиёсати берунииқтисодии ҷумҳурӣ дар раванди инкишоф ва ташаккули он нақши бисёр муҳим ва арзанда дорад. Инкишоф ва рушду нумӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар давраи беш аз сиюду соли сипари гардида назаррас буда, он дар доираи иқтисодиёт ва дар ин замина ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ бо таззодҳое рӯ ба рӯ шуд ва бо ҳалли имконпазири онҳо мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ устувор намуд. Муаррифӣ кардани кишваре бо номи Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ, ки давлати тозаву навбунёд ба шумор мерафт, аз асоситарин самтҳое дар самти сиёсати хориҷии иқтисодӣ маҳсуб меёфт.

Ба сари давлат шахсияте ҳамчун роҳбар омад, ки бо сиёсати хирадмандона ва ҳадафҳои устувор дар амалисозии нақшаҳои ободкоронаю сулҳҷуёна Тоҷикистонро ҳамчун кишвари соҳибистиқлол, дунявӣ, ягона ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ намуд ва тавонист, ки мардумро дар атрофи худ муттаҳид созад. Дар баробари ин ҷумҳуриро дар арсаи байналмиллалӣ ҳамчун кишвари дорои ҳадафҳои созанда муаррифӣ намуд. Натиҷаи чунин сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатро дар соҳаҳои гуногуни равобити хориҷии кишвари соҳибистиқлоламон метавонем бинем.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аъзо шудан ба сохторҳои ҳамгироии байналхалқӣ ва дигар иттиҳодияҳои иқтисодию молиявӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳал намудани масоили мубрами иқтисодию иҷтимоӣ ва мушкилиҳои вобаста ба самти амнияти миллӣ нақши муассири худро мегузорад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, Тоҷикистон ба созмонҳо ва иттиҳодяҳои байналмилалии иқтисодии ҳамгироӣ аъзо гардида куллан дар иҷрои вазифаҳои худ дар ин сатҳ ва расидан ба ҳадафҳои миллӣ ба монанди рушди иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва шуғли аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани даромадҳои аҳолӣ кушиш ба харҷ медиҳад.

Мустаҳакам ва афзун намудани робитаҳои ҳасана ва судовар бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон, дар самти сиёсати берунӣ ва хориҷии кишвар, мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Сохторҳо ва иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар шаклу намудҳои гуногун таъсис ёфтаанд, ки Тоҷикистон дар даврони истиқлолият узви чунин созмонҳое ба монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони умумиҷаҳонии савдо ва ғ. мебошад.

Агар ба таърихи таъсиси чунин созмонҳо назар андозем, ҳанӯз дар даврони шуравӣ Шурои ёрии ҳамдигарии иқтисодӣ (СЭВ) амал мекард. Шурои ёрии ҳамдигарии иқтисодӣ аз аввалин сохторҳои ҳамгироие маҳсуб меёбад, ки бо ташкилёбиаш бозорҳои миллӣ ва байналмилалии кишварҳои узви онро мустаҳакам ва васеъ намуд.

Дар сатҳи созмони номбурда барномаҳои мушаххасе қабул гардиданд, ки мақсад аз он боз ҳам такмилу инкишоф додани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва мутобиқ гардонидани нобаробариҳои миллӣ-территориявӣ дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ сусттараққикарда

буда, ба ташаккули сохти прогрессивии саноатӣ дар он давлатҳо мусоидат кард. Бояд қайд кард, ки яке аз бартариҳои ин иттиҳодия ин будааст, ки дар он тақсимоти байналхалқии меҳнат мавқеи аввалро ишғол мекард, яъне тавасути тақсимоти байналхалқии меҳнат кишварҳои узв тавонистанд, ки сатҳи рушди иқтисодии баъзе аз давлатҳоро баланд бардоранд. Масалан Булғория тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноат дар ҳамон солҳо ба як зинаи баланди тараққиёт расида буд ва инро ҳамчун натиҷаи чунин ҳамгироӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар шароити кунунӣ бошад, дар ҷаҳон зиёда аз сад созишномаҳои минтақавӣ ва тиҷоратию иқтисодӣ амал мекунанд, зиёда аз сенздаҳ блокҳои тиҷоратии байналмилалии минтақавӣ ва иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ мавҷуданд. Дар байни онҳо метавон иттиҳодия ва созмонҳои ҳамгироии зеринро номбар намуд: МЕРКОСУР, АСЕАН NAFTA, ИДМ, ЭКО, ШОС, СААД, СУС, СҲИ ва ғ.

Яке аз чунин иттиҳодияҳо МЕРКОСУР аст, ки он бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ, созишномаи иқтисодӣ ва сиёсии байни Аргентина, Бразилия, Уругвай, Парагвай ва Венесуэла мебошад. Дар шакли ҳозирааш блок 26 марти соли 1991 дар мулоқоти аввалини президентҳои Аргентина, Бразилия, Парагвай ва Уругвай, ки дар Асунсон баргузор гардид, таъсис дода шуд. Дар фарҷоми вохӯрӣ Шартномаи Асунсон – санади асосие ба имзо расид, ки механизмҳо, сохтори иттиҳоди гумрукӣ ва бозори умумии чаҳор давлат ва вазифаҳои онро муайян мекунад. Созишнома дар бораи таъсиси МЕРКОСУР, ки дар Асунсон ба имзо расида буд, 29 ноябри соли 1991 эътибор пайдо кард.

Ҳамчун сабабҳои асосии ташаккули бозори умумии мамлакатҳои Амрикои Ҷанубӣ майлу хоҳиши тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои минтақа, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мамлакатҳои аъзо, инчунин кам кардани таъсири Штатҳои Муттаҳида ба мамлакатҳои аъзои гуруҳро махсус қайд кардан мумкин аст.

Шартномаи Асунсон мақсадҳои МЕРКОСУР-ро муайян мекунад:

- ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ ва қувваи корӣ;

-муқаррар намудани тарифҳои ягонаи гумрукӣ дар савдо бо давлатҳои ғайриузв ва татбиқи сиёсати ягонаи савдо нисбат ба кишварҳое, ки аъзои МЕРКОСУР нестанд;

- ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ ва соҳавии давлатҳои аъзо дар соҳаи савдои хориҷӣ, кишоварзӣ, саноат, андозҳо, низоми асъор, гардиши сармоя, хизматрасонӣ ва нақлиёт.

Ҳоло мамлакатҳои аъзои МЕРКОСУР шарикони асосии тиҷоратию иқтисодии Россия дар минтақаи Америкои Лотинӣ ба шумор меараванд. Омӯзиши фаъолияти кишварҳои узви МЕРКОСУР нишон медиҳад, ки ҳамгироии иқтисодӣ боис гардид то мувозинати содирот ва воридот дар доираи ин иттиҳодия таъмин гардад ва барои инкишофи минбаъда вазифаҳои мушаххас дар самти содирот ба дигар кишварҳои берун аз ин созмон гузошта шавад. Барои амалӣ гардидани вазифаҳои дар пеш гузошта ҳар як кишвари аъзои ин иттиҳод бо мақсади афзоиш додани содирот бо давлатҳои дигар кӯшиш ба харҷ медиҳанд ва дарбаробари ин саъй менамоянд, ки талаботи дохилиро бо молҳое таъмин намоянд, ки дар доираи кишварҳои ин созмон истеҳсол карда намешавад.[1]

Ин блоки иқтисодиро ҳамчун бозори умумӣ дар доираи марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ метавон ном бурд ва онро дар зинаи чоруми инкишофи равандҳои ҳамгироӣ ҷойгир намуд.

Марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодиро олими соҳаи иқтисод Бел Баласса махсусан қайд кардааст, ки он панҷзинаӣ мебошад. Дар равишҳои амалии таҳлили хусусият ва амиқи ҳамгироии иқтисодӣ модели рушди *панҷмарҳилавӣ* бартарӣ дорад.[2]

---

[1] Сафаров Б.Г. Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) . Диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. –Душанбе 2023, саҳ.193.

[2] Б.Баласса. Теория экономической интеграции / Баласса Б. Лондон, 1961. -310 стр

Зинаи аввали ҳамгироиро созишномаҳои басташудаи тиҷоратӣ дар байни кишварҳо ташкил мекунад. Ин ба он маънӣ аст, ки мамлакатҳо дар самти ҳамкориҳо ва ҳамгироӣ гомҳои нахустини худро мегузоранд. Дар байни кишварҳои гуногун ва ҷудогона, дар миёни сохторҳои ҳамгироии аллакай мавҷудбуда, ба ин монанд созишномаҳои тиҷоратӣ баста мешаванд, ки дар натиҷаи он кишварҳо шароити мусоиди ҳамкориҳоро барои ҳам фароҳам мекунанд.

Дар сатҳи дуюми ҳамгироӣ кишварҳо ба ташкили минтақаи савдои озод мегузаранд, ки он на кам кардани оддӣ, балки комилан бекор кардани тарифҳои гумрукиро дар савдои байниҳамдигарӣ бо нигоҳ доштани тарифҳои миллии гумрукӣ дар муносибатҳо бо мамлакатҳои сеюм пешбинӣ менамояд. Дар аксари мавридҳо шартҳои минтақаи озоди тиҷорат ба ҳама молҳо, ба истиснои маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ мешаванд. Минтақаи савдои озодро котиботи хурди байнидавлатие, ки дар яке аз кишварҳои узв ҷойгир аст, метавонад ҳамоҳанг созад, вале аксар вақт бидуни он амал мекунад ва параметрҳои асосии рушди онро дар ҷаласаҳои даврии роҳбарони идораҳои дахлдор ҳамоҳанг мекунад.

Иттиҳоди гумрукӣ марҳилаи сеюми ташкили ҳамгироии иқтисодӣ мебошад, ки он бо бекор кардани тарифҳои гумрукии мувофиқашуда дар байни кишварҳои аъзо ва ҷорӣ намудани тарифи ягонаи гумрукӣ маълум аст. Он имкон медиҳад, ки молу хизматҳо дар қаламрави иттиҳодияи ҳамгироӣ озодона ҳаракат намоянд ва бе пардохти боҷи гумрукӣ савдо шаванд. Ин иттиҳод талаб мекунад, ки сиёсати савдои хориҷӣ дар байни кишварҳо ҳамоҳанг гардида, низоми муайяни танзим ва назорат аз тарафи мақомоти байнидавлатӣ роҳандозӣ гардад.

Дар марҳилаи чоруми ҳамгироӣ, кишварҳо ба он розӣ мешаванд, ки дар баробари ҳаракати озоди молу хизматҳо омилҳои истеҳсолот низ дар муносибатҳои иқтисодии аъзоён озодона ҳаракат намоянд. Ин амал

аз мақомоти дахлдори байнидавлатӣ назорат ва танзими ҷиддиро дар сатҳи сиёсати иқтисодӣ тақозо менамояд.

Ин назорат ва танзиму ҳамоҳангсозии кишварҳо дар вохуриҳои роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва бевоситаи роҳбарони ҳукумати кишварҳои аъзо ба роҳ монда мешавад.




**Расми 1.1. - Марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ**

Дар марҳилаи дигар ва ниҳоӣ он ҳамкориҳои иқтисодӣ дар сатҳи ниҳоят олӣ қарор мегирад ва ҳамчун иттиҳоди иқтисодӣ ном бурда мешавад. Дар он бо вуҷуди ҷой доштани тарифи ягонаи боҷи гумрукӣ ва

ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот ва молу хизматҳо инчунин сиёсати ягонаи макроиқтисодӣ низ амалӣ гардонида мешавад. Ҳамчунин дар ин марҳила иттиҳоди соҳаҳои асъорӣ, буҷетӣ ва пулӣ низ вобаста ба қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Дар ин сатҳ ташкилотҳо имконияти муттамарказии назорати амалҳо ва дар маҷмуъ иқтисодиётро доранд ва инчунин метавонанд аз номи иттиҳодия ва ё сохторҳо қарорҳои муайян ва саривақтиро қабул намоянд. Дар сатҳи сохторҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгирой мақомоти байнидавлати ҳуқуқ доранд, ки мустақилона бе иштироки ҳукумати кишварҳои аъзо оиди масоили ба созмон тааллуқдошта қарорҳои дахлдор қабул кунад.

Чунин хулоса метавон намуд, ки ҳамгироии иқтисодӣ раванди серсоҳа буда, дар заминаи он бо ба роҳ мондани ҳамкориҳо, соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба ҳам муттаҳид мегарданд.

Тоҷикистон дар оянда дар самти сиёсати хориҷии худ ба густариши муносибатҳои иқтисодию иҷтимой ва таҳкими ҳамкориҳои ҳасана бо кишварҳои Осиёси Марказӣ, тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳои минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Амрико таваҷҷуҳ ва аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад, ки ин ҳама асоси сиёсати дарҳои кушоди кишварро ташкил менамояд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи

кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст.[1]

Тоҷикистон минбаъд низ бо мақсади таъмин намудани ҳадафҳои рушди устувор бо ҳамаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд ҳамкориҳои худро густариш медиҳад.

Дар ҳудуди Осиё бошад гуруҳҳои ҳамгироии гуногун таъсис дода шудаанд, ки баъзеи онҳо то имрӯз фаъолияти худро идома дода истодаанд. Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) як созмони байналмилалии минтақавӣ аст, ки соли 2001 аз ҷониби раҳбарони Чин, Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон таъсис ёфтааст. Ба истиснои Ӯзбекистон, боқимонда кишварҳо узви «панҷгонаи Шанхай» буданд, ки дар натиҷаи имзои созишнома дар солҳои 1996-1997 таъсис ёфтааст. Он созишнома миёни Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Россия ва Тоҷикистон дар бораи таҳкими эътимод ба арсаи низомӣ ва коҳиши мутақобилаи нерӯҳои мусаллаҳ дар минтақаи марзӣ ба имзо расиданд. Баъди шомил шудани Узбакистон дар соли 2001 ширкаткунандагон номи созмонро иваз карданд.

Яке аз хусусиятхои СҲШ дар он аст, ки вай аз ҷиҳати мақом на блоки ҳарбӣ, монанди НАТО, на конференсияи кушоди доимии амният, монанди АСЕАН, балки мавқеи миёнаро ишғол мекунад. Вазифаҳои асосии созмон таҳкими субот ва амният дар як минтақаи васеъ, ки кишварҳои узвро муттаҳид мекунад, мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, шарикии энергетикӣ, ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ мебошанд.[2]

Ҳамкории кишварҳо дар доираи СҲШ пайваста густариш меёбад. Ҳиндустон ва Покистон дар соли 2017 ба ҳайси узви доимӣ ҳамроҳ

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе. https://president.tj/event/missives/36370 Санаи дидан: 07.09.2024

[2] Содиков М.С.Экономическая интеграция центроазиатских стран в рамках интеграционного объединения ШОС. Финансово-экономический вестник. –Душанбе. -2020, №1(21). –стр.50.

шуданд. Бо пайвастани Эрон СҲШ ба «Нӯҳнафараи Шанхай» табдил меёбад. Агар кишварҳои нозир ва шариконро ба назар гирем, пас «оилаи СҲШ» ба 21 аъзо расидааст.

Дигар гуруҳи ҳамгироии амалкунанда Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи он ба шумор меравад ва аз давраи аввали таъсисёбиаш ба он шомил гаштааст. ИДМ бистуякуми декабри соли 1991 дар Алмаато таъсис ёфтааст. Дар декларатсияи қабулшуда аъзоёни Иттиҳоди Давлатҳои Муттаҳид ҳамкории худро дар асоси баробарҳуқуқии соҳибихтиёрӣ эълон карданд.

Дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ин кишварҳо ба ҳам муттаҳид гардидаандт: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Украина. Аз моҳи августи соли 2005 Туркманистон аз узвияти комилҳуқуқи ИДМ хориҷ шуда, мақоми узви нозири ин иттиҳодро гирифтааст. Аз декабри соли 1993 то 18 августи соли 2009 Гурҷистон дар ҳайати ИДМ буд.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкилоти байналхалқии минтақавии (шартномаи байналмилалӣ) мебошад, ки барои танзими муносибатҳои ҳамкории байни давлатҳое, ки пештар дар ҳайати ИҶШС буданд, ташкил ёфтааст. Кишварҳои назди балтик аз аъзогӣ ба ин иттиҳод даст кашиданд. Аммо бояд гуфт, ки асоси ба ҳам муттаҳид гардидани собиқ кишварҳои аъзои ИҶШС тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба ҳисоб мерафт ва дар низоми иқтисоди нақшавии он замон ба вуҷуд омада буд. Чунин ба назар мерасид, ки дар таъмини маҳсулот ва ашёи хом дар иқтисодиёт кишварҳо дар алоҳидагӣ вобаста гардида буданд ва онҳо якҷоя гардида хоҷагии халқи умумишуравиро ташкил мекарданд.

ИДМ муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ, техникию инноватсионӣ ва ғ-ро дар миёни кишварҳои пасошӯравӣ аз

нав эҳё намуд. Ба ташкили ин раванд омилҳое ба монанди умумияти географию истеҳсолӣ, технологию нақлиётӣ ва мавҷудияти зерсохтори ягона боис гашт.

Аммо бояд гуфт, ки ҳама ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ дар роҳи ворид шудан ба бозорҳои ғарбӣ аз сабаби паст будани сатҳи техникии истеҳсолот аз рӯи стандартҳои ҷаҳонӣ ба мушкилоти умумӣ дучор шуданд ва бинобарин сабаб ба бозорҳои ҳамдигар ниёз доштанд. Ин боис гардид, ки кишварҳои пасошӯравӣ дар як иттиҳоди мустақил ба ҳам оянд ва дар якҷоягӣ ҳадафҳои дар пешгузоштаи худро амалӣ созанд.

Лекин пастравии истеҳсолот дар бархе аз кишварҳои узв, фарқият дар сатҳи нархҳо, гуногун будани сиёсати молиявӣ, аз ҷумла бонкию асъорӣ, танзими муносибатҳои гумрукӣ сабаби ҳамчун як иттиҳодияи воқъан ифодакунандаи ҳамгирой ва амалисозандаи ҳадафҳои муштарак нагардид.

Ҳамгироии иқтисодӣ ҳамон вақт дар доираи ин иттиҳод густариш меёбад, ки тибқи як барномарезии илман асоснок ва сиёсати ягонаи иқтисодӣ роҳандозӣ гардад

Вазифаи ҳамкориҳои иқтисодии ин созмон фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат ва сармоягузорӣ дар миёни давлатҳои узв, инчунин бартараф кардани монеаҳои мавҷудбуда дар ҳамкориҳои байни кишварҳо мебошад. Шарикони асосии тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон аз кишварҳои ИДМ Россия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон мебошанд.

Метавон чунин хулоса кард, ки ҳамгироии иқтисодӣ барои кишварҳои узви иттиҳод чунин имкониятҳоро фароҳам меорад:

1.Муқовимат намуда тавонистан ба мушкилоти раванди ҷаҳонишавии иқтисод;

2.Муҳайё кардани шароит ва имконият ҳамчун афазлиятҳои минтақавӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои ҳаракати сармоя, молу хизматҳо ва қувваи корӣ;

3.Кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ дар сатҳи корхонаҳои истеҳсолкунанда, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии молу хизматҳо, ки тараққиёти иқтисодӣ оварда мерасонад.

Дар шароити муосир вобаста ба ҷаҳонишавии босуръат кишварҳои гуногун бо мақсади истодагарӣ карда тавонистан ба мушкилоти ҷаҳонии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам наздик гардида, иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногунро таъсис медиҳанд. Ҳамчунин дар назди худ мақсадҳои муштаракро мегузоранд ва барои амалӣ гардидани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва марҳилаҳои ташаккули он имкон фароҳам овард, ки ба ҳам наздик будани сатҳи рушди иқтисодӣ ва бозорҳо, имконияти коркарди муштараки захираҳои табии мавҷудбуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии кишварҳои ҳамгирошударо ҳамчун шартҳои воқеии ташкили ҳамгироии иқтисодӣ муайян кард.

Аз таҷрибаҳои андухтаи созмонҳои ҳамгироии мавҷудбуда ва амалкунанда бармеояд, ки он дар натиҷаи ҳамкориҳои мутақобила ҳадафҳои муштаракро дар назди худ мегузоранд:

1.Амалӣ кардани ҳадафҳо ва фароҳам сохтани шароит дар самти сиёсати хориҷии ғайрииқтисодӣ, ба монанди соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ, фарҳангию илмӣ ва иҷтимоӣ.

2.Татбиқи барномаҳои муштарак бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ.

3.Ҷорӣ намудани сиёсати ягонаи савдо.

4.Дар натиҷаи ҳамгироӣ рушд додани соҳаи саноати дохилӣ барои кишварҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса амадан мумкин аст, ки дар шароити муосир хусусияти асосӣ ин аз ҳамдигар вобаста будани иқтисоди мамлакатҳо, рушди равандҳои ҳамгирой ва гузариши мамлкатҳои тараққикарда аз иқтисоди миллии шакли пӯшида ба иқтисоди кушод мебошад. Дар ин замина, шартҳои муҳими раванди ҳамгироиро метавон чунин шуморид:

-ба ҳам наздик будани сатҳи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои ҳамгирошаванда;

-наздикии ҳудудии кишварҳо;

-умумияти масъалаҳои иқтисодӣ ва дигар масоил;

-эффекти “домино” – кишварҳое, ки аз сохторҳои ҳамгирой берун мондаанд, барои ворид шудан ба чунин сохторҳо ҳаракат мекунанд.

Дар ин замина ҳамгироии иқтисодиро метавон ҳамчун раванди иттиҳоди иқтисодии байни кишварҳо фаҳмид, ки дар заминаи робитаҳои амиқу устувори хоҷагиҳои миллӣ дар натиҷаи бастани созишномаҳои ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар шароити муосир ҳамгироиро ҳамчун раванди муттаҳидшавии иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо дар асоси робитаҳои амиқ ва устувори иқтисодӣ метавон фаҳмид, ки натиҷаи он танҳо рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Ба фикри мо, раванди ҳамгироии гурӯҳҳои иқтисодии ҷаҳон хеле босуръат ва хеле самарабахш аст. Аз ҳамкориҳои иқтисодии ин кишварҳо бармеояд, ки муҳайё кардани шароити мусоид ва зарурӣ барои ҳамгирой сабаби баланд шудани рушди иқтисдоиёти кишварҳо ва сатҳи зиндагии мардум мегардад. Бояд аз таҷрибаи ҳамгирой ва ҳамкории бархе аз ин кишварҳо дар арсаи иқтисодии Тоҷикистон истифода кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар соҳаҳои мухталифи иқтисод бомуваффақият ҳамкорӣ кунад. Ҷумҳурӣ аз канданиҳои фоиданок, захираҳои об ва заминҳои ҳосилхез бой аст. Дар

ҳамкорӣ бо мамлакатҳои дорои иқтисодиёти тараққикарда, бо роҳи муҳайё намудани тамоми шароити зарурӣ барои истихроҷи маъданҳои фоиданок дараҷаи тараққиёти иқтисодиётро хеле баланд бардоштан мумкин аст. Ҳамчунин, тамоми шароитро фароҳам овардан лозим аст, ки бонкҳои хориҷӣ дар қаламрави Тоҷикистон ҳарчи бештар филиалҳои худро боз кунанд. Ин барои зиёд намудани маблағгузории кӯтоҳ ва дарозмуддати аҳолӣ шароит фароҳам меорад, ки бешубҳа ба вазъи иқтисодии ҳар як оила таъсир мерасонад. Натиҷаи ҳамин гуна ҳамкориҳо танҳо тараққиёти прогрессивии иқтисоди миллӣ шуда метавонад.

Мақсадҳои сиёсати беруна ва ё хориҷии Тоҷикистон дар оянда бояд ба фароҳам овардани шароити берунаи мусоидаткунандаи рушд, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиатҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон берун аз кишвар, таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона карда шаванд. Ҳамзамон, сиёсати дохилӣ бояд ба коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар ба таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли пурмаҳсул, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва фазои мусоиди соҳибкорӣ равона гардад.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик истиқлолият аст, ки 32 сол муқаддам ин воқеаи муҳими сарнавиштсози миллати тоҷик ба вуқӯъ пайваст ва ҳамасола 9-уми сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди махсус маҳсуб меёбад.

Баробари ба даст овардани истиқлолият, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагии ҳамешагӣ насиби мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз гардид. Бешубҳа месазад қайд кунем, ки саҳми Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ воло ва назаррас мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсеа додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, азнавсозӣ ва барқарорсозии инфрасохтор, ҷалб намудани сармоя, муҳайё кардани шароит барои тиҷорати озод ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар натиҷаи ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои байниҳамдигариро дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ бо дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон барқарор намояд ва роҳандозӣ кунад. Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳо дар алоҳидагӣ наметавонад, ки ба ҳадафҳои стратегии

дар пешгузоштаи худ ноил гардад ва аз ин ҷо зарурат ба шарикии ҳамкориҳо ва фаъолияти муштарак ба миён меояд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил узви комилҳуқуқи иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҳамгироии зерин мебошад: Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (СҲИ) (таърихи таъсисёбӣ: 29-уми ноябри соли 1992), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) (таърихи таъсисёбӣ: сентябри соли 1993) ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) (таърихи таъсисёбӣ: соли 2001). Воқеан ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир чӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва чӣ берун аз он ба худ шаклу намудҳои нав мегирад ва рӯз то рӯз тавсеа меёбанд.

**Ҷадвали 2.2. -Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(сохторҳои ҳамгироӣ, миллион доллари ИМА)

| Сохторҳо | Гардиши мол | | Содирот | | Воридот | | Салдо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. долл. | бо % | млн. долл. | бо % | млн. долл. | бо % | |
| **Соли 2020** | | | | | | | |
| СҲИ (ЭКО) | 1771,1 | 38,8 | 541,6 | 30,6 | 1229,5 | 69,4 | -687,9 |
| ИДМ (СНГ) | 2357,9 | 51,7 | 289,5 | 20,5 | 2068,4 | 65,6 | -1778,9 |
| СҲШ (ШОС) | 2792,2 | 61,2 | 334,9 | 11,9 | 2457,3 | 88,1 | -2122,4 |
| **Соли 2021** | | | | | | | |
| СҲИ (ЭКО) | 2308,4 | 36,3 | 862,4 | 37,3 | 1445,8 | 62,6 | -583,4 |
| ИДМ (СНГ) | 3120,1 | 49 | 574,6 | 18,4 | 2545,4 | 81,6 | -1970,8 |
| СҲШ (ШОС) | 4120,3 | 64,7 | 780,9 | 18,9 | 3338,9 | 81,1 | -2558 |
| **Соли 2022** | | | | | | | |
| СҲИ (ЭКО) | 2803,3 | 38,4 | 1077,5 | 38,4 | 1725,8 | 61,5 | -648,3 |
| ИДМ (СНГ) | 3870,4 | 52,9 | 761,4 | 35,5 | 3109,0 | 60,1 | -2347,6 |
| СҲШ (ШОС) | 5288,7 | 72,3 | 1247,6 | 23,5 | 4041,1 | 76,4 | -2793,5 |

Таҳияи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

Таҳлили маълумоти оморӣ (Ҷадвали 2.2.) нишон медиҳад, ки шарикони асосии гардиши мол бо Тоҷикистон кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ мебошанд. Дар ҳаҷми муомилоти молии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 кишварҳои узви СҲШ (72,3%), ИДМ (52,9%),

ва СҲИ (38,4%) саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷиҳати содирот 38,4 фоиз ба кишварҳои узви СҲИ, 35,5 фоиз ба кишварҳои узви ИДМ ва 23,5 фоиз ба кишварҳои узви СҲШ рост меояд ва дар воридот ҳиссаи кишварҳои узви СҲШ аз дигар сохторҳои ҳамгирой пеш аст. Афзоиши назарраси воридот нисбат ба содирот дар муомилоти савдо бо кишварҳои узви СҲШ (76,4%) мушоҳида мешавад.

Кишварҳои узви ин сохторҳои ҳамгирой ҳамкории иқтисодиро бо назардошти эҳтиёҷоти умумии мамлакатҳои худ, дигаргуниҳои иқтисодию сиёсии дар арсаи байналхалқӣ баамаломада инкишоф медиҳанд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соли 1995 Созишномаи тиҷорати транзитиро имзо кард, ки аз ҷониби Тоҷикистон моҳи январи соли 2000 ба тасвиб расид. Моҳи июни соли 2000 ба Созишномаи дар чаҳорчӯбаи СҲИ (ЭКО) оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ҳамроҳ шуд. Мақсад аз ин созишнома тавсеа додани тиҷорати дохилӣ ва байниминтақавӣ бо роҳи кам кардани хароҷот, кам кардани таъхирҳо ва вақти савдои транзитӣ будааст. Тиҷорати транзитӣ як мушкили маркази минтақаи СҲИ мебошад. Бисёре аз кишварҳои узви СҲИ ба бандарҳо ва бозорҳои дигар барои ширкат дар тиҷорати ҷаҳонӣ дастрасӣ надоранд. Аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир тарҳҳои таъмини дастрасии бемамониат ба кишварҳои дохилии Осиёи Марказӣ ба Халиҷи Форс тавассути Эрон, ба баҳри Араб ва уқёнуси Ҳинд тавассути Покистон, ба баҳри Сиёҳ ва Миёназамин тавассути Туркия амалӣ мешаванд. Нақшаҳои СҲИ инчунин муттаҳид кардани минтақаҳоро ба як шабакаи ягонаи алоқаи автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавой ва телекоммуникатсионӣ пешбинӣ мекунанд.

Мутобиқи Созишномаи чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои тиҷоратии СҲИ, ҳама ҷонибҳо омодагии худро барои иштирок дар Созишномаи тиҷоратии ЭКО (ЕСОТА) изҳор намуданд. Созишномаи мазкур кам

кардани тарифҳоро (ба мӯҳлати на бештар аз 8 сол, меъёр набояд аз 10 фоиз зиёд бошад), дар самти молҳои воридотӣ пешбинӣ менамояд ва даъват ба амал меорад, ки пардохтҳои гумрукӣ гирифта нашавад ва аз ин миён монеаҳои мавҷудбудаи ғайри тарифӣ бардошта шаванд.

Лоиҳаи созишнома ҳамчунин таъсиси низоми шаффофтари тиҷоратро дар минтақа пешбинӣ мекард, ки дар мафҳуми умумӣ ба қоидаҳои тиҷорати байналмилалӣ, ки дар чаҳорчӯби созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) қабул шудаанд, мувофиқ аст.

СҲИ иттиҳоди байниҳукуматии иқтисодии даҳ кишвари Осиёи Ҷануби Марказӣ ва Ғарбӣ буда, созмонест, ки тасмим гирифтааст минтақаро тавассути идоракунии дуруст ва ҳамчунин суръат бахшидан ба фаъолияти тиҷоратӣ ба як блоки иқтисоди бо ҳам алоқаманд ва устувор табдил диҳад.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳо бармеояд, ки дар солҳои охир динамикаи ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои СҲИ (ЭКО) тамоюли афзоишро дорад (Ҷадвали 2.3.).

**Ҷадвали 2.3. - Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ (миллион доллар)**

| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Бо % нисбат ба 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Эрон | 91,8 | 97,3 | 64,4 | 57,7 | 121,0 | 238,2 | +159,4 |
| 2 | Покистон | 41,3 | 62,5 | 56,3 | 25,8 | 32,3 | 32,5 | -21,3 |
| 3 | Туркия | 338,6 | 401,4 | 377,3 | 322,6 | 390,5 | 351,2 | +3,7 |
| 4 | Қазоқистон | 838,9 | 836,5 | 957,6 | 909,7 | 1178,6 | 1441,2 | +71,7 |
| 5 | Озарбойҷон | 2,8 | 6,9 | 5,8 | 6,2 | 6,1 | 6,2 | +121,4 |
| 6 | Афғонистон | 100,2 | 72,4 | 98,1 | 70,7 | 84,1 | 110,9 | +10,6 |
| 7 | Қирғизистон | 48,8 | 62,3 | 54,2 | 36,8 | 25,8 | 15,1 | -69 |
| 8 | Туркманистон | 50,3 | 47,2 | 12,2 | 7,8 | 22,2 | 52,9 | +5,1 |
| 9 | Ӯзбекистон | 126,4 | 288,5 | 362,2 | 333,8 | 447,8 | 555,4 | +56,1 |
| | Ҳамагӣ | 1639,1 | 1875 | 1988,1 | 1771,1 | 2308,4 | 2803,6 | +71 |

Таҳияи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, дар соли 2022 (2803,6 млн.долл.) нисбат ба соли 2021 (2308,4 млн.долл.) ҳаҷми гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои узви СҲИ (ЭКО) 21,4% афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2022 (2803,6 млн.долл.) нисбат ба соли 2017 (1639,1 млн.долл.) 71% афзоиш ёфтааст. Ҳамон тавре, ки мушоҳида мегардад, ҳаҷми гардиши мол бо кишварҳое ба монанди Ўзбекистон, Қазоқистон ва Эрон дар сатҳи ин сохтори ҳамгирой дар чанд соли охир тамоюли афзоиш дорад, ҳарчанд, ки ин нишондиҳанда бо аксари кишварҳои узви ин иттиҳод нигаронкунанда аст. Яъне мутаасифона ин нишондиҳандаҳо бо дигар кишварҳои узви созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ тамоюли пастравиро ба худ гирифтааст, ки ба он омилҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва марзии кишварҳо сабабгор гаштаанд. Қобили зикр аст, ки дар соли 2016, бо дигар гаштани ҳайати роҳбарикунандаи ҳукумати Ўзбекистон муносибатҳо якбора тағйир ёфта ҳаҷми гардиши моли Тоҷикистон бо ин кишвари ҳамсоя аз 126,4 млн.долл. соли 2017 якбора ба 555,4 млн.доллари ИМА дар соли 2022 омада расид.

Афзалиятҳои миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои узви СҲИ инҳоянд: нақлиёт ва алоқа; савдо ва сармоягузорӣ; энергетика, захираҳои маъданӣ ва муҳити зист; хоҷагии қишлоқ ва саноат; нигаҳдории тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва маданият.

Дар қатори афзалиятҳои сохтори мазкур либерализатсияи тиҷорат, ҳифзи сармоягузорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи нақлиёт, логистика ва долонҳои савдоро метавон ҷудо кард. Инчунин метавон гуфт, ки кишварҳои узви ин созмон ҳамкориҳои саноатиро фаъолона инкишоф медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки он таҳти роҳбарии ва шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар партави

сиёсати «дарҳои боз»-и Ҳукумати кишвар, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ шомил гардид. Узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Покистон, Тоҷикистон, Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Эрон мебошанд.

Имрӯз амалан тамоми ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Миёна дар фаъолияти СҲИ иштирок мекунанд. Аммо пешбарӣ ҳануз ба онҳо тааллуқ надорад ва онҳо фоидаи калон намегиранд. Пештоз будан дар сатҳи ин созмон ба ҷумҳуриҳое ба мисли Туркияю Эрон тааллуқ дорад.

Барои амал инчунин афзоиши пайвастшавӣ дар саросари минтақаи ин созмон дар заминаи нақлиёт ва транзит, тиҷорат ва сармоягузорӣ, телекоммуникатсия, инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла киберамният, ҳама шаклҳои энергия ва робитаҳои байни одамон, аз ҷумла тавассути созишномаҳои минтақавии сайёҳиро пешбинӣ мекунад.

Дар ҷаласаи ахири вазирони гардишгарии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (СҲИ), ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, Душанбе барои солҳои 2020-2021 пойтахти гардишгарии кишварҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ интихоб шуд.

Пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ табдил ёфт ва дар ин замина шаҳри Душанбе ҳамчун бренди сайёҳии Тоҷикистон ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид.

Ҳоло Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст, ки дар ин раванд омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, таблиғ ва ташвиқи иқтидори сайёҳии кишвар хеле муҳим аст.

Дар солҳои 2020-2021 интихоб гардидани шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, натиҷаи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Имрӯз ба ин рушди соҳаи сайёҳии

пойтахт, мавзеъҳои таърихӣ, ёдгориҳои бостониву меъморӣ, муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар шаҳри Душанбе беш аз 40 меҳмонхона барои хидматрасонӣ ба сайёҳон вуҷуд дорад. Ҳамчунин боғҳои фарҳангу фароғат, фаввораҳои рангоранг дар маркази пойтахт ба макони фароғату ҷашни сокинону сайёҳон табдил ёфтаанд. Имрӯз ҳар нафаре, ки ба пойтахти Тоҷикистон меояд, манзараҳои ҷолиби шаҳри Душанбе, кӯчаҳои бароҳату озода, боғҳои гулдастаро, ки бо услуби муосиру миллӣ сохта шудааст, дида, эҳсос мекунад, ки Душанбе воқеан ба шаҳри орзуҳо табдил ёфтааст.

Ёдовар мешавем, ки дар пойтахти Тоҷикистон ҷиҳати рушди сайёҳӣ ва табдил додани шаҳри Душанбе ба шаҳри сайёҳӣ тадбирҳои фаъол андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар ду соли оянда ба ифтихори сиюпанҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 9 меҳмонхонаи замонавӣ бо 630 ҳуҷра, бо назардошти талаботи байналмилалӣ дар категорияхои 4 ва 5-ситорадор сохта мешаванд, ки барои як вакт қабули беш аз 1000 нафар пешбинӣ шудааст.

Тавре, ки дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ум қайд гардидааст,[1] яке аз масъалаҳои муҳими ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ узвият дар созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии сайёҳӣ ва ширкат дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар сатҳи Иттиҳоди давлатҳои мустақил бошад ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон идома ёфта он ба худ шаклу намудҳои замонавӣ касб мекунад. Баромаду суханрониҳои роҳбарони кишварҳои узв оиди инкишоф додани равандҳои ҳамгироӣ дар доираи ин иттиҳод, инчунин таҳлилу баррасии ҳуҷҷатҳо имкон фароҳам овард то ки масъалаи дурнамои мавҷудияти ИДМ-ро матраҳ намоем.

---

[1] Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года от 1 августа 2018 года, №372

Дар шароити муосир масъалаҳои вобаста ба дурнамои рушди созмонҳои байналмилалии воқеан мавҷуд буда ва амалкунанда актуалӣ гаштанд. Аз ин нуқтаи назар, муносибатҳои кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки кишварҳои собиқ Шуравиро муттаҳид кардааст, дар шароити имрӯза аҳамияти махсус ба худ мегирад.

Дар айни замон мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин иттиҳод аллакай тавонистааст як механизми ҳамкории мутамаддини кишварҳои пасошӯравӣ гардад ва он кишварҳоро аз парокандагӣ наҷот диҳад. Самтҳои асосии ҳамкории кишварҳои ИДМ, ки пешомадҳои рушди созмонро то андозае муайян мекунанд, инҳоянд.

*Пеш аз ҳама, муносибатҳои иқтисодӣ.* Мамлакатҳои ИДМ ҳануз дар замони таърихии шуравӣ таҷрибаи ҳамҷояи калони корӣ ҳосил кардаанд. Дар замони шуравӣ шаклу усулҳои муосири муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси принсипҳои нав, бозорӣ ва хусусияти воқеияти нави таърихӣ муайян карда мешуданд.

Имрузҳо бошад, дар сатҳи Иттиҳод «Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2030» ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ шинохта шудааст. Ҳадафи ин барномаи муҳим муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони кишварҳои узви ИДМ мебошад.[1]

Зимни татбиқи ин стратегия ҳам имконоти захиравӣ, истеҳсолӣ ва молиявии давлатҳои аъзо ва ҳам вазъи геоиқтисодию геосиёсии минтақа ва ҷаҳон бояд ба назар гирифта шавад.

Дар шароити ташвишовари зиёдшавии хатару таҳдидҳои амниятӣ, масъалаҳои пешбурди иқтисоди сабз, бахусус энергияи сабз, инчунин масъалаҳои тағйирёбии иқлим самтҳои муҳими фаъолияти ИДМ боқӣ мемонанд.

[1] Стратегия экономического развития Содружества Независимых Государств на период до 2030 года. г.Москва. 29 мая 2020 года

Барои он ки дар оянда ҳам муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои узви иттиҳод самарабахш амалӣ гарданд, заминаҳои объективӣ ба кадри кифоя мавҷуданд.

Ба ҳамин тариқ, давлатҳои аъзои ИДМ имкониятҳои бузурги захиравӣ доранд. Аз чумла, кариб 30 фоизи захираҳои гази табиӣ ва ангишт, панҷяки нефт, 36 фоизи уран, 20 фоизи тилло ва 13 фоизи заминҳои корам ба давлатҳои ИДМ рост меояд[1]. Шаклҳо ва усулҳои таърихӣ мукарраршудаи таъминоти моддию техникӣ ва дигар шаклҳои алоқа нигоҳ дошта шудаанд. Гузашта аз ин, дар ин минтақа иқтидори зеҳнии аҳолӣ махсусан баланд аст. Иттиҳодия на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ худтаъмин аст, балки, такрор мекунем, таҷрибаи ҳамкории самарабахши кооперативӣ ва дигар принсипҳо низ дорад. Ҳамаи ин ИДМ-ро дар шароити инкишофи дигаргунсозиҳои муосири байналхалқӣ ташкилоти махсусан умедбахш мегардонад.[2]

Барои бовар кардан ба ин ки иқтисодиёти минбаъдаи мамлакатҳои иттиҳодӣ бомуваффақият идома меёбад ҳамаи асосҳо маҷуданд. Дар баробари ин дар байни мамлакатҳои иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фазои озоди иқтисодӣ ё бозори умумиро ба вуҷуд овардан комилан имконпазир аст, ки он дар шаклҳои хеле самарабахш ва озодона инкишоф меёбанд.

Дуюм, ҳамкории башардӯстона. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, сухан дар бораи иштироки якҷояи давлатҳои ИДМ дар инкишофи муносибатҳои байни халқҳо, инчунин маданият, илм, маориф, фарҳанг, туризм ва ғайра меравад.

Ҳанӯз дар моҳи августи соли 2005 дар ҷаласаи Шурои роҳбарони давлатҳои ИДМ «Созишнома дар бораи ҳамкориҳои башардӯстонаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ба имзо расид. Чорабиниҳои асосии дар соҳаи фарҳанг, ВАО, лоиҳаҳои ҷавонон ва

[1] Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан. Таджикистан. Дисс. соис. учен. степ. канд. экон. наук. ТНУ. Душанбе, 2018. Стр.76
[2] Ҳамон ҷо.

барномаҳои маърифатӣ, нашри китоб, кор бо кӯдакон ва собиқадорон ва бисёр дигар самтҳо баргузоргашта аз он гувоҳӣ медиҳад.

Бо ин ҳама дар шароити муосир ҳамкориҳои мустақим дар соҳаҳои илму фарҳанг ва маориф махсусан муҳим шуморида мешавад. Чунин ҳамкорӣ низ дар тули асрҳо инкишоф ёфт ва комилан равшан аст, ки дар оянда ба он талабот пайдо мешавад. Ҳамин тавр, барои барпо намудани фазои ягонаи башардӯстона дар ҳудуди ИДМ тамоми асосҳо мавҷуданд.

Сеюм ин ҳамкориҳое мебошад, ки ба самти пешгири ва чолишҳои байналмилалӣ ва таҳдидҳои муосир нигаронида шудааст.

Ба марҳалаи ҳозираи тараққиёти инсоният, муборизаи тезу тунди байни тарафдорони сохти яккутбӣ ва бисёрқутбии ҷаҳон хос аст. Дар доираи ин мамлакатҳои ғарб махсусан рафтори ноодилона мекунанд ва танҳо манфиати хешро дар ҷойи аввал мегузоранд. Аз дигар ҷониб кишварҳое, ки сиёсати мустақили худро пеш гирифтаанд ва ҳамчун давлати соҳибихтиёри дорои иқтисоди миллӣ фаъолият мекунанд, дар шароити мавҷудияти таҳдиду хатарҳои байналмиллалӣ ба муқобили он бояд чораандешӣ намоянд.

Дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустакил дар амал тадбирҳои дахлдори муҳофизатӣ андешида мешаванд. Қарори протоколии Шурои сарони давлатҳои ИДМ аз 14 октябри соли 2022 дар бораи мақсади густариши ҳамкорӣ бо Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД) дар мақоми нозир комилан асоснок аст. Ин равиш ба муттаҳидсозии талошҳои ин ду созмон барои таҳкими сулҳ, амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои узви ИДМ ва СПАД нигаронида шудааст.

Масъалаҳои амнияти дастаҷамъӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд, зеро онҳоро на танҳо шароити геополитикӣ, балки як қатор сабабҳои дигари объективӣ низ муайян мекунанд.

Мушкилоти амнияти биологӣ барои тамоми ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои ИДМ аҳамияти калон доранд. Одатан ба инҳо дохил мешаванд: ҳифзи тамомияти биологии муҳити зисти одамон, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист, пешгирии намудҳои гуногуни эпидемия ва пандемия ва ғайра. Пандемияи охирини коронавирус бахусус мушкилоти вобастагии одамонро ба намудҳои гуногуни бемориҳои вирусӣ ба таври возеҳ ба миён гузошт. Гузашта аз ин, бисёре аз кишварҳои бегона, бахусус ИМА, дар саросари ҷаҳон лабораторияҳои биологии марбут ба таҳияи ҷузъҳои силоҳи биологиро ҷойгир кардаанд, ки он низ ҳамчун хатари эҳтимолӣ ба назар мерасад.

Проблемаи озукаворӣ торафт тезу тундтар мегардад. Ба касе пӯшида нест, ки ҷаҳони муосир бо бӯҳрони рӯзафзуни ғизо рӯбарӯ аст. Раҳбарони кишварҳои ИДМ борҳо барои ҳалли ин мушкил тадбирҳо пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, дар бораи зарурати эҷоди “долони сабз” барои ғизо, зеро занҷирҳои ҷаҳонии таъминоти ин гуна молҳо метавон гуфт, ки шикастаанд.

Солҳои охир мушкилоти марбут ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва киберамнияти ҳамчун мушкилоти глобалӣ баррасӣ мешаванд. Дар баробари ин мушкилот, аз қабили ҷиноятҳои байналмилалӣ, таҳдидҳои террористӣ, паҳншавии қочоқи маводи мухаддир низ ҳал нашудаанд. Бахусус проблемаҳои энергетика тезу тунд гардиданд. Ҳеҷ яке аз кишварҳои муосир ин гуна мушкилотро танҳо ҳал карда наметавонад ва ё онҳоро бо кӯшиши зиёд ҳал кардан лозим меояд.

Ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои ИДМ, ки 14 октябри соли 2022 баргузор шуд, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки мушкилоти марбут ба ҳифзи кишварҳои ИДМ аз чолишҳо ва таҳдидҳои муосир мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷаласа як қатор қарорҳои ниҳоят муҳим, аз ҷумла “Барномаи ҳамкории давлатҳои узви ИДМ дар мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2023-2025”, «Созишнома дар

бораи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар мубориза бо коррупсия» ва ғайра қабул карда шуданд.

Бештар маълум аст, ки зарурати объективии ҳалли ин мушкилот тавассути таъсиси системаи амнияти дастаҷамъии кишварҳо ё густариши ҳамкорӣ дар ин самти муносибатҳо вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, дар шароити дигаргунсозиҳои муосири байналхалқӣ фаъолияти Иттиҳоди давлатҳои мустақилро таҳлил намуда, чунин хулоса метавон кард, ки Иттиҳод барои боз ҳам такмил ва рушд додани муносибатҳои ҳамгирой имкониятҳои калон дорад. Дар байни кишварҳои ИДМ мавҷудияти фазои ягонаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ, инчунин системаи амнияти дастаҷамъона аз хатару таҳдидҳои рӯзафзун, мақсаднок арзёбӣ мегардад.

Барои кишварҳои узви ИДМ равандҳои ҳамгирой, пеш аз ҳама дар асоси гузаштаи умумии таърихӣ таҳрик меёбад. Дар иқтисодиёт ин чунин маъно дорад: умумияти доимии технологияи истифодашаванда, стандартҳо ва шароитҳои технологии истеҳсолот, системаҳои таъмир, таъмин намудани қисмҳои эҳтиётӣ, таълим ва такмили ихтисоси кадрҳо. Барбод рафтани фазои ягонаи иқтисодии ИҶШС барои Тоҷикистон, назар ба дигар давлатҳо, оқибатҳои хеле ногувор овард. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ба Шартномаи таъсиси иттиҳоди иқтисодии кишварҳои ИДМ имзо гузошт ва ба он ҳамроҳ гашт. Дар ин замина шикастани пурраи занҷирҳои технологӣ, махсусан барои Тоҷикистон бо дигар кишварҳои узви иттиҳод ғайриимкон буд. Дар натиҷаи имкон фароҳам омад, ки ҷумҳурӣ дар амалӣ намудани лоиҳаю нақшаҳои иқтисодии муштарак, ҳалли мушкилоти пайдогардида ва ташкили фазои муштараки иқтисодӣ дар доираи он иштирок намояд.

Дар байни кишварҳои узви Иттиҳод, дар идомаи фаъолияти муштарак, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо муайян гардиданд, ки

бевосита ба мустаҳакам гардидани робитаҳои байниҳамдигарии давлатҳои муштаракулманофеъ боис хоҳад гашт:

-дар асоси низоми ба ҳам алоқаманди энергетикӣ таъмини муштараки энергия;

-татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти нефту газ ва энергияи атомӣ;

-амалӣ намудани ҳамкориҳо дар соҳаи коммуникатсия ва нақлиёту мошинсозӣ;

-робитаҳо ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ ва сармоягузориҳои муштарак;

-рушди технологияи муосир ва зеҳни сунъӣ.

Дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди давлатҳои мустақил созишномаҳо ва санадҳои зиёди ҳамкорӣ ба имзо расидаанд, ки онҳо робитаҳои иқтисодии ҳамгироиро дар байни кишварҳои аъзо боз ҳам наздик намуда инкишоф медиҳанд. Танҳо дар ҳолатҳои алоҳида амалӣ ва иҷро нагардидани як қисми чунин созишномаҳо ба чашм мерасанд.

Аммо ба тардид бояд қайд кард, ки суръати ҳамгироӣ дар сатҳи Иттиҳод қонеъкунанда буда, муттаассифона дар бисёр соҳаҳо парокандагии иқтисодӣ давом дорад. Метавон гуфт, ки суст шудани робитаҳои иқтисодии мамлакатҳои ИДМ ба кам шудани гардиши молу маҳсулот дар дохили он оварда мерасонад.

Аммо ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ дар ҳафт моҳи соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 31% ё 495,7 миллион доллар афзоиш ёфтааст.

Дар асоси маълумоти хадамоти гумруки ҷумҳурӣ, ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар ин давра 2 миллиарду 95,4 миллион долларро ташкил дод, яъне ба кишварҳои ИДМ 50,7 дарсади ҳаҷми умумии муомилоти моли кишвар рост меояд.

Тибқи иттилои вазоратҳои дахлдор, шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон аз кишварҳои ИДМ Россия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон мебошанд. Ҳаҷми муомилоти мол бо Россия дар ҳафт моҳи соли 2022 беш аз 908,2 миллион доллар, бо Қазоқистон беш аз 781,6 миллион доллар ва бо Ӯзбекистон беш аз 314,8 миллион долларро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ (**дар солҳои 2017-2022, миллион доллар**)**

| *Солҳо* | *Гардиши мол* | | *Содирот* | | *Воридот* | | *Сальдо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. | бо % | бо млн. долл. |
| 2017 – ҳамагӣ | 3972,9 | 100 | 1198,0 | 100 | 2774,9 | 100 | -1576,9 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 2086,9 | 52,4 | 430,7 | 35,9 | 1656,2 | 59,6 | -1225,5 |
| 2018 – ҳамагӣ | 4224,3 | 100 | 1073,3 | 100 | 3151,0 | 100 | -2077,7 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 2348,3 | 55,5 | 530,3 | 49,4 | 1818,0 | 57,6 | -1287,7 |
| 2019 – ҳамагӣ | 4523,7 | 100 | 1174,4 | 100 | 3349,3 | 100 | -2174,9 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 2521,1 | 55,7 | 449,9 | 38,3 | 2071,2 | 61,8 | -1621,3 |
| 2020 – ҳамагӣ | 4557,8 | 100 | 1406,9 | 100 | 3150,9 | 100 | -1744 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 2357,9 | 51,7 | 289,5 | 20,5 | 2068,4 | 65,6 | -1778,9 |
| 2021-ҳамагӣ | 6359,1 | 100 | 2149,6 | 100 | 4209,5 | 100 | -2059,9 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 3120,1 | 49 | 574,6 | 26,7 | 2545,4 | 60,4 | -1970,8 |
| 2022-ҳамагӣ | 7309,5 | 100 | 2142,0 | 100 | 5167,5 | 100 | 3025,5 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 3870,4 | 52,9 | 761,4 | 35,5 | 3109,0 | 60,1 | -2347,6 |
| Ҳамагӣ (солҳои 2017-2022.) | 30954,3 | 100 | 9144,2 | 100 | 21803,1 | 100 | -12658,9 |
| -бо кишварҳои ИДМ | 16304,7 | 52,6 | 3036,4 | 33,2 | 13268,2 | 60,8 | -10231,8 |

Таҳияи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

Бояд гуфт, ки тавозуни савдо бо кишварҳои ИДМ манфӣ буда, воридоти мол аз содирот бештар ба назар мерасад. Дар маҷмуъ ба ин кишварҳо дар давраи солҳои 2017-2022 ба маблағи беш аз 3036,4 миллион доллар мол содир шуда, ба маблағи беш аз 13268,2 миллон доллар мол аз кишварҳои узви ИДМ воридот шудааст.

Сабаби асосии кам шудани афзоиши муомилоти мол, яъне савдои берунии ҷумҳурӣ ба мамлакатҳои узви ИДМ дар соли 2020 ба омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, ки яке аз онҳо ҳолати руйдодаи бемории ҳамагири КОВИД-19 мебошад. Инчунин вазъи сиёсӣ, яъне таҳримҳои кишварҳои

Аврупо бар зидди Федератсияи Россия дар ду соли охир ва мунокишаҳои марзии байни кишварҳои узви ин иттиҳод низ ба ҳолати гардиши молу маҳсулоти байни кишварҳо бетаъсир намонд. (Ҷадвали 2.4.).

Ҳамин тавр, робитаҳои савдои берунӣ, саноатӣ, молиявӣ ва дигар алоқаҳои Тоҷикистон дар солҳои аввали таъсиси ИДМ дар доираи ин Иттиҳод нисбатан суст буд ва бо як қатор ҷумҳуриҳои аз ҷиҳати географӣ аз он дур воқеъ буда, қариб вуҷуд надошт. Ин робитаҳои дар оянда мустаҳакам гашта ба худ самтҳои муайян ва фоидаоварро касб кард.

Дар баробари ин, зарурати васеъ кардани бозор, ворид шудани сармоя, татбиқи лоиҳаҳои муштарак барои ҷумҳурӣ ниҳоят зарур буд ва мемонад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ стратегияи рушди мустақилро ташаккул медиҳанд, ки рушд ва диверсификатсияи робитаҳои дохилиминтақавии ҳам дохилӣ ва ҳам берунииро дар назар дорад. Иштирокчиёни фаъолтарини равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мебошанд. Кишварҳои номбурда дар доираи созмонҳои ҳамгироӣ, аз қабили СҲШ ва ИДМ фаъолияти худро ба роҳ монда манфиатҳои миллии худро дар сатҳи бисёрҷониба ҳамоҳанг месозанд, ки барои иқтисоди миллии онҳо аҳамияти махсус дорад.

Тағйирот ва дигаргуниҳо дар иқтисоди ин кишварҳо бо суръати гуногун ба амал омада, натиҷаҳои иқтисодии бадастомада низ дар сатҳи нобаробар аст. Дар ин замина гуфтан ба марид аст, ки нақши робитаҳои иқтисодии берунӣ дар татбиқи барномаҳои ислоҳоти иқтисодии онҳо гуногун арзёбӣ мегардад ва натиҷаҳои он ҳам якранг нест.

Кишварҳои иттиҳод аллакай ба ҳамгироии тадриҷан босуръат ҳамчун замимаи ашёи хом ба иқтисодиёти Осиё, Америкои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Австралия ва Африқо шурӯъ кардаанд. Бинобар ин ҳоло давлатҳои ИДМ барои мустаҳкам намудани ҳамкорӣ ва самарабахштар

шудани муносибатҳои иқтисодӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд. Ҳамин тариқ, кишварҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ҳайати ИДМ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда, маҷмӯи маҳсулоти дохилии онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфт. Суръати баланди рушди иқтисодӣ асосан аз ҳисоби болоравии афзоиши истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт таъмин гардид. Давлат ният дорад, ки тавассути таъсиси институтҳои сармоягузорӣ ба рушди соҳаҳои инноватсионӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, ба гуфтаи коршиносон, миқёси фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои ИДМ барои таъмини эҳёи устувори дарозмуддати иқтисодӣ нокифоя боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, дар соли 2021 рушди иқтисодӣ ба ҳисоби миёна дар кишварҳои ИДМ бо чунин нишондиҳандаҳо афзоиш ёфтааст: Тоҷикистон-3,9%, Озарбойҷон - 2,8%, Армения - 3,4%, Беларус - 2,2%, Грузия - 6%, Қазоқистон - 3,2%, Қирғизистон - 3,8%, Молдова - 3,8%, Россия - 3,2%, Украина - 3,8%, Ӯзбекистон - 4,8%.[1]

Аммо мутассифона омилҳое ҳам мавҷуданд, ки ба рушди иқтисодӣ дар минтақа таъсири манфии худро мерасонад. Ҷанги тӯлонӣ дар Украина ба фаъолияти иқтисодии минтақаи ИДМ таъсири манфии худро расонида истодааст. Минтақа ба шароити нав мутобиқ шудааст: таҳримҳои иқтисодие, ки алайҳи Россия ҷорӣ карда шудаанд, гардиши тиҷорат, муносибатҳои молӣ ва пулиро дигар карданд. Аз соли 2022 занҷирҳои нави арзиш, бахусус дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё пайдо шуданд. Натиҷаҳои беҳтар аз интизории иқтисоди Россия дар соли 2023, ки тақрибан 3% афзоиш ёфт, ба афзоиши миёнаи рушди минтақа мусоидат кард.

Бояд гуфт, ки шароитҳое, ки метавонад як сохтори ҳамгироии муосирро бо шартҳои нави дар сатҳи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба вуҷудомадаро нигаҳ дорад, мавҷуданд. Қабл аз ҳама метавон аз

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022, саҳ.308-340.

алоқамандӣ ва робитаҳои ҳамҷояи иқтисодии кишварҳои узви иттиҳод ном бурд. Баъдан захираҳоии илмию техникии дар асоси шароитҳои муштарак бавуҷд овардаро номбар кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи он омода кардани мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос дар назар гирифта шудааст. Ҳамчунин аз ҷиҳати ҷуғрофӣ наздик будан бо ҳам, ҷой доштани зерсохтори тараққинамудани соҳаҳои нафту газ, алоқа, нақлиёт, роҳи оҳанро низ ба ин қатор метавон шомил намуд. Дар баробари ин дар доираи кишварҳои иттиҳод мавҷуд будани захираҳои зиёди молиявӣ, саноатӣ, табиӣ ва инчунин захираҳои инсонӣ метавонад боиси ҳамгрой ва ҳамкориҳои иқтисодии рушднамуда дар доираи ИДМ гардад. Зиёд гардидани ҳаҷми савдои байниякдигарии молу маҳсулот, савдои хориҷӣ ва танзим намудани он тавассути механизмҳои назорати андоз, гумрук ва асъор натиҷаи чунин ҳамгирой хоҳад буд..

Метавон гуфт, ки кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил аз ҷиҳати захираҳои кашфшудаи нефт ва гази табиӣ, ангишт ва маъданҳо, металлҳои ранга ва нодир, намаки калий ва дигар маъданҳои фоиданок дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунанд ва ин ҳам метавонад омили асосии ташаккули муносибатҳои ҳамгирой дар байни давлатҳои узви ин Иттиҳод гардад.

Яке аз вазифаҳои нахустин ва муҳим дар сатҳи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи Иттиҳод, мавҷуд будани шароити мувофиқ ва мусоид дар самти фаъолияти тиҷоратию сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки ҳар як кишварҳои узви иттиҳод дар заминаи роҳандозии ҳамкориҳои иқтисодии байниҳамдигарӣ, инчунин манфиатҳои давлатҳои худро баназар мегиранд ва онро ҳифз менамоянд.

Мақсади асосии Тоҷикистон низ муҳайё кардани шароити мусоид дар байни кишварҳои аъзо дар доираи  тиҷорат ва сармоягузорӣ буда дар ин замина бартараф кардани монеаҳои мавҷудбуда аз вазифаҳои муҳим ва зарурии аъзоёни ИДМ ба шумор меравад.

Афзун намудани иқтидорҳои содиротии кишвар ва рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшаванда аз манфиатҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки дар сатҳи иттиҳод ба инобат гирифта шудааст.

Иштирок намудани Тоҷикистон дар доираи муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар ҳайати ИДМ имкон фароҳам месозад, ки манфиатҳои миллӣ то андозае таъмин карда шавад.

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) аз ҷумлаи дигар созмонҳои бонуфузе маҳсуб меёбад, ки Ҷумҳури Тоҷикистон ба он шомил аст ва бо дигар кишварҳои узви ин сохтори ҳамгироӣ муносибатҳои муштараки худро роҳандозӣ менамояд. Узвият ба ин созмони ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои аъзои он барои Тоҷикистон дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ судманд арзёбӣ мешавад.

Стратегияи СҲШ дар минтақаи Осиёи Марказӣ комилан рӯшан аст. Ҳамаи ин вазифаҳо дар ҳуҷҷатҳои бевоситаи мамлакатҳои узви ин иттиҳод мавҷуд мебошанд. Тоҷикистон фаъолияти худро дар доираи ин созмон муваффақона ба роҳ монда онро идома медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки миёни Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ гардиши мол афзуншаванда аст. Ин рақамҳо аз 65,6% дар соли 2017 то 72,3% дар соли 2022 афзоиш ёфтааст.

Агар ҳаҷми умумии гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон дар соли 2017 дар маҷмуъ 3 972,9 млн.доларро ташкил диҳад, аз он 2 606,7 млн.доллар ба кишварҳои узви СҲШ рост меояд, ки зиёда аз 65,6%-и ҳаҷми умумиро ташкил кардааст. Дар соли 2022 бошад, аз ҳаҷми умумии гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 7309,5 млн.долларро ташкил додааст, ба кишварҳои узви ин созмон 5288,7 млн.доллар (72,3%) рост меояд. Россия, Қазоқистон, Чин ва Ӯзбекистон шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар ҳайати СҲШ боқӣ мемонанд.

Мутахасисони соҳа иброз медоранд, ки айни замон таҷрибаи созмоне бо номи СҲШ барои аксари кишварҳои минтақаи Осиё муҳим арзёбӣ гардида, муносибатҳои байни давлатҳои узвро аз сатҳи дуҷониба ба ҳамкориҳои аз ин бештар ва баландтару дар сатҳи серпаҳлӯ мубаддал мегардонад. Бояд қайд кард, ки ин муносибатҳо дар оғози асри бисту як аз сатҳи ҳамкориҳои дутарафа ба як сохтори мустаҳакаму панҷгона табдил ёфт. Ин сохтори ҳамкориҳои иқтисодӣ дар навбати худ ба як иттиҳоди мукаммали амниятӣ дар минтақаи Осиёи Миёна мубаддал гардид.[1]

Дар доираи ин созмон муносибатҳои ҳасана миёни кишварҳои Чин, Россия, Қазоқистон, Покистон ва давлатҳои дигар роҳандозӣ мегардад ва ҳадафҳои худро бе таъсири манфӣ ба ҳамдигар ва дар ҳамҷоягӣ ҳал намудани мусоили баҳсталаб амалӣ мегардонанд. Дар ин муомилот ва ҳамкориҳо албатта тамоми кишварҳои узви ин созмон иштирок менамоянд, ки натоиҷи чунин муносибатҳоро дар гардиши молии байни аъзоёни он дидам мумкин аст.

Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ин созмони ҳамгирой дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, кишварҳои асосии воридкунандагони молу маҳсулот ба Тоҷикистон дар сатҳи СҲШ Россия, Қазоқистон, Чин ва Ӯзбекистон ба ҳисоб мераванд ва нишондиҳандаҳои омории онҳо нисбат ба дигар узви ин созмон фарққунанда буда зиёда аз 90%-и ҳаҷми воридотро дар дохили ҳамин созмони ҳамгирой ташкил мекунанд.

Бояд гуфт, ки Мутобиқи Ёддошти байни ҳукуматҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар бораи ҳадафҳо ва самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва оғози раванди фароҳам овардани шароити

[1] Содиқов М.С. Татбиқи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии модели нави ҳамгироии иқтисодӣ (дар мисоли СҲШ). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. –Душанбе, 2023. 430 саҳ.

мусоид дар соҳаи тиҷорат ва сармоягузорӣ, ҳануз дар охири моҳи майи соли 2002 вазирони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай, ки барои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва савдои хориҷӣ масъуланд, дар Шанхай нахустин ҷаласаро баргузор намуда, изҳороти муштарак қабул карданд.

**Ҷадвали 2.5. - Динамикаи гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ**

| *№* | *Сол ва давлатҳо* | *Гардиши мол* | | *Содирот* | | *Воридот* | | *Фарқият* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | млн. долл. | % | млн. долл. | % | млн. долл. | % | млн. долл. | % |
| | 2017 (3972,9) | | | | | | | | |
| 1 | Россия | 935,9 | 35,9 | 32,1 | 3,4 | 903,8 | 96,5 | | |
| 2 | Чин | 591,1 | 22,6 | 35,4 | 5,9 | 556,3 | 94,1 | | |
| 3 | Қазоқистон | 838,9 | 32,1 | 324,3 | 38,6 | 514,6 | 61,4 | | |
| 4 | Қирғизистон | 48,8 | 1,8 | 10,9 | 22,3 | 37,9 | 87,7 | | |
| 5 | Ӯзбекистон | 126,4 | 4,8 | 57,1 | 45,1 | 69,3 | 54,9 | | |
| 6 | Покистон | 41,3 | 1,5 | 16,7 | 40,4 | 24,6 | 59,6 | | |
| 7 | Ҳиндустон | 23,7 | 0,9 | 0,3 | 1,2 | 23,4 | 98,7 | | |
| | **Ҳамагӣ** | 2606,7 | 65,6 | 476,8 | 18,2 | 2129,9 | 81,8 | -1653,1 | 63,4 |
| | 2022 (7309,5) | | | | | | | | |
| 1 | Россия | 1673,9 | 31,6 | 88,2 | 5,2 | 1585,7 | 94,7 | | |
| 2 | Чин | 1210,0 | 22,8 | 368,3 | 30,4 | 841,7 | 69,6 | | |
| 3 | Қазоқистон | 1441,2 | 27,2 | 483,9 | 33,5 | 957,3 | 66,5 | | |
| 4 | Қирғизистон | 15,1 | 0,28 | 1,2 | 7,9 | 13,8 | 92,1 | | |
| 5 | Ӯзбекистон | 555,4 | 10,5 | 178,3 | 32,1 | 377,0 | 67,9 | | |
| 6 | Покистон | 32,5 | 0,61 | 13,3 | 40,9 | 19,4 | 59,1 | | |
| 7 | Ҳиндустон | 125,6 | 2,37 | 0,2 | 0,1 | 125,4 | 99,8 | | |
| 8 | Эрон | 238,2 | 4,5 | 114,4 | 48 | 123,8 | 52 | | |
| | Ҳамагӣ | 5291,9 | 72,3 | 1247,8 | 23,5 | 4044,1 | 76,5 | -2796,3 | 52,8 |

Таҳияи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

Вазирон изҳор доштанд, ба роҳ мондан ва амалигардонии ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи ин созмони бонуфуз интихоб ва майлу хоҳиши ҳамаи кишварҳои аъзоёни он аст. Ин муносибатҳо дар заминаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт дар шароити муосир ба роҳ монда шуда як қисмати муҳими фаъолияти созмон арзёбӣ мегардад. Ин ҳамкориҳо ба таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва дӯстона байни кишварҳои иштирокчӣ, рушди иқтисод ва шукуфоии умумии ин минтақа ба нафъи

мардумаш, таҳкими мавқеъ ва баланд бардоштани нақши минтақа дар иқтисоди ҷаҳон мусоидат хоҳад кард.

Соли 2021 Тоҷикистон раёсати Созмони ҳамкориҳои Шанхайро бар ӯҳда дошт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ният дорад, ки нуфузи байналмилалии СҲШ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди аъзои онро таҳким бахшад. Афзалиятҳои асосӣ ба таҳкими муттаҳидсозии дохилии Созмон, истифодаи тамоми захираҳои имконпазир барои дастгирии ҳамдигар нигаронида мешаванд.

Дар доираи ин нишаст ва раёсат дар сатҳи СҲШ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳакам намудан ва тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо дар бахши сармоягузорӣ, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, молия, тиҷорат ва амнияти озуқаворӣ ва ҳамчунин дар бахши тиҷорати хурду миёна таваҷҷуҳ зоҳир кард. Дар ин замина, дар Душанбе нишастҳои вазирони саноат ва энергетика ва кишоварзии кишварҳои узви СҲШ баргузор шуд.

Кор оид ба беҳтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар доираи СҲШ муҳим боқӣ мемонад.

Тоҷикистон мақсад дорад дар таҳияи заминаи ҳуқуқии ҳамлу нақли бидуни монеаи молҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла ғизо ва доруворӣ саҳм гузорад. Ҳамзамон дар сатҳи ин созмон ба густариши ҳамкорӣ дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба паҳншавии COVID-19 аҳамияти махсус дода мешавад.

Созмони Ҳамкории Шанхай намунае аз созмони иқтисодии минтақавӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф мебошад. Иштироки Тоҷикистон дар СҲШ бевосита дараҷаи ҳамгироии онро ба иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мекунад ва дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодӣ таъсир мерасонад. Аъзои ин созмони байналмилалӣ тадриҷан аз ҳалли мушкилоти марзӣ ба баррасии муштараки доираи васеи масоили

амниятӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ гузаштаанд. Айни замон СҲШ вазифаи асосии худро ҳамчун воситаи муассири ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ иҷро мекунад.

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай иттиҳодияи ҳамгироии навъи нав аст. Яке аз муҳиммияти фаъолияти он, ин аъзогии давлати қудратманде бо номи Чин аст, ки тавонистааст таваҷҷуҳи дигар кишварҳои Осиё ва ҷаҳонро ба худ ва ин созмон ҷалб намояд. Инчунин, ба дигар кишварҳои узви собиқ иттиҳоди шуравӣ дар минтақа, барои рушди ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи ин созмон заминаҳои мусоид фароҳам омад.

Барои Тоҷикистон ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои узви СҲШ барои таҳкими нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ хеле муҳим аст. Бартарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷо дар он аст, ки ҳам он ва ҳам кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муддати тӯлонӣ узви низоми ягонаи иқтисодӣ буданд ва ҳоло иқтисоди онҳо бештар ҳамдигарро мукаммал менамояд.

Кишварҳои узви ин созмон имкон доранд, ки таваҷҷуҳи худро дар кори худ ба бахши тиҷорату иқтисод равона кунанд. Ин маънои онро дорад, ки кишварҳои ширкаткунанда ба сатҳи муайяни ҳамкории сиёсӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва гузаштан ба фаъолияти бештар дар соҳаи ҳамкориҳо дар иқтисодиёт ва тиҷорат расидаанд.

Рушди ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷоратию иқтисодӣ вазифаи аввалиндараҷаи созмон номида мешавад. Маҳз фаъолсозии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ бояд вазифаи асосии стратегии даҳсолаиояндаи фаъолияти Созмони ҳамкории Шанхай гардад.

На танҳо узвият дар созмон, балки платформаҳои ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби он низ густариш меёбанд. Дар ин замина метавон аз ҳамоиши навбатии сатҳи олии Созмони ҳамкории Шанхай, ки охири соли 2021 дар ш.Душанбе доир гардид ёдовар шуд. Дар ин ҳамоиш якчанд масъалаҳои муҳими вобаста ба амният ва бехатарии минтақа, амалиёт ва фаъолияти дастаҷамъонаи зиддитерористӣ, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо бо

давлатҳои нозир, қабул гардидани аъзоёни нав ба ҳайати созмон ва дигар масъалаҳои мубрам мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар нишасти Душанбе (2021) Президенти федератсияи Россия пешниҳод кард, ки дар баробари баргузории нишастҳо чорабиниҳо дар сатҳи олӣ ё баланд дар формати СҲШ+ бо ҷалби кишварҳои нозир ва шарикони муколама баргузор шаванд. Дар Эъломияи 20-умин солгарди таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар Душанбе қабул шуд, ҳамчунин нақшаи роҳандозии механизмҳои нав ба мисли Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ, Маркази универсалии мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти кишварҳои узви СҲШ, Маркази амнияти иттилоотӣ ва Маркази СҲШ оид ба мубориза бо ҷиноятҳои созмонёфтаи байналмилалӣ эълом шуд.

Гуфтан мумкин аст, ки ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дурнамои васеъ доранд. Барои Тоҷикистон ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар ин созмони ҳамгироӣ муҳим ва умедбахш аст.

Саммити навбатии Созмони ҳамкории Шанхай, ки соли 2022 дар шаҳри Самарқанди Ӯзбекистон баргузор шуд, масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳо дар самти сохтани мактабҳои русӣ дар манотиқи Осиё, сохтмони роҳҳои оҳан ва пайвастшавӣ бо дигар минтақаҳо ва кишварҳои узви ин созмон, гузаронидани лулаҳои гази русӣ, сармоягузориҳои муштарак ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва амнияти минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифт. Масъалаи дигари муҳим ва марказии нишасти сарони кишварҳои узви ин созмон ба узвият пазируфтани кишвари Эрон буд, ки чанд соли охир ба ҳайси нозир дар нишастҳо иштирок менамояд.

Дар баробари сохторҳои ҳамгироии баррасигардида Тоҷикистон узви Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) низ мебошад. Бояд гуфт, ки айни замон зиёда аз 80 фоизи кишварҳои ҷаҳон ба Созмони

умумиҷаҳонии савдо пайвастаанд, ки дорои бузургтарин иқтидорҳои иқтисодӣ мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, Тоҷикистон ҳам дар баробари кишварҳои дигар тасмим гирифт, ки ба ин созмони бонуфузи савдо шомил гардад. Мақсад аз аъзогӣ ба ин созмон пеш аз ҳама ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди истеҳсолоти маҳсулоти миллӣ мебошад. Дар ин замина таъмини савдои озод, зиёд кардани шарикони тиҷоратӣ ва тавассути ин баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, баланд бардоштани нуфузи кишвар дар минтақа ва ҷаҳон аз ҷумлаи ҳадафҳои ниҳоии кишвар дар доираи Созмони умумиҷаҳонии савдо мебошад.

Бо мақсади зарурати узвият дар ин созмон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 мактуби дархостиро ба Котиботи СУС ҷиҳати пайвастан ба ин ниҳод ирсол намуд. Моҳи июли соли 2001 Шурои генералии СУС дар ҷаласаи худ дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба таъсис додани Гурӯҳи корӣ доир ба баррасии масъалаи дохилшавии кишвари мо ба СУС ва ба Тоҷикистон додани мақоми кишвари нозир қарор қабул намуд.

Инчунин бо мақсади пайгирии минбаъдаи масъалаи шомилшавӣ ба созмон ва пешбурди фаъолияти минбаъда дар ин самт дар мақомоти марбутаи кишвар низ таҷдиди сохторӣ гузаронида шуд.

Илова бар ин, барои ноил шудан ба ин мақсад Тоҷикистон давраи тӯлонии гуфтушунидҳоро анҷом додааст. Дар давраҳои гуфтушунидҳо намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1300 дархосту саволҳои давлатҳои аъзои СУС ҷавоб доданд. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 гуфтушунидҳои дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори хизматрасонӣ ва 13 гуфтушунидҳои дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори молҳо баргузор намуд.

Дар робита ба тезонидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС шароити мусоид фароҳам гардида, бо қарори

дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи байниидоравӣ оид ба омодагии раванди дохилшавии Тоҷикистон ба СУС таъсис дода шуд.

Инчунин бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои СУС корҳои зиёд амалӣ гардида, заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқии ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯй ташкил карда шуд.

Тавре ки қайд гардид, мутобиқсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароте, ки аз талаботи меъёрию ҳуқуқии Созишномаҳои эътирофгардидаи СУС бармеояд, яке аз шартҳои аъзогӣ дар ин созмон мебошад. Мутобиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёру қоидаҳои СУС заминаи ҳуқуқии дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС буда, он дар раванди дохилшавӣ пурра ба анҷом расонида шуд, аз ҷумла корҳои мушаххас вобаста ба мувофиқа намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои СУС, рафъи номутобиқатии қонунгузории миллӣ ба талаботи реҷаи миллӣ ва реҷаи муоидати бештар амалӣ гардида, ба беш аз 100 ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти талаботи СУС тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми гуфтушунидҳо тарафи кишвари мо манофеи иқтисоди миллиро ба назар гирифта, дар пешниҳодҳои тарифии Тоҷикистон сатҳи миёнаи тарифҳо (боҷҳо) назар ба тарифҳои амалкунанда зиёд карда шудаанд ва ин иқдом то андозае кафолати ҳимояи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар рақобат бо молҳои воридотии хориҷӣ мебошад.

Сатҳи миёнаи охирини боҷҳо барои ҳамаи намуди молҳо, дар байни 24 давлати рӯ ба инкишофи дар солҳои наздик ба СУС шомилшуда, 11,4 фоизро ташкил медиҳад ва ин нишондод барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 8 фоиз қарор дорад.

Дар муқоиса бо дигар давлатҳои дар ҳолати гузариш қарордошта Тоҷикистон сатҳи миёнаи охирини боҷҳоро барои ҳама намуди молҳо

нисбатан баланд нигоҳ дошт. Сатҳи миёнаи охирини боҷҳо барои давлатҳои тозааъзо, аз ҷумла барои Черногория (5,1 %), Хорватия (6,1%), Албания (7%), Молдова (7%), Македония (7,1%), Гурҷистон (7,4%), Қирғизстон (7,5%) ва Федератсияи Россия (7,7%) қабул гардидааст.[1]

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои дуҷониба бо кишварҳои аъзо ва гузаронидани ислоҳот дар кишвар 10 декабри соли 2012 Шурои генералии СУС, ҳисоботи Гурӯҳи корӣ ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои вобаста ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС-ро баррасӣ намуда, қобили қабул шуморид. Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 2013 расман узви комилҳуқуқи СУС гардид.

Тӯли 11 соли узвият дар СУС Тоҷикистон тавонист бо истифода аз имтиёзҳои пешниҳоднамудаи созмон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардад, ки дар татбиқи он нақши шарикони рушд назаррас мебошад.

Маҳз дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳоте, ки дар 11 соли узвият дар СУС амалӣ карда шуданд, Тоҷикистон пешравиҳои назаррас нишон дода, тавонист рушди миёнаи иқтисодиро 7,1 фоиз таъмин намояд.

Дар ин давра ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеӣ 2,9 баробар, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2,3 баробар, маҳсулоти саноатӣ 4,3 баробар, сармояи асосӣ 2,8 баробар, маҳсулоти кишоварзӣ 2,4 баробар, савдои чакана 3,3 баробар ва буҷети давлатӣ 3 баробар афзоиш ёфт.

Инчунин дар ин солҳо рушди соҳаи хизматрасонӣ назаррас буда, ҳиссаи он дар ММД 41,3 фоизро дар соли 2022 ташкил дод. (Афзоиши савдои хизматрасонӣ дар солҳои 2013-2022 тақрибан 10 фоизи солонаро ташкил намуд).[2]

---

[1] Батуров Х.Д. Мавқеи Созмони умумиҷаҳонии савдо дар самти инкишофи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми ДДҲБСТ. Нашри 2(91), 2022. саҳ.119-127.
[2] Батуров Х.Д. Мавқеи Созмони умумиҷаҳонии савдо дар самти инкишофи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми ДДҲБСТ. Нашри 2(91), 2022. саҳ.119-127.

Сатҳи камбизоатӣ низ дар кишвар тамоюли коҳишёбандаро касб намуда, аз 35,6% дар соли 2013 то 22,5% дар соли 2022 расид.

Инчунин мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалӣ, аз ҷумла мувофиқи арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ дар байни 190 кишвари ҷаҳон аз 141 зина дар соли 2013 ба 106-ум зина дар соли 2020, яъне 35 зина боло рафт ва Тоҷикистон дар солҳои охир 4 маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешқадами ислоҳотгар шомил карда шуд.

Таҳлили вазъи кунунӣ, нишондиҳандаҳои омории гардиши молии байни узви сохторҳои ҳамгирой, имконияти содиротии байни ин кишварҳо ва сабабҳои тағйирот дар муносибатҳои иқтисодии онҳо имкон фароҳам овард, ки ҷанбаҳои содиротию воридотии кишвар дар раванди фаъолият дар ҳайати сохторҳои ҳамгирой мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Чунин хулоса метавон кард, ки ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии кишварҳои узви сохторҳои ҳамгирой, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи онҳо ба ҳисоб меравад, ба худ тамоюли афзоиш мегирад. Дар шароити муосир барои такмил ва тавсеа додани чунин ҳамкориҳо дар сатҳи сохторҳои ҳамгирой ва берун аз он барои кишвар имкониятҳои васеъ ҷой дорад. Барои расидан ба чунин мақсад ва мақом, шароити хуби ҳамкориҳоро дар ҳудуди кишвар ташаккул ва инкишоф бояд дод.

## 2.2. Ҷанбаҳои содиротии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгирой ва берун аз он

Пеш аз он ки дар бораи ҷанбаҳои содиротӣ дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ маълумотҳоро оварем, заминаҳои илмию назариявии пайдоиши савдои байналмилалиро қайд кардан ба маврид аст. Назарияи савдои байналмилалӣ дар баробари инкишофи афкори

иқтисодӣ дар навбати худ як қатор марҳилаҳоро гузаштааст. Кушишҳои аввалини аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани равандҳои савдои байналмилалӣ ба асрҳои XV-XVIII, ки дар он давра назарияи меркантилизм ба миён омад, рост меояд. Меркантилистон танҳо содиротро аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок медонистанд. Идеяи меркантилистон ба маҳдудияти сарватҳои ҷаҳонӣ асос ёфта буд, ки он асосан ба миқдори тилло ва нуқра алоқаманд буд. Асоси таълимоти намояндагони ин мактаби иқтисодиро тавозуни савдоӣ ташкил мекард, яъне зиёд ба хориҷ аз мамлакат фурӯхтан ва камтар харидорӣ намудан. Ба андешаи онҳо танҳо ин метавонад сарчашмаи ташаккули сарват ва боигарӣ бошад. Бояд гуфт, ки идеяи ин мактаби иқтисодӣ ба назарияи содирот асоснок гардидааст.

Ба пайдоиши назарияи классикии савдои байналхалқӣ дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX иқтисодчиёни англис Адам Смит ва Дэвид Рикардо асос гузоштанд.

Нуқтаи ибтидоӣ дар инкишофи назарияи классикии савдои байналхалқӣ идеяҳои Адам Смит оид ба либерализатсияи тиҷорат ба шумор мерафт. Дар фарқият ба ақидаи меркантилистон Смит исбот мекард, ки чӣ дар воридот ва чӣ дар содирот ҳар як давлат бартарии мутлақ дорад. Ӯ кӯшиш кардааст, муайян намояд, ки кадом мол дар самти содирот фоидаовар буда кадоме аз онҳо дар воридот манфиатовар аст. Идеяи асосии А.Смит аз он иборат буд, ки асоси сарват ва боигарии миллӣ тақсимоти меҳнат мебошад.

Адам Смит дар асари худ “Таҳқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо”, ки соли 1776 навиштааст, нишон дод, ки кишварҳо ба рушди озоди савдои байналмилалӣ манфиатдор мебошанд, зеро новобаста аз он ки содиркунанда ё воридкунанда ҳастанд, метавонанд аз он манфиат гиранд. Дар ин замина вай назарияи бартарии мутлақро ба вуҷуд овард.

Содирот дар навбати худ ҷузъи ҷудонашаванди тиҷорати байналхалқӣ ба ҳисоб рафта аз қаламрави як кишвар ба берун баровардани молу хизматҳоро дар бар мегирад.

Дар ҳоли ҳозир, ки дар кишвари Тоҷикистон низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, ҳукумат барои ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, дастгирии фаъолияти содиротӣ ва рушди ин раванд кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Дар ин замина бояд гуфт, ки иқтидори содиротии кишвар дар фаъолияти иқтисоди байналхалқӣ нақши муҳим мебозад. Дар баробари ин давлат ҳамеша кӯшиш менамояд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ камтар дахолат намуда ба онҳо имконияти фаъолияти густурда фароҳам созад. Тадбирҳои андешидашуда дар самти савдои хориҷӣ ва дастгирию ҳавасмандсозии молсодиркунандагон имкон фароҳам меорад, ки Тоҷикистон вазифаҳои худро дар самти таҳкими муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ боз ҳам пурсамар иҷро намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар самти содироти молу маҳсулот бо мақсадҳои ҷоннок намудани амалиётҳои содиротии субъектҳои иқтисодӣ, дастгирӣ намудани корхонаҳои истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти миллии ба содиротнигаронидашуда, ба бозорҳои берунӣ баровардани молу маҳсулоти тайёр ва мубориза бар зидди иқтисодиёти ниҳонӣ дар муддати кӯтоҳ бояд дар сатҳи кишвар масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- васеъ ҷорӣ намудани системаи штрих-кодкунӣ ба маҳсулоти содиротӣ;

-таҳияи заминаи меъёрӣ ва васеъ ҷорӣ намудани савдои электронӣ дар ҷумҳурӣ;

- ҷорӣ намудани системаи аломатҳои махсуси мутобиқат (нишонаҳои тоҷикии мутобиқат) барои маҳсулоти содиротӣ ва фурӯхташуда, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад;

- васеъ намудани вазифаи биржаи ҷумҳуриявии ашёи хом оид ба савдои яклухти навъҳои муҳимтарини ашёи хом ва дар доираи муносибатҳои байнибиржаҳо дар кори биржаҳои ҷаҳонии ашёи хом ва иштирок намудани он;

- ташкили минтақаҳои озоди саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда;

- васеъ намудани минтақаҳои савдои озод (наздисарҳадӣ) дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ;

- ҷорӣ намудани таъминоти иттилоотӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имкони таъмини алоқаи фаврӣ ва муассир бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо мақсади мониторинги амалиёти содироту воридот ва таҳлили вазъи бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ;

- соддагардонии низом ва тартиби додани иҷозат аз ҷониби мақомоти давлати ба маҳсулоти содиротии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда.

Бо мақсади афзоиш додани иқтидори истеҳсолии субъектҳои истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти ватанӣ, боло бурдани фаъолияти савдои хориҷӣ ва зиёд намудани фаъолияти иқтисоди берунии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат намояндагиҳои тиҷоратии худиро бояд таъсис дод, ки яке аз вазифаҳои асосӣ дар назди иқтисоди байналхалқии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар даврони истиқлолият баъд аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дигар кишварҳои ҷаҳон расмият шинохтанд, дар аксар давлатҳои ҷаҳон чунин намояндагиҳо боз гардиданд. Яке аз шартҳои асосии савдои хориҷӣ ташкил намудани марказҳои иттилоотию машвардиҳӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо вазифадор мешаванд, ки маълумотҳоро вобаста ба савдои хориҷӣ ба муштарӣ дар шароити мувофиқ ва саривақтӣ расонанд.

Самтҳои асосии ташаккули низоми миллии сохторҳои мусоидат ба содирот бояд инҳо бошанд:[1]

- таъсиси Бонки содиротӣ бо ваколати додани имтиёзҳо ва қарзҳои дарозмуҳлат ба содиркунандагон;

- ташкили ниҳодҳои (институтҳо)-и рушди содирот, аз ҷумла Агентии мусоидат ба содирот, Агентии суғуртаи амалиётҳои содиротӣ, аз ҷумал қарз, сармоягузорӣ ва фӯруш;

- ташкили Феҳристи ҷамъбастии содиркунандагон ва воридкунандагони Тоҷикистон бо ҷудо кардани гурӯҳи "иштирокчиёни боэътимоди бозор";

- таъсиси институти ваколатдор оид ба ҳуқуқи сармоягузорон ва содиркунандагон (соҳибкорон) дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани озмунҳои "Содиркунандаи беҳтарини Тоҷикистон";

- инкишофи шаклу усулҳои савдои наздисарҳадӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои миллии мусоидат ба содирот, мониторинги пешрафт дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ низоми ҳавасмандгардонӣ ва назорати самаранокӣ.

Он бандҳое, ки ном бурда шуд, бояд ҳамчун вазифаи асосӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои мусоидат ба содирот гардад.

Бояд қайд кард, ки омилҳо ва сабабҳои объективие, низ ҷой доранд, ки сабаби асосии боздорандаи содирот мегарданд, аз ҷумла:

-дар ҳудуди дур аз роҳҳои байналмилалии нақлиётӣ ва бозорҳои хориҷӣ ҷойгир будан;

-ҷой доштани хароҷоти зиёди вобаста ба нақлиёт дар самти содирот;

[1] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. ш.Душанбе. аз 26-уми ноябри соли 2016, № 503

-кам будани ташкилотҳои мусоидаткунандаи молу маҳсулот ба бозорҳои берунӣ ва дохилӣ;

-нокифоя будани дастгирии рушди содирот аз ҷониби давлат;

-набудани ҳавасманднамоии истеҳсолкунандагоне, ки молу маҳсулоташон ба содирот нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар самти ҳаракати молу маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ, яке аз омилҳои муҳим ин мусоидат ва дастгирии давлатии содирот ба ҳисоб меравад. Дар ин замина метавон гуфт, ки дар Ҷумҳурӣ Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул гардидааст ва он мавриди амал қарор гирифтааст.

Дар ин замина ба гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда оид ба ҳаҷми содирот ва воридот маълумот гирифтан мумкин аст, ки онро дар диаграммаи зерин метавонем бубинем.




Тартиб дода шуд дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

***Диаграммаи 2.1. - Гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.доллари ИМА)***

Ҳамин тариқ гардиши умумии молу маҳсулот дар савдои берунии Тоҷикистон дар соли 2017 3972,9 млн.доллар ва дар соли 2022 бошад

7309,5 млн.долларро ташкил дод, ки ин афзоиши нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 83,9 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҳаҷми умумии гардиши молӣ дар соли 2017-ум ҳаҷми содироти мол 1198,0 млн.долларро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 - 2142,0 млн.долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 78,7% бештар аст.

Аз рӯи гурӯҳи молҳо бошад, содироти молу маҳсулот дар соли 2017 то 2022 чунин нишондиҳандаҳоро ба худ касб намудааст.




Тартиб дода шуд дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

***Диаграммаи 2.2. - Содирот аз рӯи гуруҳи молҳо (млн.долл.ИМА)***

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки имкониятҳои содиротии Тоҷикистон тамоюли афзоиш ба худ гирифтааст. Дар маҷмуъ фоизи зиёди маҳсулоти содиротиро маҳсулоти маъданӣ аз ҷумла тилло, нуқра, металлҳои қиматбаҳо ва нассоҷӣ ташкил медиҳад. Баъдан масолеҳи бофандагӣ ва маснуоти бофандагӣ ҳиссаи бештари содиротиро аз рӯи гурӯҳи молҳо ташкил медиҳад. Барои Тоҷикистон ҷой доштани чунин молу маҳсулоти содиротӣ имкон фароҳам меорад, ки дар сатҳи сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ ҳамкориро боз ҳам рушд ва афзоиш диҳанд.

Амалияи ҳамгироии ҷаҳонӣ моро бовар мекунонад, ки иқтисодиёти миллии дорои сохту сатҳи тараққиёташон гуногун дар ҳақиқат ҳам ҳамгироӣ карда метавонанд. Зеро он раванди нисбатан мураккаб ба ҳисоб рафта, аз давлатҳои ҳамгирошуда тақозо менамояд, ки дар самти савдои хориҷӣ ва дигар соҳаҳои иқтисод фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд.

Таҳлилу таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар ҷаҳон имкон пеш меорад, ки роҳу усулҳои инкишофи ояндаи ҷомеа пешбинӣ карда шавад. Ҳамгироӣ дар доираи сохторҳои иқтисодӣ бояд як муҳитеро ба миён орад, ки натиҷаовар ва самарабахш буда, кишварҳои узв фаъолияташонро бо нигоҳ доштани ҳудудҳои худ ва иқтисоди миллӣ идома бахшанд. Омӯзиши равандҳои ҳамгироӣ дар байни сохторҳои ҳамгироӣ нишон дод, ки сатҳу сифат ва дараҷаи ҳамкориҳои иқтисодии онҳо гуногун буда, нишондиҳандаҳои содиротӣ ва воридотии кишварҳо аз ҳамдигар фаркунандаанд. Дар сатҳи иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ ба монанди Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Созмони ҳамкориҳои Шанхай чунин нишондиҳанда, аз ҷумла содироти молу маҳсулот, гуногун мебошад.

Таҳлили динамикаи содирот нишон медиҳад, ки нақши Тоҷикистон дар савдои дохилиминтақавӣ меафзояд. Дар баробари ин, қисми зиёди содирот дар соли 2022 (зиёда аз 72,3 фоиз) ба ҳиссаи кишварҳои СҲИ (38,4%), ИДМ (35,5%) ва кишварҳои СҲШ (23,5%) рост меояд, ки нисбат ба соли гузашта қариб 11,7 фоиз зиёд мебошад.

Такмили таблиғи маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати танзимкунанда ва пешбарандаи содирот мебошад. Айни ҳол дар сатҳи кишвар аллакай молу маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол мегардад, ки онҳоро метавон дар сатҳи байналмилалӣ мавриди таблиғ қарор дод. Бинобар ин барои ба

бозорҳои хориҷӣ содир намудани молҳои истеҳсоли ватанӣ бояд шаклҳои гуногуни таблиғ ба таври васеъ истифода карда шавад.

Дар шароити муосир самтҳои соҳавии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд инҳо бошанд:

-Энергетика;

-Комплекси металлургӣ;

-Металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо;

-Комплекси агросаноатӣ;

-Ангури тару тоза ва хушк, зардолу, гелос, лимӯ;

-Маҳсулоти органикӣ;

-Маҳсулоти ширӣ.

Бояд гуфт, ки барои афзоиш ёфтани содироти маҳсулоти ватанӣ ба берун аз мамлакат, бояд ҳар чӣ бештар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо оиди технология ва инноватсияҳо ва молу маҳсулоти нави миллӣ ташкил карда шавад. Истеҳсолкунандагони ватаниро, ки молу маҳсулоташон ба содирот нигаронидашуда аст, аз ҷониби ҳукумат мавриди дастгирӣ қарор додашуда ин субъектҳои истеҳсолкунанда бо ҷоизаҳо аз ҷониби давлат дастгирӣ ва ҳавасманд карда шавад. Инчунин заминаҳои меъёрию ҳуқуқии рушди содирот такмил дода шавад.

Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳар як сафари ҳайати расмии ҳукумати кишвар форуми соҳибкорон ва сармоягузорон баргузор карда мешавад. Дар он имкониятҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ муаррифӣ мегардад.

Масалан форуми соҳибкорӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Чин 2-юми ноябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар кори он роҳбарони вазорату идораҳои ҷонибҳо ва беш 200 нафар соҳибкорону сармоягузорон аз ҳар ду ҷониб ширкат варзиданд. Зимни баргузории форум ба ҳайати чинӣ имкониятҳо ва фазои сароягузории кишвар муаррифӣ гардида, аз ҷониби ширкатҳои

ватанӣ лоиҳаҳои афзалиятнок ба ҷониби чинӣ барои ҳамкорӣ пешниҳод гардиданд. Дар натиҷа байни соҳибкорони Тоҷикистон ва Чин 25 номгӯй созишномаҳо дар соҳаҳои истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, энергетика ва ёдошти ҳусни тафоҳум байни минтақаҳои озоди иқтисодии ҳарду кишвар ба имзо расонида шуд.

Дар маҷмуъ дар шаш моҳи аввали соли 2024 аз Тоҷикистон ба маблағи беш аз 997 млн доллар маҳсулот содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз 319 млн доллар зиёд мебошад. Дар ин замина ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ дар ин давра 969 млн долларро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 314,5 млн доллар зиёд гардидааст.[1]

Дар самти такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди содирот ва воридотивазкунии Тоҷикистон чорабиниҳои асосии зеринро муайян намудан мумкин аст:

- аз андози арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани техника, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётии барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ воридшаванда;

- фароҳам овардани шароити муносиби андозбандӣ барои содирот ва воридотивазкунандагон ва дар асоси он ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба кодексҳои андоз ва гумрук ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- таҳияи барномаи ташаккули гурӯҳҳои (кластерҳои) асосии молҳои содиротӣ, аз ҷумла марказҳои рушди кластерӣ ва механизми татбиқ;

- тақвияти низоми мониторинг ва арзёбии Барнома, инчунин ташаккули механизми тасҳеҳи индикаторҳои мақсаднок дар асоси моделҳои пешгӯишуда;

- таҳия низоми меъёрҳои афзалиятнокии лоиҳаҳои содиротӣ барои гирифтани дастгирии давлатии молиявӣ;

---

[1] [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://sputnik.tj/20240803/tojikiston-sodiroti-mahsulot-khorij-1063787746.html

- ташаккули асосҳои ҳуқуқии субсидиякунонии меъёрҳои фоизии қарзҳо барои содирот ва воридотивазкунӣ;

- таҳияи асосҳои ҳуқуқӣ ва механизми истифодаи низоми фармоиши давлатӣ барои рушди истеҳсолоти ватании қобили рақобат;

- ҷорӣ намудани механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ.

Дар баробари ин, самти дигари дастгирӣ намудани содирот ва махсусан молу маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, ба танзими андозӣ вобастагӣ дорад. Бо ин мақсад чунин чораҳоро бояд андешид:

- барои субъектҳои содиркунанда ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандсозии андоз;

- дар алоқамандӣ ба истеҳсол ва содироти минбаъдаи молу хизматрасонӣ кам кардани меъёри боҷи давлатӣ;

- ҳавасманд намудани субъектҳои иқтисодие, ки дар истеҳсолоти худ аз навгониҳои техникӣ истифода менамоянд.

Давлат ҳамеша кӯшиш менамояд, ки шароити содиркунандагонро беҳтар созад ва дар ин самт пайваста фаъолият менамояд. Яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати иқтисодии кишвар дар шароити муосир афзоиш додани содирот нисбат ба воридот мебошад. Дар ин замина дар оянда гузаштан аз кишвари содиротӣ ба кишвари воридотӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳамкориҳо дар ҳайати сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ зиёд гардида боиси афзун шудани даромадҳои субъектҳои иқтисодӣ аз ҷумла аҳолӣ гардад ва рушди иқтисодӣ ба вуҷуд ояд. Амалӣ гардидани чунин барномаҳо ва лоиҳаҳои стратегӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ хароҷоти муайянро талаб менамояд.

Ҳолат ва вазъияти муосири иқтисодиёти Тоҷикистон, робитаҳои иқтисодии хориҷии кишвар ва мавқеи ҷойгиршавии он имкон фароҳам меорад, ки муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди давлатҳои мутсақил ва дигар созмону иттиҳодияҳо мустаҳакам карда шуда, афзун карда шавад.

Васеъ гардидани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ, бо ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ ва имконияту шароитҳои мавҷуд буда, дар солҳои охир самаранок арзёбӣ мегардад.

Албатта, як қатор бартариҳое ҷой доранд, ки барои Тоҷикистон дар ҳамгироӣ бо дигар кишварҳои узви иттиҳодияҳо ва сохторҳои ҳамгироӣ зуҳур меёбанд:

- аз ҷиҳати захоири маъданӣ ва барқи обӣ дар иқтисоди ҷаҳон ишғол намудани мавқеи муайян ва муҳим;

- аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иқтисодӣ мавҷуд будани вазъи муътадил;

- рушди иқтисоди муътадил;

- дар мамлакат афзоиш ёфтани захираҳои асъорию тиллоӣ.

Як қатор омилҳое низ дар иқтисодиёти кишвар маҷуданд, ки барои воридшавӣ ва иштироки Тоҷикистон ба сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ таъсири манфӣ мерасонанд:

-ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани баъзе аз қонунгузориҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ки онҳо ба рушди иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ монеъа эҷод мекунанд.

-инкишофи нисбатан сусти соҳаҳои хизматрасонӣ (аз ҷумла нақлиёт) ва технологӣ;

-нокифоя будани рақобатпазирии баъзе аз маҳсулоти ватанӣ, аз ҷумла молу маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва саноатӣ;

Дар баробари ин, дар иқтисоди миллӣ як қатор мушкилот мавҷуданд, ки имкониятҳои содиротии кишварро маҳдуд менамоянд:[1]

- ба дараҷаи зарурӣ мавҷуд набудани озодии соҳибкорӣ;

- бо сифати паст истеҳсол шудани баъзе маҳсулот, ки рақобатпазир буда наметавонанд;

- ҷой доштани баъзе монеъаҳои маъмурӣ дар самти содирот (ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он);

- ҷой надоштани менеҷмент ва маркетинги ҷавобгӯ ба талаботи замон.

Аммо бо вуҷуди мавҷуд будани чунин монеъаҳо ва мушкилот дар самти содирот Тоҷикистон имконияти хуби ҳомкориҳоро дар доираи сохторҳои иқтисодӣ дорад ва метавонад ҳамгироии самаранокро дар доираи иқтисоди ҷаҳон бо кишварҳои алоҳида ва дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгирой роҳандозӣ намояд. Бо мақсади амалӣ намудани чунин имкониятҳо дар сатҳи кишвар сиёсати босамари иқтисодиро пеш гирифтан зарур аст, ки он тавонад дар натиҷа рақобатнокии молу маҳсулоти миллиро боло бардошта рушди иқтисодиро таъмин намояд.

Ба маврид аст қайд намоем, ки дар солҳои охир дар гардиши молии Тоҷикистон ҳаҷми содирот нисбат ба воридот кам ба чашм мерасад, ҳарчанд, ки он сол ба сол афзоиш меёбад. Дар натиҷа он боис мегардад, ки тавозуни савдо нишондиҳандаи манфиро ба худ касб кунад. Дар самти воридот бошад, нишондиҳандаҳо афзуншавандаанд, бахусус бо кишварҳо ба монанди Чин, Ӯзбекистон, Россия ва Қазоқистон, ки аз шарикони аосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳиссаи шарикони тиҷоратӣ ба монанди Россия, Қазоқистон, Чин ва Ӯзбекистон дар гардиши молии ҷумҳурӣ бештар аст. Таҳлилҳои охир гувоҳи онанд, ки дар руйхати молу

[1] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Стр.5. Манбаи электронӣ: -Воридшавӣ: https://www.export.tj/storage/normativ-tj-1643494791.pdf

маҳсулоти содиротии ҷумҳурӣ пеш аз ҳама маҳсулоти алюминии аввалия (101,5 млн.долл.) ва пахта (44,9 млн.долл) қарор гирифтаанд, ки аксаран ба кишвари Туркия содир карда мешаванд. Баъдан метавонем пахтаро ном барем, ки мавриди содирот қарор мегирад. Он асосан ба кишвари Эрон ба андозаи 5,3 млн.долл ва Покистон 4,6 млн.долл содир карда мешавад.[1] Дар ин баробар содирот ба кишвари Ӯзбекистон низ роҳандозӣ гардидааст, ки ба он маҳсулоте ба монанди сангҳои қимматбаҳо, сулфур, намак ва семент дохил мешавад.

**Ҷадвали 2.6. – Гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони асосии тиҷоратӣ**

| Кишварҳо | Гардиши молӣ (2017), млн.долл ИМА | Ҳиссаи умумӣ аз гардиши молӣ бо % | Гардиши молӣ (2022), млн.долл ИМА | Ҳиссаи умумӣ аз гардиши молӣ бо % |
|---|---|---|---|---|
| Россия | 935,9 | 23,5 | 1673,9 | 22,9 |
| Қазоқистон | 838,9 | 21 | 1441,2 | 19,7 |
| Чин | 591,1 | 14,8 | 1210 | 16,5 |
| Туркия | 338,6 | 8,5 | 351,2 | 4,8 |
| Ӯзбекистон | 126,4 | 3,1 | 555,4 | 7,6 |
| Швейтсария | 96,5 | 2,4 | 394,5 | 5,3 |
| Олмон | 106,5 | 2,6 | 113,9 | 1,5 |
| Ҷопон | 30,1 | 0,75 | 108,5 | 1,4 |
| Эрон | 238,2 | 5,9 | 238,2 | 3,2 |
| Покистон | 32,5 | 0,8 | 32,5 | 0,44 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, 419 саҳ.

Дар руйхати кишварҳо, содироти бештари молу маҳсулот ба Россия, Қазоқистон, Чин ва Туркия рост меояд. Дар байни кишварҳои шарикони тиҷоратӣ Швейтсария низ дар баробари дигарон мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Ба Швейтсария бошад молу маҳсулоте аз қабили металлҳои қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо, марворидҳои табиӣ

[1] Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти ҶТ - Душанбе, 2021, 581 саҳ.

содир мегардад, ки онҳо зиёда аз 90 дарсади содиротро ба ин кишвар ташкил мемдиҳанд.

Тавре, ки маълум аст, шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатҳои мутараққии ҷаҳон аз қабили Россия, Чин, Қазоқистон ва Туркия ба ҳисоб мераванд.

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки ҳиссаи шарикони тиҷоратӣ ба монанди Россия, Қазоқистон, Чин ва Ӯзбекистон дар гардиши молии кишвар зиёдтар мебошад. Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ гардиши молу маҳсулоти байни Тоҷикистону Россия дар соли 2022 – 1673,9 млн дол. ташкил додаст, ки он 22,9 фоизи ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад[1] ва дар оянда чӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва чӣ берун аз он Россия шарики стратегии Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд.

Бо мақсади муътадил гардонидан ва дар оянда афзоиш додани содироти маҳсулоти тайёр давлат бо маҷмӯи субъектҳои истеҳсолкунандааш кӯшиш намоянд ва дар самти сиёсати беруниии иқтисодӣ чораҳои муҳим андешад. Дар ин робита боз ҳам шумораи корхонаҳои саноатии истеҳсолкунанда ва ба содиротнигаронидашуда бояд афзоиш дода шавад ва лоиҳаҳои муштарак бо кишварҳои аъзои сохторҳои ҳамгироӣ амалӣ гардонида шавад.

Метавон чунин хулоса кард, ки барои таъмини ҳамкории самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ба хусус кишварҳои узви иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ, қабл аз ҳама, муайян кардани рушди робитаҳои ҳамгироӣ дар самти содироти молу маҳсулот муҳим аст. Афзоиш додани ҳаҷми содиротии кишвар қабл аз ҳама аз истеҳсоли барзиёди маҳсулоти миллӣ нисбат ба тақозои дохилӣ вобаста аст. Истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва содироти он ба кишварҳои ҳамсоя ва узви сохторҳои ҳамгироӣ боиси баланд шудани

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2022. саҳ.308.

ҳиссаи содирот дар гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида дар сатҳи иқтисоди миллӣ рушди иқтисодиро ба вуҷуд хоҳад овард.

## 2.3. Ҷанбаҳои сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгирой.

Сармоягузорӣ заминаи моддии рушди иқтисодиёт ва рақобатпазирии он мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, чунон ки маълум аст, ҳамаи мамлакатҳо ба сохти мавҷудаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба навъе бо ҳамдигар пайванданд. Бинобарин дар низоми муосири сармоягузорӣ ба иқтисодиёт талаботҳои муайян ҷой доранд, ки риоя намудани он метавонад ба босамар ва рақобатпазир гаштани натиҷаи истеҳсолот боис гардида дар маҷмуъ истеҳсолотро рушд диҳад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки арзиши самаранокии сармоягузориҳо бо муқоисаи хароҷот бо натиҷаҳои онҳо муайян карда мешавад. Меъёрҳои арзёбии ин натиҷаҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои миқдории фаъолияти иқтисодӣ ва ҳам имкониятҳои сифатии маҳсулоти истеҳсолшуда, ки метавонанд рақобатпазир шаванд, баромад мекунад.[1]

Дар соҳаи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушод амал мекунад, ки ба он фазои мусоиди сармоягузорӣ боис мегардад. Сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», ки таҳрири охирини он соли 2016 қабул шудааст, танзим карда мешавад.[2]

Тибқи қонуни мазкур уҳдадориҳои сармоягузор чунин пешбинӣ гардидааст:

---

[1] Назаров Т.Н. Некоторые проблемы развития рыночной экономики и повышения ее эффективности // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -№2. -2006. –С. 60-62.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». АМОҶТ. ш. Душанбе, 15 марти соли 2016, № 1299

- ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузор бояд қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад;

- бо мақсади мониторинги иҷрои уҳдадориҳо дар доираи созишномаҳо ва шартномаҳои сармоягузорӣ сармоягузор ҳисоботи семоҳаро бо шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ пешниҳод менамояд;

- сармоягузор набояд амалеро содир намояд, ки боиси рақобати бевиҷдонона гардад, ё амалеро (беамалиеро) анҷом диҳад, ки ба роҳ надодан, аз байн бурдан ё маҳдуд намудани рақобат, расонидани зарар ба ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар равона шудааст;

- сармоягузор ҳангоми амалӣ намудани сармоягузорӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тайёр кардани кормандони баландихтисос аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Сармоягузорон ҳуқуқ доранд:

- дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисобҳо кушоянд;

- бо салоҳдиди худ даромади аз фаъолият бадастовардаро баъди супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ истифода намоянд.

Ба сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқи ба берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани маблағи даромади онҳо бо асъори хориҷӣ, ки бо роҳи қонунӣ дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ ба даст омадаанд, кафолат дода мешавад.

Сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ доранд сармоягузориро дар шаклҳои зерин амалӣ намоянд:

- ташкили корхонаҳо, ки пурра ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ доранд, инчунин филиалҳо ва намояндагиҳо, ки ба шахсони ҳуқуқии

хориҷӣ мансубият доранд ё ба воситаи ба даст овардани ҳуқуқи моликияти корхонаҳои мавҷуда;

- таъсиси шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба даст овардани ҳисса дар корхонаҳои мавҷуда;

- ба даст овардани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мустақилона ё бо иштироки шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани ҳуқуқи консессияҳо барои истифодаи объектҳои моликияти давлатӣ ва захираҳои табиӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба даст овардани дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ;

- дар дигар шаклҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Дар баробари ин давлат ҳуқуқҳои сармогузорони дохилию хориҷиро ҳимоя намуда фаъолияти онҳоро кафолат медиҳад. Аз дигар тараф сармоягузорон новобаста аз минтақаи фаъолият, миллат, ҷинс, дин ва шаҳрвандӣ амал менамоянд ва онҳо дар фаъолияти рӯзмарраи худ бояд ба табъиз ва эҷоди мушкилиҳо роҳ надиҳанд.

Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳимояи пурра ва бечунучарои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро ба сармоягузор кафолат медиҳанд.

Дар сурати қатъ гардидани фаъолияти сармоягузорӣ бидуни гуноҳи сармоягузор, сармоягузор ҳуқуқ дорад ҷуброни сармоягузориҳои ба ӯ тааллуқдошта ва даромади вобаста ба онҳо дар шакли пулӣ ё молӣ бадастовардаро аз руи арзиши воқеии дар вақти қатъ гардидани фаъолияти сармоягузорӣ ҷуброн намояд. Сармоягузорон дар доираи фаъолияти сармоягузорӣ ҳуқуқи мубодилаи озоди пули миллии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асъори дигари озодона мубодилашаванда, инчунин хариди асъори хориҷӣ ва дигар амалиёти асъориро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» доранд. Маҳдудиятҳо оид ба интиқоли маблағ бо асъори хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷ барои сармоягузорон метавонанд танҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади пешгирии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ғайриқонунӣ бадастомада ҷорӣ карда шаванд.

Имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо ба сармоягузорон бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо, шартномаҳои сармоягузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Бо мақсади мусоидат ба сармоягузорон ҳангоми хизматрасонии давлатӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти сармоягузорӣ равзанаи ягонаро барои сармоягузорон таъсис медиҳад. Равзанаи ягона вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- қабул ва машваратдиҳии сармоягузорон оид ба масъалаҳои хизматрасонии давлатӣ;

- қабули аризаи сармоягузорон барои гирифтани хизматрасонии давлатӣ, мусоидат дар омода ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани хизматрасонии давлатӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои хизматрасонии давлатӣ;

- ҳамроҳӣ намудани лоиҳаи сармоягузорӣ дар мақомоти давлатӣ ҳангоми гирифтани хизматрасонии давлатӣ;

- мусоидат дар ҳалли масъалаҳои сармоягузорон дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии дахлдор;

- мониторинги ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ, инчунин баррасии дархост ва муроҷиатҳои сармоягузорон дар мақомоти давлатӣ.

Қонун «Дар бораи сармоягузорӣ» ба сармоягузорони хориҷӣ, ки сармоягузорӣ мекунанд, низоми миллии фаъолияти иқтисодиро, ки нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон татбиқ мешавад, пешбинӣ мекунад.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мусоир соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ муайян карда шудааст: энергетика, иқтисоди сабз, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, тандурустӣ ва фармасевтика, технология ва рақамикунонӣ.

Барои мислол метавон аз соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва фаъолияти инноватсионӣ ном бурд, ки яке аз бахшҳои ҳаётан муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷаҳони муосир мавқеи муҳим ва устувор касб намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахусус қайд мекунанд: «Замони муосир талаб мекунад, ки тамоми равандҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ тавассути истифода аз технологияҳои рақамӣ ва иттилоотиву иртиботӣ дар заминаи инфрасохтори иттилоотӣ роҳандозӣ карда шаванд».[2]

Ба роҳ мондани иноватсия ва рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ боиси пешрафти мамлакат гардида, барои раванди идоракунии босамар, хизматгузориҳои электронӣ, содироти зиёди молу маҳсулот заминаи мусоид фароҳам меорад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». АМОҶТ.ш. Душанбе, 15 марти соли 2016, № 1299

[2] Иштирок ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе. 15.04.2021.

Бояд қайд кард, ки кишвар захираҳои бойи ба иқтисоди сабз алоқамандро доро мебошад, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза.

Яке аз самтҳои муҳими замони муосир дар илми иқтисод соҳаи иқтисоди сабз мебошад, ки ба он таваҷҷуҳ дар солҳои ахир афзоиш меёбад. Мутахассисони соҳа мегӯянд, ки он дарояндаи наздик тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифта, яке аз роҳҳои нави баланд бардоштани даромадҳои кишвар хоҳад гашт.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар самти инкишоф додани соҳаи иқтисоди сабз Тоҷикистон имрӯзҳо қадамҳои устувор мегузорад. Ҳамин аст, ки дар миёни кишварҳои пасошӯравӣ аз назари истеҳсоли нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза Тоҷикистон пешсаф мебошад. Истеҳсоли барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба роҳ монда шудаст, ки он барои иқтисоди кишвар муҳим ва ояндадор арзёбӣ мегардад. Дар ин самт азнавсозӣ ва таъмиру сохтмони нерӯгоҳҳои обӣ, истеҳсоли электробус ва электротролейбус идома дошта дар оянда истеҳсоли электромобилҳо дар назар дошта шудааст.

Бинобарин бо мақсади амалӣ гаштани ин ва дигар мақсадҳо дар доираи иқтисоди сабз, истеҳсоли энергияи сабз ва иқтисоди рақамӣ, сармоягузории давлатӣ ва хориҷиро афзоиш додан зарур мебошад, ки дар ин самт аз ҷониби давлат тадбирҳои муҳим андешида мешавад.

То солҳои 2030-ум ба андозаи зиёда аз ҳазор мегаватт расонидани иқтидори истеҳсоли энергияи сабз дар назар дошта мешавад, ки аз ҳадафҳои асосии стратегияи рушди иқтисоди сабз маҳсуб меёбад. Амалисозии ин мақсадҳо албатта ба бунёди нерӯгоҳҳои барқии хурду бузург ва истифода бурдан аз захираҳои офтобӣ ҳамчун захираи табиӣ ва захираҳои бодӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамчунин дар назар аст, ки то соли 2037 истеҳсол ва таъмини барқ дар Тоҷикистон пурра бо энергияи сабз таъмин карда шавад.

Дар самти инкишофи иқтисоди сабз Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2037 ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон, воқеан ба кишвари сабз табдил меёбад.[1]

Дар баробари ин маълум шуд, ки сармоягузориҳо дар соҳаи саноат низ хуб ва натиҷаовар ба чашм мерасанд ва хушбахтона дар солҳои охир ин нишондиҳандаҳо афзоиш ёфта истодаанд. Ҳиссаи саноат дар ММД дар соли 2021 18,2%-ро ташкил дода дар назар аст, ки ин нишондиҳанда то соли 2030 ба 22% расонида шавад. Воқеан нақши саноати энергетика ва саноати хуроквори дар солҳои охир афзоиш ёфт, ҳарчанд, ки сохтори соҳавии истеҳсолоти саноатӣ ба худ майли тағйирёбанда гирифт.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат эълон гардид ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар бо маром идома дорад, ки ин ҳам яке аз ташаббусҳои роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ин замина метавон қайд намуд, ки саноатикунонӣ ҳадафи чоруми стратегии кишвар маҳсуб меёбад ва он барои таъмини рушди иқтисодӣ, афзун намудани иқтидорҳои истеҳсолии мамлакат дар самти содирот ва ташкил намудани ҷойҳои корӣ, рақобатпазир гаштани молу маҳсулоти саноатии ба содирот нигаронидашуда боис мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр намуданд: “Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш. Душанбе, 28.12.2023.// http://prezident.tj/node/32191. Санаи воридшавӣ: 11.03.2024.

худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ гардонида истодаем...”.[1]

Дар соли 2023 ҳаҷми истеҳоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон ба 46,8 миллиард сомонӣ расид, ки бо нархҳои муқоисавӣ нисбат ба соли 2022 12 фоиз ё 4,6 миллиард сомонӣ зиёд аст.

Дар маҷмуи маҳсулоти саноатӣ соли 2023 ҳиссаи соҳаҳо чунин нишондиҳандаҳоро ба худ гирифт: беш аз 28 фоиз ба саноати маъдан, 24 фоиз ба саноати хӯрокворӣ, зиёда аз 17 фоиз ба электроэнергетика, 8,6 фоиз ба саноати сохтмон, 7,9 фоиз ба саноати мошинсозӣ, 5,5 фоиз ба саноати сабук, қариб 5 фоиз ба саноати пахтатозакунӣ, 1,1 фоиз ба саноати ангишт, 0,7 фоиз ба саноати табъу нашр, 0,4 фоиз ба таъминоти об ва 0,3 фоиз ба саноати нафту газ рост меояд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли гузашта дар баъзе сатҳо бо фоизҳои муайян афзоиш ба назар мерасанд.

Масалан дар соҳаи маъдан 2,4 фоиз, дар соҳаи барқ 14,3 фоиз ва 5 фоиз дар саноати хурокворӣ нишондиҳандаҳо афзоиш ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки дар самти истифодаи технологияи муосир дар раванди истеҳсолот пешравиҳо ба назар мерасанд ва бо истифода аз ин имконият ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшудаи ватанӣ, ки ба содирот нигаронида шудааст ва воридотро иваз карда метавонад, ҳамарӯза меафзояд. Дар ин замина бозорҳои дохилӣ бо молу маҳсулоти саноатии худӣ қисман таъмин мегардад.

Аз чунин маҳсулоти саноатии тоза истеҳсол шуда дар дохили кишвар метавон ном бурд, ки имкон дорад воридотро иваз намояд: хишти сабук, халта, гаҷкартон, собуни мушкин, ротбан, эмулсия, сачоқчаҳои хушк, пахтаи тиббӣ, гушти мурғ ва ғ.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj/node/21975. Таърихи дидани саҳифа: 29.09.2022

Боиси хурсандӣ ва дастгирист, ки як қатор корхонаҳои саноатӣ дар солҳои охир бо иқтидори калон ба фаъолият оғоз карда истодаанд ва онҳои метавонанд дар саноатикунонии Тоҷикистони азиз саҳми калон гузошта бошанд.

Аз корхонаҳои истеҳсолии "Ғаюр" метавон ном бурд, ки бо ҷалб кардани сармояи хориҷӣ тавонист фаъолияти босамар намуда, истеҳсоли маъсулоти ватаниро афзоиш диҳад. Он тавонист дар солҳои охир бозори дохилиро пурра таъмин намуда як қисми маҳсулоташро ба бозорҳои хориҷӣ содир намояд. Ин боис мегардад, ки воридоти маҳсулоти хориҷӣ ба дохили кишвар давра ба давра кам карда шуда, сабаби гузаштани Ҷумҳурӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ гардад.

Нақши корхонаҳои "Ғаюр" дар иқтисодӣ ҷумҳурӣ басо назаррас буда, инчунин дар ворид намудани технологияи муосир, таъсиси ҷойҳои кории нав, омодасзии мутахассисон, истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда саҳми басо назаррас гузошта истодааст. Ҳамчунин ин корхона дар беҳтар сохтани тавозуни савдои хориҷӣ ва саноатикунонии кишвар саҳмгузор аст.

Дар шароити имрӯза маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои семет истеҳсолкунанда талаботи дохилиро пурра қонеъ гардонида истодааст ва як қисми он ба кишварҳои берун аз Тоҷикистон содир шуда истодааст. Россия, Ӯзбекистон Афғонистон, Қирғизистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки сементи тоҷикро харидорӣ менамоянд.

Дар соҳаи саноат барои ноил шудан ба нишондиҳадаҳои асосии татбиқи вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бартариятҳои зерин муайян карда шудаанд:

- баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши истеҳсолот;

- афзоиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои хориҷиву дохилӣ рақобатпазир мебошанд;

- ташкили системаи самарабахши такрористеҳсоли кадрҳое, ки ба эҷод ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ қодиранд;

- бунёди заминаҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳо, ташкили кластерҳои инноватсионии баландсифат;

- рушд ва инкишофи маҳсулоти воридотивазкунандаи миллӣ дар заминаи истифода ва коркарди захираҳо, пеш аз хама дар комплекси агросаноатӣ (коркарди меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), дар комплекси сохтмон, саноати сабук ва хурокворӣ.[1]

Ҳамаи ин ба Ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар сармоягузории хориҷиро ҷалб намуда ҳиссаи маҳсулоти ватанӣ афзоиш дода шуда, кишвар ба ҳадафҳои стартегии худ аз ҷумла саноатикунонии кишвар ва гузаштан ба кишвари содиротӣ ноил гардад.

Қонун оид ба сармоягузории хориҷӣ дар даҳсолаи охири асри гузашта, аниқтараш дар соли 1992, қабул гардида буд, ки барои сармоягузорони хориҷӣ як қатор имтиёзҳоро пешбинӣ менамуд. Аз ҷумла дар он, дар самти ҳимояи манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ чораҳои мушаххас андешида шудааст ва барои онҳо имтиёзҳоро пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр дар самти ҷалб намудани сармояи хориҷӣ давлат ва ҳукумат ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад ва ҳамеша субъектҳои иқтисодиро ҳавасманд месозад. Корхонаҳое, ки дар асоси сармояи хориҷӣ фаъолият менамоянд, манбаи супоридани андоз ба буҷаи давлат ба ҳисоб мераванд ва онҳо дар баробари корхонаҳои маҳаллӣ фаъолияти босамар ба роҳ мемонанд.

Сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 бори аввал ба 2,3 миллиард доллар расид, ки 1,5 миллиард доллари он

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. 89 саҳ. Бо қарори Маҷлиси намояндагони МОҶТ аз 01.12.2016, №636 тасдиқ гардидааст.

сармоягузории мустақим ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир бошад, ин нишондиҳандаҳо куллан тағйир ёфтаанд. Воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021 718,3 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз он 342,2 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои мустақим, 0,1 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои ҷомадонӣ (портфельные) ва 376,0 млн. доллари амрикоӣ дигар намуди сармояҳо мебошанд. Ин аз болоравии обрӯи кишвар ва афзудани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соли 2021 воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 718,3 млн. долл.-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 баробар ё 289,9 млн. долл. зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ 342,2 миллион доллари амрикоиро сармоягузории мустақим, 376 миллион долларашро дигар навъҳои сармоягузории асосӣ ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.7. - Маълумот дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.долл.ИМА)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоя, ҳамагӣ | 5 665,4 | 6 366,2 | 6 652,9 | 6 474,9 | 6 367,0 | 12,4 |
| Дар давоми сол ворид шуд | 1 100,4 | 644, 4 | 607,1 | 428,5 | 718,3 | -34,7 |
| Сармояи мустақим | 3 584, 8 | 3 631, 7 | 3 948, 4 | 3 760, 5 | 3 653,8 | 1,92 |
| Дар давоми сол ворид шуд | 354,5 | 326,8 | 345,9 | 162, 5 | 342,2 | 3,46 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. Саҳ. 238.

Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар соли 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 179,7 миллион доллар ва бештар аз 2,1 баробар ва дигар сармоягузориҳо 110,6 миллион доллар ва бештар аз 42 фоизро ташкил дод.

Сармояи мустақими дар давоми сол воридшуда, асосан ба саноати истихроҷ ба андозаи 194,6 млн.доллари амрикоӣ ё баробар ба 56,9 фоиз, фаъолияти молиявӣ ба миқдори 43,4 млн. доллари амрикоӣ ё баробар ба 12,7 фоиз, саноати коркард ба андозаи 34,0 млн. доллари амрикоӣ ё баробар ба 9,9 фоиз, соҳаи сайёҳӣ муодили 28,5 млн. доллари амрикоӣ ё баробар ба 8,3 фоиз, соҳаи сохтмон - 8,1 млн. доллари амрикоӣ ё баробар ба 2,4 фоиз, соҳаи нақлиёт ва алоқа - 7,1 млн. доллари амрикоӣ ё баробар ба 2,1 фоиз ва дигар самтҳо 26,5 млн. доллари амрикоӣ, баробар ба 7,8 фоизи ҳаҷми умумӣ равона карда шудаанд.

Тоҷикистон зимни такмили сиёсати сармоягузории худ меъёрҳои муҳиме аз қабили суботи иқтисодию сиёсӣ, заминаи муассири қонунгузорӣ, мутобиқати инфрасохтор, манобеъи табиӣ ва ғайраҳоро ба роҳбарӣ мегирад.

Ҳамаи ин чолишҳо як низоми омилҳоеро ташкил медиҳанд, ки ҳалли онҳо бо ислоҳоти амиқи дахлдор рушди минбаъдаи кишварро муайян мекунад.

Дар рушди иқтисоди бозории Тоҷикистон раванди сармоягузорӣ тадриҷан ба як қатор лоиҳаҳое, ки аз нигоҳи дурнамои рушди иқтисодӣ муҳим мебошанд, роҳандозӣ мегарданд. Дар баробари лоиҳаҳои бузург зарурати сармоягузорӣ ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна, ки бояд пояи рушди иқтисодӣ бошанд, баррасӣ мешавад. Дар баробари ин, тахмин карда мешавад, ки корхонаи хусусӣ қодир аст, маҳсулотеро бо сифати беҳтарини қонеъ гардонидани талаботи бозор истеҳсол намояд. Аммо гуфтан мумкин аст, ки баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатнокии он худ аз худ ба амал намеояд. Чунон ки маълум аст, барои азхуд намудани техникаи нав ва азхудкунии он хароҷоти иловагӣ талаб карда мешавад. Ҳалли ин масъала боз бо ба даст овардани маблағгузорӣ дар шакли дастгирии бевоситаи молиявӣ барои ҷорӣ

намудани навигариҳои техникӣ ва технологӣ ё бо истифодаи қарзҳои имтиёзнок ва дигар бонкҳо алоқаманд аст.

Металургияи ранга, туризм ва сайёҳӣ, соҳаи барқи обӣ ва сохтмони иншоотҳои зарурӣ дар ин самт, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва инчунин дигар захираҳои табиию иқтисодӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объектҳои муҳими сармоягузорӣ ба шумор мераванд. Барои Тоҷикистон вазифаи асосӣ ин фароҳам овардани шароити мусоидест, ки ба воридшавии сармоя мусоидат мекунад.

Барои он ки сармогузорони хориҷӣ сармоягузории худро ба иқтисодиёти кишвар афзоиш диҳанд ва дар болоравии сатҳи рушди иқтисодӣ кумак кунанд, якчанд шароитҳоро бояд фароҳам овард:

- дар оянда мукаммал намудани қонунҳо ва механизми иҷроиши онҳо;

- ташаккул додани сиёсати сармоягузории самаранок;

- бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти сармоягузорӣ;

- коркарди консепсияи сиёсати сармоягузорӣ;

Солҳои охир дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, амнияти сармоягузор ва сармоягузориҳо тавассути ноил шудан ба суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин гардида, заминаҳои шартномавӣ ва ҳуқуқӣ барои фаъолияти босамари сармояи берунӣ ва дохилӣ фароҳам оварда шуданд. Баъзе омилҳои дигаре, ки дар гузашта ба ворид шудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар монеъ мешуданд, муътадил гардонида шуданд. Дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ дар сатҳи корхонаҳои муштарак нишондиҳандаҳо хуб ба чашм мерасанд. То имрӯз шумораи корхонаҳои муштарак афзоиш ёфта истодаанд ва саҳми онҳо дар инкишофи иқтисоди кишвар мусбат арзёбӣ мешавад. Масалан дар Ҷумҳурӣ шумораи чунин корхонаҳои муштарак, ки бо сармоягузории хориҷӣ фаъолият мекунад, аз 149 корхонаи амалкунандаи соли 2010, шумораашон дар соли 2019 ба 624 расид, ки аз шумораи умумӣ 499 корхонаи муштарак танҳо дар маркази кишвар

фаъолият мекунанд. Албатта, ин нишондод сабабҳои муайяни худро дорад, ки яке аз онҳо ин дар минтақаҳо норасоии қувваи барқ дар фасли сармо ба шумор меравад. Бинобарин корхонаҳо маҷбур мешаванд, ки фаъолияти худро дар маркази Ҷумҳурӣ ба роҳ монанд.

**Ҷадвали 2.8. - Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои муштарак**

| Нишондиҳандаҳо | С.2005 | С.2010 | С.2015 | С.2019 | Соли 2005 нисбат ба соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои муштарак, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд | 121 | 149 | 221 | 624 | 80,7% |
| Пули нақд аз савдои молҳо (кор, хизматрасонӣ), бо нархҳои ҷорӣ, млн.сомонӣ | 459,1 | 1735,1 | 3818,1 | 18171,0 | 97,5% |
| Хароҷоти истеҳсолот ва савдои маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ), млн. сомонӣ | 584,0 | 1654,3 | 3187,8 | 15145,8 | 96,2% |
| Фоида (+), Зарар (-) | -124,9 | +80,8 | +630,3 | +3025,2 | |

Тартиб дода шуд дар асоси: “Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ”. Омори солонаи ҶТбарои соли 2021, Агентии омори назди Президенти ҶТ. Душанбе, 2021, 702 саҳ.

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки шумораи корхонаҳои муштарак, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва даромад аз фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) ба даст меоранд, тамоюли афзоиш дорад ва онҳо дар солҳои охир бо фоида кор карда фарқияти он зиёда аз 90 фоизро ташкил медиҳад.

Дар қаламрави кишвар коргоҳҳои калоне, ба монанди корхонаҳои муштараки «Тоҷиккабултекстил», «Ришта», «Хуҷанд пекиджинг», «Мармар», «Дарвоз», «Зарафшон», «Ҷавонӣ» ва ғайра бомуваффақият кору фаъолият мекунанд. Корхонаҳои зерин: ҶДММ «Даҳбед-Д» дар Ҳисор бо сармоягузории Чин, ҶСП «Ресандаи Қӯрғонтеппа» бо сармоягузории Корея, ҶДММ «Кота Глобал» дар шаҳри Бохтар бо сармоягузории ИМА, Ширкати мебели ҶДММ Bisot бо сармоягузории Олмон ва Италия, Корхонаи муштараки «Арча-мебел» бо сармоягузории

Туркия, Италия ва Хитой низ бо сармоягузории хориҷӣ фаъолият мекунанд.

Дар соли 2022 Хитой ба иқтисоди Тоҷикистон 462,9 миллион доллар сармоягузорӣ кардааст. Аз соли 2007 то соли 2023 ҳаҷми умумии сармояи ин кишвар ба Тоҷикистон 3,845 миллиард долларро ташкил доддаст, ки аз ин миқдор 70 фоизаш танҳо сермояи мустақим ба шумор меравад. Сармояи ҷониби Хитой ба самтҳои гуногун, ба монанди сохтмони роҳҳо, коркард ва иктишофи канданиҳои зеризаминӣ, насби таҷҳизоти техникӣ ва соҳаи саноат равона гардидааст. Аз чор се ҳиссаи андозсупорандагони бузург ба буҷаи кишвар ин ширкатҳоеанд, ки бо сармоягузории Хитой фаъолият карда истодаанд.

То ҳоло ширкатҳои калонтарини дунё аз давлатҳои Олмон, Шветсария, Итолиё, Куриё, Канада, Англия, Россия ва Амрико ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ менамоянд ва аз ҷумлаи калонтарин сармоягузорон маҳсуб меёбанд. Ширкатҳои Nelson Gold Corporation дар самти азхудкунии конҳои тилло ва нуқра, Gulf International Minerals вобаста ба коркард ва истихроҷи тилло, Credit Swiss First Boston ҳамчун сармоягузор дар истеҳсол ва коркарди пахта, Kabool Textiles ва Adjind International дар доираи корхонаҳои бофандагӣ дар қаламрави кишвар бо таъсиси корхонаҳои мушатарак фаъолияти худро роҳандозӣ намудаанд ва идома медиҳанд.

Ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ низ амал мекунанд, ки дар ворид намудани техника ва технологияи муосир ба коргоҳҳои ватанӣ машғул ҳастанд ва саҳми худро дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ ҳамчун брендҳои миллӣ мегузоранд.

Корхонаҳои Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти дар ҷаҳон машҳурро аз қабили АрсиКолла, Фанта, Оби Зулол, Пепси, Кока-Кола, Миринда, Бонакуа ва ғ-ро дар қаламрави кишвар ба роҳ мондааст, ки он пеш аз ҳама аз рушди ин соҳа дарак медиҳад. Ҳамаи ин имкон фароҳам

овардааст, ки дар баробари корхонаҳои муштарак ва истеҳсоли брендҳои ҷаҳонӣ маҳсулотеро ҳамчун брендҳои тоҷикӣ аз қабили Сиёма, Акома, Амирӣ, Арзанда, Шоҳона, Файзи Расул, ва ғайра дар қаламрави кишвар истеҳсол намуд ва ба ҷаҳон муаррифӣ намуд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар шароити мавҷудаи замони муосир кишвари Тоҷикистон барои амалӣ намудани шаклу намудҳои гуногуни ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои иқтисодии ҳамгирой манфиатдор аст ва аз он ҷонибдорӣ менамояд. Бахсус дар самти татбиқ намудани лоиҳаҳои муштарак бо ҳузури дигар кишварҳо, ки ба воридшавии сармояи хориҷӣ муосидат менамояд, Ҷумҳурӣ ҳавасманд мебошад.

Ҳамчунин дар сатҳи кишвар дар соҳаи коркард ва истифодаи сарватҳои табиӣ аҳамияти калон дода мешавад. Дар ин ҷо бевосита ба масоили истифодаи дурусти захираҳои обӣ диққати аввалиндараҷа дода шуда ба итмом расонидани сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун аз вазифаҳои стратегӣ дар назди ҷомеаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бояд дақиқан қайд намоем, ки барқи истеҳсолшуда аз ин иншооти бузурги аср ба бозорҳои кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, инчунин Чин, Покистон, Афғонистон ва дигар манотиқи Осиёси Марказӣ интиқол дода хоҳад шуд, ки аз он манфиати худ дар сатҳи кишвар ба даст хоҳад омад.

Ҳамчунин, бо мақсади рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ Тоҷикистон ба Эрон барои сохтани корхонаи муштараки истеҳсоли обҳои нушокӣ, афшураи помидор ва дигар маҳсулоти консервагӣ пешниҳоди ҳамкорӣ намуд, ки ин ташаббус дар оянда ба мустаҳакам гардидани ҳамкориҳои иқтисодии байни ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

Сармоягузориҳои Эрон асосан дар НБО “Сангтуда-2” ва нақби “Истиқлол” чашмрас буда дар мулоқоти соли 2025 доштаи сарони кишварҳои Эрон ва Тоҷикистон 13 санади ҳамкорӣ байни соҳибкорону

сармоягузорони ду кишвар ба маблағи зиёда аз 450 миллион доллари ИМА ба имзо расонида шуд.

Дар доираи ташкили корхонаҳои истеҳсолии хурд ва калон имкон пеш меояд, ки молу маҳсулоти истеҳсолгардида ба содирот нигаронида шавад, зеро аллакай натиҷаи истеҳсоли онҳо дар бозорҳои берун аз кишвар рақобатпазир мебошанд. Дар ин қатор метавонем аз маҳсулоти истеҳсол намудаи корхонаҳое ба монанди маҳсулоти саноати сохтмонӣ ва саноати хурока ном барем.

Барои мисол аз корхонаҳое ба монанди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Тоҷик-Кореа-керамик"-и назди НБО-и Қайроқум, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар ноҳияи Спитамен, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Сохтмон" дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамъияти дорои масъулити маҳдуди "Шабдиз" дар маркази Тоҷикистон, шаҳри Душанбе оид ба истеҳсоли маҳсулоти рӯйкашкунӣ ва дигар коргоҳҳои истеҳсолӣ ном бурд. Ҳамчунин дар ноҳияи Ванҷ кони мармари сафед бо номи "Даштак", дар ноҳияи Ғончӣ коргоҳи истеҳсоли оҳаксанги мармарии "Далёни боло" ва дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ коргоҳи "Ағадтол" фаъолият мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари чунин корхонаҳои истеҳсолӣ, ки бештар ба коркарду истеҳсоли сангҳои қимматбаҳо ва масолеҳи сохтмонӣ машғул мебошанд, дар қаламрави Ҷумҳурӣ инчунин шумораи корхонаҳои муштарак, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ фаъолият менамоянд, афзоиш меёбанд ва саҳми худро бар инкишофи иқтисоди кишвар мегузоранд.

Натиҷаи фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва самаранокии онҳо дар соли 2019 дар ҷадвали 2.9. нишон дода шудааст.

Агар фаъолияти чунин корхонаҳои муштарак ва макони ҷайгиршавии онҳоро таҳлил намоем, дар марказ ва дигар ҷилоятҳо ба

таври гуногун ҷойгир гаштаанд. Аз ҳама бештар 80 дарсади чунин корхонаҳо дар шаҳри Душанбе, 10,8 дарсади онҳо дар ноҳияҳои тобеи марказ ва 4,6 дарсади он дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд. Ин корхонаҳо аз савдои молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) ба андозаи 18171,0 млн. сомонӣ пули нақд ба даст овварданд, ки аз он 3025,2 млн.сомонӣ ҳамчун фоида ба шумор меравад.

**Ҷадвали 2.9. - Самаранокии корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | | Ҳамагӣ (то соли 2019) | | ВМКБ | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | ш.Душанбе | | НТМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | % | | % | | % | | % | | % | | % |
| 1 | Шумораи корхонаҳои муштарак | 624 | 100 | 1 | 0,1 | 26 | 4,1 | 29 | 4,6 | 499 | 80 | 68 | 10,8 |
| 2 | Пули нақд аз савдои молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) (млн.сомонӣ.) | 18171,0 | 100 | 45,6 | 0,25% | 2817,8 | 15,5% | 2736,7 | 15% | 11787,1 | 64,8% | 783,9 | 4,3 |
| 3 | Хароҷоти истеҳсолот ва савдои маҳсулот (кор химатрасонӣ) (млн.сомонӣ) | 15145,8 | 100 | 47,7 | 0,27% | 2320,2 | 15,3% | 1374,4 | 9,0% | 10553,9 | 69,6% | 849,6 | 5,6% |
| 4 | Фоида + Зарар - | 3025,2 | - | -2,1 | | 497,6 | 16,4% | 1362,3 | 45,0 % | 1253,2 | 41,4% | -65,7 | |

Тартиб дода шуд дар асоси: “Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ”. Омори солонаи ҶТбарои соли 2021, Агентии омори назди Президенти ҶТ. Душанбе, 2021, 702 саҳ.

Сатҳи даромаднокии корхонаҳои муштарак дар шаҳри Душанбе 41,4 фоиз, дар вилояти Хатлон 45,0 фоиз ва дар вилояти Суғди бостонӣ он 16,4 фоизро ташкил додааст. Зимнан бояд гуфт, ки танҳо корхонаҳои муштарак дар ВМКБ ва НТМ солро бо зарар ҷамъбаст кардаанд.

Умуман, таҳлил нишон медиҳад, ки имрӯз корхонаҳои муштарак нисбат ба солҳои гузашта аз имкониятҳояшон бештар кор кардаанд, ки асоси фаъолияти онҳоро сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ ташкил медиҳад.

Тавре, ки Д.Ходжаев қайд мекунад: «...барои ҷумҳурии мо дар самти ҳамкориҳои васеъ ва ҳаматарафаи сармоягузорӣ сарватҳои бойи

табиӣ омили асосӣ ва мусбат ба ҳисоб меравaнд. Ҳамчунин оромии сиёсӣ дар кишвар, мавҷуд набудани муноқишаҳои сиёсӣ ва арзон будани арзиши қувваи корӣ аз ҷумлаи бартариҳое маҳсуб меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳо бо сармоягузорони хориҷӣ мавҷуд аст[1]».

Бо дар назардошти ин, қайд бояд кард, ки ташкил намудани муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ яке аз омилҳои асосии рушди сармоя ва сармоягузориҳо дар иқтисоди кишвар мебошад. Бо мақсади рушди сармоягузории хориҷӣ ҷониби Тоҷикистон ҳамеша кӯшиш менамояд, ки барои фаъолияти сармоягузорон шароити муътадилро фароҳам намояд. Ин шароитҳо метавонанд шумораи субъектҳои сармоягузориро дар кишвар зиёд намоянд ва манфиатҳои онҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва молиявию иқтисодӣ ҳимоя намоянд.

Бояд қайд кард, ки омили асосӣ монеъшаванда ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт ин рушди сусти бозори қоғазҳои қимматнок дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин самт бозори қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва бозори саҳҳомиро зарур аст, ки бештар фаъолият намоянд. Бозори саҳҳомӣ дар кишвар танҳо дар коғаз амал мекунад ва бозори ҷаҳонии саҳҳомӣ мавҷудияти онро ҳанӯз эътироф накардааст. Ин бахш ҳатто дар сатҳи ҳуқуқӣ  суст тараққӣ карда, дар ҳолати ташаккулёбӣ буда оид ба тараққиёти он сухан гуфтан ҳануз барвақт аст.

Ин омили саддгузорандаи асосӣ ба пайдоиши чунин фаҳмишҳо ба монанди номуайянӣ ва ғайришаффоф будани чунин бозорҳо оварда мерасонад. Барои ҳамин сармоягузорони хориҷӣ айни ҳол дар муносибат бо қоғазҳои қимматноки кишвари мо мавқеи интизориро ишғол менамоянд.

---

[1] Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан. Дисс. соис. учен. степ. канд. экон. наук. Душанбе, 2018, стр.68-69

Дар солҳои охир дар ин ҷода тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд. Бахусус дар зерсохти бозор ташкил гардидан ва пайдоиши муассисаҳои молиявию қарзӣ, бонкҳо, фондҳои сармоягузорӣ ва ташкилотҳои суғуртавию агентиҳои таблиғотӣ боиси дастгирист. Ҳамаи ин имкон фароҳам меорад, ки шумораи сармоягузорон ва сармоягузориҳои хориҷию ватанӣ дар иқтисоди кишвар афзоиш ёбад.

Дар ин замина метавон аз дигар барномаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ёдовар шуд, ки метавонад боиси сармоягузорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ гардад. Барномаи ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ бо дарназардошти афзалиятҳои минтақа барои ташаккули низоми шарикии байни кишварҳо ва рушди стратегияи иқтисодии он муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои минтақа таъмин намудани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули бозорҳои умумии минтақавӣ аҳамияти калидӣ дорад. Бинобар ин, дар доираи барнома тақвият бахшидани ҳамкориҳои иқтисодиро дар замони муосир муҳим шуморидан мумкин аст. Дар доираи ин барнома ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, диверсификатсияи ҷараёнҳои савдо ва хатсайрҳои транзитию нақлиётӣ дар минтақа, инчунин содагардонии расмиёти савдо, рақамикунонӣ ва густариши тиҷорати электронӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар Конфронси 22-юми вазирони Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (БҲИМОМ) масъалаҳои тағйирёбии иқлим, содагардонии расмиёти савдо ва рақамикунонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд, ки 30-юми ноябри соли 2023 дар шаҳри Тифлиси Гурҷистон баргузор гардид.[1]

Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин барномаҳои ҳамкории иқтисодӣ – минтақавии Осиёи Миёна дар шароити имрӯзаи

[1] Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2023/12/namoyandai-to-ikiston-dar-alasai-14-umi-shuroi-ro-barikunandai-barnomai-amkorii-i-tisodii-minta-avii-osiyoi-markaz-ishtirok-namud/. Санаи ворид шудан ба сомона: 28.02.2024

ҷаҳонишавии иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад ва онҳо метавонанд ҳамгироии иқтисодиро дар байни кишварҳо самаранок густариш диҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи навбатии роҳбарону намояндагони давлатҳои узви «Як камарбанд, як роҳ» иштирок ва суханронӣ намуда аз ҷумла қайд карданд: "Ҷаҳони муосир ва башарият ба мушкилоти глобалӣ, аз қабили таъсири буҳронҳо ба иқтисоди кишварҳо, муноқишаҳо, тағйирёбии иқлим ва нобаробарии иҷтимоӣ дар бисёр минтақаҳо рӯ ба рӯ гардидааст. Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳоди ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» вокуниши саривақтию серталаб ба шумор меравад ва он манфиатҳои иқтисодии бисёр давлатҳоро дар худ муттаҳид месозад".

Дар амалисозии ин барнома Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман саҳми худро мегузорад, зеро тавассути ин лоиҳа кишвар метавонад ҳаракати молу маҳсулотро тавассути роҳҳои баҳрӣ ба роҳ монад. Мақсад аз амалӣ гаштани ин лоиҳа қонеъ гардонидани талаботи ҳамарӯзаи бозорҳои дохилӣ бо молҳои лозимӣ ва бо мақсади фуруши молу маҳсулот пайдо кардани бозорҳои нав ё минтақаҳои нави тиҷоратӣ барои кишварҳои аъзои он ба ҳисоб меравад.[1]

Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки ташаббуси "Як камарбанд, як роҳ" барои ҳамаи давлатҳои аъзои он манфиатнок хоҳад буд. Кишварҳои узви он ҳамкориҳои судовару серпаҳлуро байни ҳамдигар роҳандозӣ намуда барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи худ саъйу кӯшиш хоҳанд кард.

Дар ҷаҳони иқтисод дар миёни давлатҳо, дар натиҷаи мубодилаи сармоя, молу хизматҳо, техникаю технология ва иттилоот ҳамчун захираҳои иқтисодӣ ҳамгироии иқтисодӣ ба амал меояд. Дар баробари

---

[1] Экономики одного пояса, одного пути: возможности и риски транспортных коридоров. Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Belt and Road Economics: Opportunities and Risks of Transport Corridors в 2019». Манбаи элктронӣ: Санаи воридшавӣ: 03.11.2023 сол.

ин тавассути ба роҳ мондани фаъолияти муштарак дар миёни кишварҳо чунин муносибатҳои ҳамкорӣ амалӣ мегардад ва он ба ҷуз аз ба бор овардани манфиатҳо боз барои рушди кишварҳо ва минтақаҳо, хатарҳо ва хароҷоти беасоси гуногунро ба вуҷуд меорад. Яке аз чунин хатарҳо ин ба миён омадани бухронҳои иқтисодӣ мебошад, ки асосан сабабҳои ба вуҷуд омадани он дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ мунокишаҳои сарҳадӣ ва ҷангҳои байни давлатҳо ба ҳисоб меравад. Намунаи он ҷанги Россия бо Украина шуда метавонад, ки ба равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақа ва ҷаҳон таъсири амиқ расонида раванди ҷаҳонишавии иқтисодиётро халалдор месозад. Бояд гуфт, ки ин ҳолатҳо дар ҷомеаи мутамаддин ба кишварҳои шарикони стратегӣ ва рушд низ бетаъсир нахоҳад монд.

Аз ин лиҳоз, дар ҳолате, ки сиёсати дуруст мавҷуд нест, вазъи иқтисодии кишвар метавонад бо тағирёбии назарраси сатҳи даромад ниҳоят ноустувор бошад. Ин ноустувории эҳтимолӣ матлуб будани ҷаҳонишавиро зери шубҳа мегузорад.

Ҳамин тавр, муносибатҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои он дар доираи иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ бо суръатҳои гуногун инкишоф меёбад. Аммо бо ба даст омадани истиқлолият дар сохторҳои иқтисодӣ тамоюлҳои бештари ҳамгироӣ ба мушоҳида мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта он тамоюли афзоиш дорад. Инро дар ҷалби сармояи хориҷӣ ва сармоягузориҳо ҳамчун ҷанбаҳои асосии тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ метавон мушоҳида намуд.

# БОБИ III. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ ОН

## 3.1. Мукамалгардонии самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ.

Тараққиёти иқтисодиёт яке аз проблемаҳои асосии хоҷагии халқ буда, ҳар сол дар кишвар ҷамъбаст ва аз руи нишондиҳандаҳои мушахас баҳо дода мешавад. Бар асоси таҳлил ва гузориши Бонки Осиёии Рушд (БОР), рушди иқтисод дар Тоҷикистон бетағйир монда, дар соли 2020 ба 7% расид. Сатҳи таваррум дар кишвар дар соли 2022 муътадил буда, беқурбшавӣ 4,2%-ро ташкил кард. Бояд гуфт, ки ин раванд ба эҷоди маҳсулоти миллӣ, ки омили асосии рушди устувор мебошад, таъсир мерасонад.

Тавре, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2023 қайд кард: "Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 130 млрд.сомонӣ расид, ки он 8,3 фоизро ташкил дод. Аз ин шумора ба самти иҷтимоӣ 40 млрд.сомонӣ равона шуд, ки 5,3 млрд.сомонӣ нисбат ба соли 2022 зиёдтар мебошад". [1]

Дар баробари ин "Новобаста ба хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва низоъҳои байналмиллалӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ дар ҳафт соли охир 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми ММД 1,5 баробар зиёд шуд".[2]

Дар солҳои охир дар даврони соҳибистиқлолият сиёсати пешгирифтаи Тоҷикистон ба ҷалби зиёди сармоя, барқароор намудани зерсохтори истеҳсолӣ, муҳайё кардани шароит дар самти савдои озод,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12.2023, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj. Таърихи дидани саҳифа: 20.02.2024.

[2] Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович. Дисс. на соиск.ученой степени докт.экон.наук. Участие Республики Таджикистан в региональных интеграционных процессах в интересах динамичного развития национальной экономики. Душанбе 2024 г.

инкишофи муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст

Қобили зикр аст, ки омили пешбарандаи рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди сармоягузорӣ буда, дар ҳамин самт нисбат ба ин давраи соли сипаригашта ин нишондиҳанда 22,5 дарсад зиёд мебошад. Зиёда аз 50 фоизи маблағгузорӣ ба ду соҳаи фаъолияти иқтисодии мамлакат: 46 фоизи ҳаҷми умумии маблаггузорӣ ба истеҳсол, интиқол ва тақсимоти қувваи барқ ва 10 фоиз ба саноати бофандагӣ равона карда шудааст. Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар охири соли гузашта (соли 2021) 342 миллион долларро ташкил дода, 2,1 баробар афзоиш ёфтааст. Аз ҳаҷми умумии сармоягузории мустақим 61,7% ё ба андозаи 210 миллион долларро сармоягузории Ҷумҳурии Мардумии Чин ташкил медиҳад, ки дар байни кишварҳои дигар бузургтарин сармоягузор аст. Соҳаҳое, ки сармоягузории Чин ворид шудааст, хадамоти молиявӣ, иктишофӣ, коммуникатсия, саноат ва кишоварзӣ мебошанд.

Баъдан Туркия - 25 миллион доллар, Швейтсария - 21 миллион доллар, Фаронса - 19 миллион доллар, Кипр - 10 миллион доллар ва Британияи Кабир - 6 миллион доллар дар қатори сармоягузорон қарор гирифтаанд. Сармоягузориҳои мустақим ба соҳаи сохтмон 2,1 дарсад, коркард ва истихроҷи маъдан 56,9 дарсад, саноати коркард 9,9 дарсад ва дигар соҳаҳо 31,1 дарсад равона гардидаанд.[1]

Ширкатҳои бузурги Чин, аз қабили Зиҷин, дар кофтуков ва коркарди маъданҳои кишвар ширкат мекунанд. Масалан, ширкати истихроҷи Тоҷикистону Чин, ки соҳиби ду кони маъдан, руҳ ва сурб дар Истиқлол - Олтин-Топкан ва Пайбулоқ аст. Иқтидори солонаи корхона то се миллион тонна маъданро ташкил медиҳад. Дар ҳоли ҳозир дар коркарди бештари конҳои тиллои Тоҷикистон ширкатҳои чинӣ низ

[1] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20220211/210-millionov-v-2021-godu-kitai-bolshe -vseh-investiroval-v-tadzhikistan. Санаи ворид шудан: 20.09.2022

ширкат доранд. Ба ҷуз аз корхонаи муштараки тоҷику чинии “Зарафшон”, чиниҳо кони тиллои Покрӯдро дар дараи Ромит низ дар ихтиёр доранд. ТВЕА барои ду кони тилло дар минтақаи Айнӣ - Дуобаи Шарқӣ ва Кумарғи Боло иҷозати коркард ва фаъолият гирифтаанд.

Метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, маъданҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳиро метавон аз объекти самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ дар доираи сохторҳои ҳамгирой ва берун аз он арзёбӣ кард, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад. Ин самтҳоро, ҳамчун самтҳои афзалиятноки инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ, дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем, зеро он метавонад ҳамчун воситаи мукаммалгардонии ҳамкориҳои иқтисодии кишвар дар сатҳи сохторҳои иқтисодии ҳамгирой мавриди истифода қарор гирад. Бо истифода аз ин самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодӣ, метавон ҳамкориҳоро бо кишврҳои узви сохторҳои ҳамгирой роҳандозӣ намуда онро дар оянда тақвият дод.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди кишвар гидроэнергетика мебошад, ки истиқлолияти энергетикии кишвар ба он вобаста аст. Тоҷикистон метавонад дар як сол 527 миллиард киловатт-соат нерӯи барқ тавлид кунад, ки аз ҷиҳати экологӣ тозатарин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ арзонтарин аст[1].

Нерӯи барқ омили асосии рушди давлат ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон дар ҷои ҳаштум ва дар Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол мекунад. Кариб 52 фоизи захираҳои гидроэнергетикии минтақаи Осиёи Миёна ба мамлакати мо тааллуқ дорад. Калонтарин дарёҳои Тоҷикистон - Панҷ,

[1] Собиров И.А. Асосҳои методологии ташаккули иқтидори содиротии гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023. № 6. С. 78-83.

Вахш, Сирдарё, Зарафшон ва ғайра барои ҳосил кардани қувваи барқ имкониятҳои калон доранд. Тоҷикистонро мебояд бо сармояи дохилӣ ва ҷалби сармои хориҷӣ дар қаламрави дарёҳои номбаршуда нерӯгоҳҳои барқи обӣ бунёд кард, то ин ки ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ расид.

Боиси хушнудист, ки бо иштироки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурӣ агрегатҳои якум ва дуюми нерӯгоҳи Роғун бо иқтидори 1200 мегаватт ба истифода дода шуданд. Дар маҷмуъ, ин нерӯгоҳ аз шаш блок иборат буда, бо иқтидори 3600 мегаватт бунёд мешавад. Иқтидори солонаи ин нерӯгоҳ 1,7 миллиард киловатт-соат мебошад.

Ба кор андохтани тамоми агрегатҳои НБО Роғун дар оянда нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дарояндаи наздик ба як кишвари бузурги тавлидкунандаи нерӯи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ табдил хоҳад ёфт. Бо талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин иншооти муҳими стратегии кишвар бунёд мегардад. Сохтмони ГЭС-и Роғун дар таърихи давлатдории миллии муосири тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Истиқлолияти энергетикӣ яке аз чор ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии Президенти кишвар қарор дорад.

Истифодаи кардани босамари захираҳои обии кишвар ва захираҳои бойи обию барқии мамлакат метавонад ҳам ба манфиати тамоми аҳолии кишвар ва ҳамчунин кулли минтақа бошад. Дар тули солҳои истиқлолият ва бахусус солҳои ахир баҳри таъмин, таъмир ва азнавсозии иншоотҳои барқи обии мамлакат аз ҷониби давлат ва ҳукумат зиёда аз 12 миллиард сомонӣ маблағҳо ҷудо карда шудааст, ки он метавонад барои боз ҳам зиёдтар истеҳсол гардидани барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза замина гузорад. Афзун гардидидани шумораи нерӯгоҳҳои

барқи обӣ истеҳсолкунандаи хурду бузург боиси истеҳсоли зиёди қувваи барқ мегардад, ки дар иқтисоди кишвар судовар маҳсуб ёфта ҳамчунин ба манфиати кишварҳои минтақа хоҳад буд.

Дар баробари ин ҶТ, ба рушди *соҳаи коркарди маҳсулоти саноати сабук,* аз ҷумла маҳсулоти нассоҷӣ, матоъҳои пахтагӣ, либос, оби ошомиданӣ аҳамияти хоса зоҳир менамояд, ки яке аз самтҳои дигари афзалиятноки иқтисод ва ҳамгироии иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар кишвар захираҳои бойи оби ошомиданӣ ва нахи пахта ҳамчун ашёи хом мавҷуд аст, ки метавон барои коркарди он сармояи хориҷиро ҷалб намуд ва аз технологияи муосир истифода намуда онҳоро коркард намуд. Дар Тоҷикистон ба ин самт низ диққати махсус дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки афзоиши саноат аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 16,3 фоиз, саноати кӯҳӣ 1,5 баробар, таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 15,2 фоиз ва афзоиши обтаъминкунӣ, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва ашёи хоми дуюмдараҷа 9,2 фоиз таъмин карда шуд.

«...Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст[1]».

Коркарди маҳсулоти саноати сабук низ дар кишвар мукаммал гардонида шуда, бояд ҳамчун самти ояндадори инкишофи иқтисодӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии кишвар ба ин соҳа аҳамияти махсус дода шавад.

Тоҷикистон иқтидори бузурги рушди соҳаҳои аграрӣ ва агросаноатиро дорад. Аз ин рӯ, *рушди соҳаи кишоварзӣ* самти дигари афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки он метавонад амнияти озуқавориро дар кишвар таъмин намояд. Кишвари мо барои парвариши номгӯи зиёди

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12.2024, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj. Таърихи дидани саҳифа: 02.01.2025.

сабзавоту меваҳои аз ҷиҳати биологӣ тоза шароиту иқлими ниҳоят мусоид дорад. Инчунин имконияти хуби рушди соҳаи агросаноатӣ тавассути истеҳсоли гӯшту шир, сабзавоту меваи тару хушк ва монанди инҳо вуҷуд дорад.

Метавон гуфт, ки дар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 39,8 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2020 6,6 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи зироаткорӣ 5,9 фоиз, чорводорӣ 8,4 фоиз зиёд мебошад.

Албатта, сарчашмаи боигарӣ ва сарват ба ақидаи мактаби физиократҳо дар илми иқтисод ин на танҳо меҳнат дар соҳаи заминдорӣ, балки истеҳсоли зиёди маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба истеъмол мебошад. Ҷониби Тоҷикистонро мебояд дар ин самт низ дар доираи сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ ҳамкориҳоро амалӣ намояд, то ки амнияти озуқавории комил таъмин гардад, ин соҳа рушд намояд ва даромадҳои кишвар афзун гарданд.

Дигар соҳаи муҳимтарини рушди эътимодбахши иқтисодиёти кишвар *истифодаи қаъри замин* ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани ҳамкориҳо ҷиҳати ҷалби сармоя ва коркарди маъдан имконияти васеъ дорад. Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ дар кишвар зиёда аз 600 кони захираи табиии маъданӣ ва ғайримаъданӣ муайян ва кашф шудааст ва барои аз худ намудан омода мебошад. Истихроҷ ва коркардаи металлҳои гаронбаҳо ва дигар намуди сангҳои қимматбаҳо дар кишвар, ки захираҳои бойи он мавҷуд мебошад, соҳаи дигари ҳамкориҳои иқтисодӣ метавонад бошад, ки он ҳам фоидаовар хоҳад буд.

Дар ин замина, ба имзо расидани шартномаҳои дуҷониба оид ба ҳамкориҳои судманд дар масири коркарди захираҳои табиӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он метавонад ба манфиати иқтисоди кишвар ва ҷомеа бошад. Дар баробари ин чунин ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, истифодаи самтҳои афзалиятнок дар кишвар бо ҷалби

сармояи хориҷӣ ва ватанӣ метавонад боиси боло рафтани даромадҳои аҳолӣ ва дар маҷмуъ Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар гардад.

Бояд иброз дошт, ки Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)  яке аз нишондиҳандаҳои рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Дар панҷ соли охир таҳримҳо, сиёсати санксияҳо ба кишварҳое аз қабили шарикони тиҷоратии Тоҷикистон ва бемории Ковид омилҳои манфии таъсиркунанда ба иқтисодиёт буд. Аммо новобаста ба ин ММД-и кишвар дар соли 2023 ба 130 млрд сомонӣ расонида шуд. Яке аз омилҳои таъсиркунандаро ба зиёд гардидани он, афзоиш ёфтани интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ метавон арзёбӣ намуд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар Россия кору фаъолият менамоянд, дар соли 2017 ба Тоҷикистон зиёда аз 2,5 миллиард доллар фиристодаанд. Аз давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт Ӯзбекистон зинаи аввалро ишғол менамояд, ки маблағҳои ба ватан фиристодаи онҳо 3 миллиарду 902 миллион долларро ташкил медиҳад. Ба ин тарз дар зинаи сеюм Қирғизистон ҷойгир аст,  бо 2 миллиарду 211 миллион доллар. Дар соли 2021 бошад, муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба кишвар 1 миллиарду 800 миллион доллар фиристоданд, ки ин нисбат ба ҳамин соли 2017 38% камтар мебошад. Метавон гуфт, ки ба камшавии ҳаҷми маблағҳои интиқолёфта вазъи иқтисоди ҷаҳон ва кишвари Россия таъсири худро гузоштааст. Инчунин омили дигари камшавии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ин бемории ҳамагири КОВИД-19 ба шумор меравад, ки вобаста ба он сарҳадҳои кишварҳои ҳамсоя баста шуданд ва рафту омади муҳоҷирон низ коҳиш ёфт. Албатта, афзоиши интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ омили болоравии даромадҳои аҳолӣ буда ба афзоиши миқдори савдои чаканаю хизматрасониҳо ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодӣ оварда мерасонад.

Дигар соҳаи муҳимтарини рушди эътимодбахши иқтисодиёти кишвар *сайёҳӣ* ба ҳисоб меравад. Эълон гардидани солҳои 2019-2022 ҳамчун соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби

Пешвои муаззами миллат боиси ифтихор аз миллату давлат ва расму оини милли худ ва арҷ гузоштан ба таърихи миллати худ мебошад. Дар ин замина яке аз дастгириҳои бевоситаи роҳбари давлат ва ҳукумати кишвари Тоҷикистон ин аз пардохти андоз озод намудани фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ аст, ки он дар доираи хоҷагиҳои хонагӣ истеҳсол карда мешаванд.

Тоҷикистони муосир кишвари кӯҳистонист, ки баландии мутлақ аз 300 то 7495 метр аз сатҳи баҳр аст. 93 фоизи ҳудуди мамлакатро қаторкуҳҳои Помир, Ҳисору Олой ва Тиёншон фаро гирифтаанд. Ин қаторкуҳҳоро заминҳои серҳосили водиҳои Фарғона, Зарафшон, Вахшу Ҳисор аз ҳам ҷудо мекунанд. Дар ҷумҳурӣ 288 муассисаи сайёҳӣ ва санатория-курортӣ, аз ҷумла 188 меҳмонхона, 45 санатория, боқимондааш хонаю ҷойҳои истироҳат, лагерҳои туристӣ, лагерҳои тандурустӣ мавҷуданд. Дар Ҷумҳурӣ дар соли 2020 - 224 фирмаҳои туристӣ дар асоси иҷозатномаи туристӣ фаъолият менамоянд. Захираҳои табиию рекреатсионии ҷумҳурӣ, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ хусусияти маҳсулоти сайёҳии миллии ташаккулёфтаро пешакӣ муайян намуда, пешбарӣ ва татбиқи он дар бозорҳои ҷаҳонии хизматрасонии туристӣ, ба Тоҷикистон омадани сайёҳони хориҷиро таъмин менамояд. Тавре, ки дар Паёми Пешвои миллат қайд карда шуд дар соли 2024 1миллиону 400 ҳазор нафар сайёҳ аз кишвари Тоҷикистон дидан намуданд, ки нисбат ба соли 2019 ин нишондиҳанда 12% бештар мебошад[1].

Вобаста ба ин, навъҳои афзалиятноки туризми байналмилалӣ дар кишвар инҳоянд:

- кӯҳнавардӣ, варзиши кӯҳӣ ва туризми экологӣ;
- рафтинг, лижаронӣ;
- шикори кӯҳӣ;

[1] Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12.2024, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj. Таърихи дидани саҳифа: 02.01.2025.

- туризми таърихӣ, маърифатӣ ва этнографӣ;

- табобат ва истироҳати санаторию курортӣ.

Албатта, яке аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори рушди иқтисодиёти кишвар дар сатҳи сохторҳои ҳамгирой ин соҳаи сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Зеро рушди ин соҳа имкон медиҳад, ки аз ҳисоби воридоти даромадҳои пулии сайёҳон, дар маҷмӯъ даромадҳои буҷаи кишвар афзун гардида, иқтисодиёт ба дараҷае боло бурда шавад. Барои амалӣ гардидани ин мақсадҳои созанда, пеш аз ҳама дар мавзеъҳои сайёҳӣ шароитҳои замонавӣ ва ба талабот ҷавобгӯ муҳайё бояд кард ва сармоягузориро дар ин соҳа афзоиш бояд дод.

Ба дурнамои ҳамкориҳо ва муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии кишвар боз омилҳое ҳастанд, ки таъсир мерасонанд. Баъзе аз ин омилҳо метавонанд ногаҳон пайдо шаванд ва таъсири манфии худро расонанд. Яке аз онҳо ба миён омадани бемории КОВИД-19 мебошад.

Бемории КОВИД-19 дар аксари кишварҳои ҷаҳон мушкилоти зиёдро пеши руй овард: аз ҷумла аҳолии ин кишварҳо зарар диданд, оромиро аз даст доданд, даромадҳои аҳолӣ поён рафт ва ҷойҳои корӣ холӣ монданд, корхонаҳои истеҳсолӣ муфлис гардиданд. Дар баробари ин вазъи иқтисодии ҷаҳон муташанниҷ гардида дар ин миён бухронҳои молиявӣ сар заданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки коршиносони ин соҳа ва дигар созмонҳоим байналхалқии дар ин раванд андешаҳои худро қабл аз пайдоиш ва дар ҷараёни оғози пайдоиши ин пандемия иброз доштанд. Гуфта мешавад, ки ин ҳолат ба он оварда расонид, ки вобаста ба авҷ ёфтани бухронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ сатҳи бекорӣ дар кишварҳо боло рафт, камбизоатӣ афзуд, баланд шудани нархи молу маҳсулот ва камчинии маҳсулоти ғизоӣ ба чашм расид, ки якбора тавонист вазъи иқтисодиёти ҷаҳонро ноором созад.

Ин бемории ҳамагир таъсири манфии худро ба иқтисодиёти кишварҳои зиёди ҷаҳон расонид. Азҷумла ба вазъи иқтисодиёти кишварҳое ба монанди Чин ва Россия таъсири манфӣ расонид, ки онҳо

шарикони стратегии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Вобаста ба ин ҳолат, иқтисоди мамлакат низ рӯ ба поёнравӣ овард.

Дар ин замина ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва дар маҷмуъ гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиш ёфта инчунин он ҳолат ба кам шудани воридоти сармояи хориҷии мустақим, дар вақташ амалӣ нагардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёт, суст шудани суръати рушди соҳаҳои иқтисодиёт оварда расонид.

Вобаста бо ин ҳолат дар Ҷумҳурӣ корхонаҳои истеҳсолии маводҳои тиббӣ низ фаъол гардиданд. Соли 2018 марҳилаи аввал ва соли 2020 навбати дуюми ҶДММ «Фарм Текс» ба истифода дода шуд. Корхона ба истеҳсоли бастаҳои тиббӣ, косметикӣ ва маҳсулоти нигоҳубини шахсӣ машғул буда, имкони коркарди 2 тонна нахи пахтаро дар як шабонарӯз дошта, истеҳсоли пахтаи сафеди гигроскопии мувофиқи стандартҳои ҷорӣ ва сипас пахтаи тиббӣ, пахтаи дандонпизишкӣ дар шакли тампонҳо барои истеҳсоли пахта ва дока, пахта ва навъҳои гуногуни либосҳои тиббии стерилизатсияшударо дорад.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии касалиҳои сирояткунанда як қатор корхонаҳои саноати сабук ба истеҳсоли дока, ниқоб ва халтаҳои махсуси муҳофизати тиббӣ табдил дода шуданд. Ҳамзамон, дар соли 2020 57 корхонаи соҳа 9424,5 ҳазор адад ниқоби тиббӣ истеҳсол кардааст. 19 корхонаи саноати сабук 61229 адад халатхои махсуси муҳофизатӣ истеҳсол карда, ба муассисаҳои тиббӣ туҳфа карданд.

Соли 2020 ҶДММ «САТН» ва ҶДММ «Ҷавонӣ» ба Италия 2 миллион 700 тона ниқоби тиббӣ экспорт карданд, ки аз рақобатпазир будани маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Дар саноати фармасевтӣ айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 35 корхонаи хурду миёна оид ба истеҳсоли доруворӣ амал мекунад, ки зиёда аз 250 намуди доруворӣ ва маҳсулоти тиббӣ истеҳсол мекунанд. Инчунин

15 корхона ба коркард ва бастабандии растаниҳои доругии ватанӣ машғуланд.

Бояд гуфт, ки дар ҳоли ҳозир беш аз 23 корхона ва коргоҳи кишвар ба коркард ва истеҳсоли доруворӣ машғул буда, иқтидорҳои онҳо аз беш аз 540 маводҳои гуногуни намуди доруворӣ аз растаниҳои доругӣ мебошад. Дар давоми соли 2020 аз ҷониби корхонаҳо ба андозаи 34,8 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид, ки 18,1 миллион сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бештар буда, суръати афзоиш он ду баробар зиёд мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давоми солҳои истиқлолият бо ширкати бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз бист корхонаҳои истеҳсолӣ ва сеххо мавриди истифода қарор дода шуд, ки аз онҳо дар вилояти Суғд 7-то корхона бо фарогирии 590 ҷойи корӣ, дар Душанбе 5 корхона бо 400 ҷойи корӣ, дар вилояти Хатлон 4 корхона бо 770 ҷойи корӣ ва 4 корхона бо 140 ҷойи корӣ дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд.

Корхонаҳои мазкур асосан аз қабили навъҳои гуногуни кабелҳои алюминӣ, профилҳои алюминий, қубур ва профилҳои металлӣ, маводи таркандаи саноатӣ, тракторҳо, автобусҳо, кунҷҳо ва каналҳо, профилҳои пластикӣ, криолит ва фториди алюминий, кислотаи сулфат, варақ ва плитаҳои оҳанин истеҳсол мекунанд, ки воридотивазкунандаанд.

Аммо дар гардиши молу хизматҳо дар сатҳи кишвар бо дигар ҷумҳуриҳо, чӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва чӣ берун аз он, тамоюли пастравӣ ба назар расид.




Тартиб дода шуд дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

**Диаграммаи 3.3. – Таносуби содирот ва воридот дар гардиши савдои хориҷии ҶТ (солҳои 2010-2022, млн.доллари ИМА)**

Масалан дар гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин нишондиҳандае ба чашм мерасанд, ки дар солҳои пандемия ҳаҷми гардиши мол бо дигар кишварҳои узви сохторҳои ҳамгирой тамоюли пастравиро ба худ гирифтанд. Дар гардиши савдои хориҷии ҶТ дар соли 2010 ҳаҷми воридот 2656,9 млн.долларро ташкил додааст, ки 494 млн.доллар камтар нисбат ба соли 2020 мебошад. Ҳоло он ки дар соли 2019 ҳаҷми воридот дар гардиши мол дар маҷмуъ 3349,3 млн.долларро ташкил дода буд ва дар соли оянда кам шудани ҳаҷми он омилҳои таъсиркунандаи худро дошт. Аммо содироти мол аз Тоҷикистон тамоюли афзоиш дошт, ки ин дар давраи беморӣи ҳамагири КОВИД-19 ба содироти маҳсулоти тиббӣ ва антисептикӣ ва инчунин дигар маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Дар соли охири ҳисоботӣ бошад, содирот нисбат ба соли 2021 камшаванда буда, воридоти молу маҳсулот дар гардиши савдои хориҷии кишвар ба худ тамоюли афзоиш гирифтааст, ки он 22,7 фоизро ташкил медиҳад.

Дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ авҷ мегирад, ба амнияти минтақа ва ҷаҳон, сатҳи иқтисоди миллӣ таҳдиду хатарҳо зиёд мешаванд, дар баробари кишварҳои дигари дунё Тоҷикистон низ дар самти нигаҳдории рушди босуботи иқтисоди миллӣ чораҳои мушаххас меандешад ва талошҳои худро ҳамарӯза идома медиҳад.

Дар масири таъмини устувории иқтисодӣ, беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, истифодаи босамари маблағҳои буҷаи давлатӣ, беҳтар намудани вазъи низоми бонкӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввалия ва захира намудани он, ҳукумати кишвар тадбирҳои мушаххас меандешад.

Дар баробари ин оид ба таъмин намудани фаъолияти мунтазами соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноат, чораҳои мушаххас анедшида шуда барои инкишофи вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар ҳукумат кӯшиш ба харҷ медиҳад. Бо мақсади фаровон гаштани бозорҳо бо маҳсулотҳои кишваорзӣ кишти такрорӣ ва кишту кори баҳориро зиёд намуда заминҳои хоҷагиҳои деҳқониро босамар истифода намуда, дар заминҳои наздиҳавлиги як, ду ва се ҳосил гирифта барои таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хурокворӣ чораҳои амиқ ва саривақтӣ андешида мешавад.

Бинобар ин, инкишоф додани рафти рақамикунонии иқтисод, рушду инкишофи захираҳои инсонӣ, боло бурдани рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми содироти мамлакат, андешидани чораҳо оид ба саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ва пешигирӣ намудани хавфҳои эҳтимолии иқтисоди миллӣ, афзун кардани пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи соҳибкории хурд ва миёна, инчунин таъсиси ҷойҳои корӣ метавонад яке аз роҳҳо ва воситаҳои инкишофи иқтисодӣ дар оянда гардад.

Бо ин мақсад ҳоло дар кишвар захираву имкониятҳо барои боз ҳам баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва некуаҳволии мардум, аз ҷумла таввасути амалигардонии раванди саноатикунонии босуръати кишвар, ҳанӯз хеле зиёданд. Захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ ҳамчун воситаи мукаммалгардонии ҳамкориҳои иқтисодии кишвар бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ имкон фароҳам меорад, ки дар ҷумҳурӣ соҳаҳои саноати металлургия, кишоварзӣ, хурокворӣ, дорусозӣ ва саноати сабук инкишоф дода шавад. Рушди чунин соҳаҳо ба кишвар имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротиро афзоиш диҳад ва он воридотивазкунанда бошад ва дар баробари ин саноатикунонии хоҷагии халқи мамлакат таъмин гардад.

Имрузҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ, бо мақсади боло бурдани иқтисодиёти кишвар доираи ҳамкориҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон фарохтар гашта он ба худ шаклу намудҳои гуногун гирифта истодааст. Ворид гаштан ба иттиҳоди ягонаи иқтисодӣ ё тавре мегуянд иттиҳоди гумрукӣ, яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мешавад, ки паҳлуҳои манфӣ ва мусбии он мавриди омӯзиш ва санҷиши мутахассисони ватании соҳаи иқтисод қарор гирифтааст. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар давлатҳо дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он боиси тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодии кишвар дар ҳайати ин созмонҳо гашта сабаби зиёдтар ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба хоҷагии мамлакат мегардад, ки ин баболоравии сатҳи зиндагӣ ва рушди иқтисоди кишвар мусоидат хоҳад кард. Субъектҳои хоҷагидориро зарур аст, ки бо истифода аз ин самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодӣ ҳамкориҳоро бо кишврҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ роҳандозӣ намоянд ва барои мукаммалгардонии ин раванд тадбирҳо ва чораҳои мушаххас андешида шавад. Истифодаи ин имкониятҳо дар кишвар метавонад боиси рушди ҳамкориҳо бо сохторҳои ҳамгироӣ ва рушди иқтисодӣ дар маҷмуъ гардад. Албатта, дар ин самт тавре ки дар боло қайд гардид давлат нақши муҳим мебозад

ва дахолати фаъолонаи давлат ба равандҳои ҳамгирой ба худ аҳамияти зарурӣ пайдо менамояд.

## 3.2.Афзалиятҳо ва дурнамои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёи (ИИАО)

Дар давраи ташаккули нави сиёсӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ барномаҳои бузурге ба амал баровaрда шуданд, ки мақсад аз он бо роҳи муътадил гардонии ҳолати макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ, боз ҳам бештар тараққӣ додани иқтисодиёт мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳисоб менамояд, ки комёбиҳо ва пешравиҳои дар самти ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ба амал омада, инчунин тараққиёт ва рушди иқтисодӣ беш аз ҳама аз амалӣ гардидани сиёсати пешгирифтаи иқтисодии давлат ва ҳукумат вобаста буда дар он саҳми ҳамгироии иқтисодӣ бо дигар кишварҳои аъзои сохторҳои ҳамгирой хеле назаррас мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари хурд буда, дорои миқдори кофии захираҳои табиӣ аст, зарурат ва аҳамияти воридоти сармояи хориҷиро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар эътироф мекунад. Тавассути ин ба бозорҳои нави хориҷӣ ворид мегардад, ки сабаби муътадил гаштани тавозуни пардохт хоҳад гашт.

Аз тамоми нуқтаи назар давлатҳои пешрафтаи дорои иқтисодиёти хеле самаранок ва рақобатпазир ба либерализатсияи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ манфиатдор мебошанд. Манфиатҳои онҳо инчунин ба ҳадди аксар кушода будани бозорҳои дигар кишварҳо, бахусус кишварҳои дар ҳоли гузариш ва кишварҳои рӯ ба инкишоф мувофиқат мекунанд. Дараҷаи кушодагии иқтисоди кишварҳо ҳар қадар баланд бошад, кишварҳои пешрафта ба захираҳо дастрасӣ доранд ва фирмаҳои онҳо ба бозорҳои дигар кишварҳо озодона ворид мешаванд.

Дар мавриди кишварҳои иқтисодашон дар марҳилаи гузариш ва кишварҳои рӯ ба инкишоф бояд гуфт, ки иқтисодҳои онҳо камтар

рақобатпазиранд ва аз ин сабаб, ба ҳимояи давлатӣ, аз ҷумла тавассути ҷорӣ кардани боҷҳои гумрукии баландтар ба молҳои воридотӣ ниёз доранд.

Яке аз сохторҳои ҳамгироии замони муосир ин Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аст, ки аёни ҳол дар минтақа фаъолияти густурда ва намоёнро ба роҳ мондааст. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар соли 2015 дар заминаи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС) дар байни ҳамагӣ се кишвар (Россия, Белоруссия ва Қазоқистон) таъсис ёфт. Узвият дар иттиҳоди иқтисодӣ барои давлатҳои узви ЕврАзЭС ихтиёрӣ буд ва дар натиҷа қисме аз онҳо аз воридшавӣ ба ин иттиҳод даст кашиданд.

Кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Россия, Беларуссия, Қазоқистон, Арманистон ва Қирғизистон ба ҳисоб меравaнд. Қазоқистон ва Россия аз 1-уми июли соли 2010 ба аъзогӣ қабул гардида, Беларуссия аз 6-уми июли соли 2010 ва Арманистон аз 10-уми октябри соли 2014 аъзои ин иттиҳодия гаштанд. Қирғизистон дар навбати худ аз 8-уми майи соли 2015 ба ИИАО ворид шуд. Ин кишварҳои номбурда узви комилҳуқуқи Иттиҳод ба шумор меравaнд.

Соли 2015 Шурои олии иқтисодии АвруОсиё самтҳои асосии рушди иқтисодии ИИАО-ро то соли 2030 муайян кард, ки инҳо ба ҳисоб меравaнд:

1.Таъмини устувори макроиқтисодӣ;

2.Фароҳам овардани шароит барои афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ;

3. Рушди инноватсионӣ ва навсозии иқтисодиёт;

4. Таъмини дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва ташаккули бозори самарабахши молиявии Иттиҳод;

5. Рушди инфрасохтор ва татбиқи иқтидори транзитӣ;

6.Рушди захираҳои кадрӣ;

7. Ҳамкорӣ бо мақсади сарфаи захираҳо ва самаранокии энергия;

8. Рушди минтақавӣ (ҳамкории байниминтақавӣ ва фаромарзӣ);

9.Ба амал баровардани иқтидори савдои берунӣ.

Дар ҷаҳони иқтисодии муосир, ки дар он марҳилаи ба ҳам баробар гаштани хоҷагидорӣ яъне, баробар кардани сатҳи рушду инкишофи давлатҳои ҷаҳон аз назари иқтисодӣ ба амал меояд, фарқият дар миёни иқтисодҳои миллӣ аз нуқтаи назари тараққиёт рӯз ба рӯз камтар мегардад.

Дар баробари ин ба такмили механизме, ки хусусиятҳои иқтисодиёти минтақаҳо ва умуман хоҷагии халқ ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба назар мегирад, диққати муҳим дода шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол шартҳои мушаххаси вурудро ба иттиҳоди гумрукӣ муқаррар накардааст ва барои суръат бахшидан ба қабули Тоҷикистон ба узвияти ин иттиҳод талош намекунад. Дар ҳар сурат, чунин фаҳмиш вуҷуд дорад, ки шомил шудан ба ИИАО метавонад барои кишвар манфиатҳои муайяне ба бор орад, аммо паҳлӯҳои манфии онро низ бояд дар назар дошт.

Ҳамзамон, кишварҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ татбиқи тарифҳои ягонаи гумрукӣ ва дигар чораҳои танзимиро дар савдо бо кишварҳои сеюм идома дода истодаанд.

Таҷрибаи кишварҳои узви ИИАО нишон медиҳад, ки дар шароити тарифи гумрукӣ раванди ҳифзи истеҳсолкунандаи ватанӣ мушкилтар мешавад. Ин аз низоми гумрук ва кормандони он ташкили дақиқи кор, омӯхтани усулҳои ҳифзи бозори дохилӣ, ки қоидаҳои ИИАО иҷозат додаанд, талаб мекунад. Ин кори осон нест, зеро хадамоти гумрук, ки бо воридкунанда робитаи мустақим дорад, бояд дар бораи онҳо маълумоти дахлдор дошта бошад. Ин имкон медиҳад, ки барои ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад. Ҳамчунин дар

сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд зарурати ворид шудан ба ИИАО баррасӣ карда шавад.

Дар ҷаҳони имрӯз ҳеҷ кишваре наметавонад ба танҳоӣ рушд кунад ва ба аҳдофи худ бирасад. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии худро бо ҳамсояҳои худ ва кишварҳои дигари ҷаҳон ба хотири таъмини ҳарчи бештари амнияти минтақа ба роҳ мондааст. Ин муносибатҳо ба таври мустақим ва дар доираи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонию минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ шуда, имкон медиҳанд, то барои иҷрои лоиҳаҳои зербиноӣ ё инфрасохторӣ барои рушди иқтисоди кишвар бештар сармояи хориҷӣ ҷалб гардад.

Бояд қайд кард, ки иқтисоди Тоҷикистон аз вазъи иқтисодии кишварҳои дигар, аз ҷумла Чин ва Россия, зиёд вобастагӣ дорад. Пастравӣ ё болоравии сатҳи иқтисоди Россия, ки дар натиҷаи коҳиши қимати захоири энержӣ ва таҳрими кишварҳои ғарбӣ алайҳи Россия шадидтар мегардад, ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таъсири манфӣ ва ҳам мусбати худро мерасонад. Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти иқтисодӣ дар дохили Тоҷикистон муаммоҳо ва мушкилиҳои зиёде вуҷуд дорад: набудани инфрасохтор, алалхусус технологияҳои нав, мудирияти замонавӣ ва муосир, андозҳои баланд, фасоди молӣ, низоми заъифи бонкӣ ва ғ.

Шурӯъ аз оғози таъсиси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Тоҷикистонро ба аъзогии ин иттиҳод даъват мекунанд. Мутахассисони соҳа чунин назар доранд, ки ин аъзогӣ метавонад иқтисоди моро наҷот диҳад. Иттиҳоде, ки се кишвари собиқи шуравӣ, яъне Белорус, Россия, ва Қазоқистон таъсис доданд, дар давраи мавҷудияташ теъдоди кишварҳои аъзои он ба панҷ расид. Дар моҳи октябри соли 2014 Арманистон ва дар моҳи майи соли 2015 Қирғизистон ба ин иттиҳод пайвастанд, ки онҳо низ аз ҷумлаи ҷумҳуриҳои собиқи иттиҳоди шуравӣ ҳастанд.

Бисёр мутахасисон ва таҳлилгарон бар ин назаранд, ки ИИАО ба мисли як сохтори сиёсӣ ташкил ёфтааст, на ин ки иттиҳоди иқтисодӣ. Ҳоло он ки ин сохтори иқтисодӣ буда ҳамчун иттиҳоди гумрукӣ ном бурда мешавад. Он гӯё дар дар муқобили Иттиҳоди Аврупо таъсис дода шуда, ҳадафи ниҳоияш эҳёи ИҶШС будааст. Новобаста аз ин андешаҳо метавонем қайд намоем, ки кишвари мо ба ҷанбаҳои иқтисодии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё диққати зиёд медиҳад. Бешубҳа, узви асосӣ ва пешбари ин Иттиҳод Россия мебошад. Ҳиссаи он дар ММД-и Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё 85% -ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи кишварҳои дигари узв, аз қабили Арманистон ва Қирғизистон камтар аз як дарсад мебошад, ки иқтисоди онҳоро дар қиёс бо Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҳамчунин бо мисол овардан аз ин кишварҳо (ба монанди Арманистон ва Қирғизистон), кӯшиш карда шуд, ки дар сурати пайвастан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё суду зиёни Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ карда шавад.

Сарфи назар аз вуҷуди авомили берунӣ ва тамоюлҳои манфӣ дар минтақа, ҳаҷми содироти Ҷумҳурии Арманистон афзоиш ёфта, нархи маҳсулоти воридотӣ ва норасоии пардохтпазирии тавозунӣ коҳиш ёфт.

Дар натиҷа, пайвастани Арманистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

- рушди соҳаи саноат;
- афзун гардидани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;
- воридшавии маҳсулоти арманӣ ба бозори ягонаи Иттиҳод.

Дар соли 2016 содироти Ҷумҳурии Арманистон ба давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё 53% афзоиш ёфт. Ҳамчунин дараҷаи афзоиши тавлидоти саноатӣ 6,7% -ро ташкил дод, ки ин кишвар дар байни дигар аъзоёни Иттиҳод мақоми аввалро соҳиб шуд.

Дар ин сол инчунин афзоиши содироти маҳсулот аз ҷониби Арманистон ба кишварҳои сеюм 13% -ро нишон дод, дар ҳоле ки ҳиссаи

содироти технологӣ ба 12% -и ҳаҷми умумии тавозун расид, ки сатҳи миёнаи ин нишондиҳанда барои Иттиҳод 8,8% -ро ташкил медод. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Арманистон 6,5 фоиз боло рафт, ки ин ба кишвар имкон фароҳам овард, то содиротро дар соли 2016 ба бозори дохилии Иттиҳод афзоиш диҳад. Содироти молҳои арманӣ ба бозори дохилии Иттиҳод дар ҳаҷми умумии содирот аз 15,9 дарсад то 22 дарсад афзуд. Содироти маҳсулоти мевагӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ зиёдтар шуданд.

Ҳаҷми савдои мутақобилаи ин кишвар дар семоҳаи аввали соли 2017-ум 38,4 дарсад, баробар ба 102,5 млн. доллари ИМА афзоиш ёфт, ки 49 % бештар аз сатҳи соли 2014-ум аст. Ҳамчунин, ба афзалиятҳо бояд гази Россияро низ ворид кард, ки нархаш арзон буда, Арманистон онро аз Россия харидорӣ мекунад.

Дар робита ба қирғизҳо бояд қайд намуд, ки на ҳамаи интизороти онҳо аз аъзо шудан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё амалӣ шуданд. Бо вуҷуди он ки Қирғизистон дар бораи ҳамроҳшавӣ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар давоми се сол гуфтушуниду музокирот анҷом дод, мушкилот дар ин кишвар ниҳоят баъд аз ҳамроҳшавӣ ба Иттиҳод оғоз гардид. Тӯли якуним сол онҳо маҳсулоти истеҳсоли худиро ба бозори АвруОсиё бароварда натавонистанд, зеро меъёрҳои фитосанитариии ин кишварро Қазоқистон эътироф намекард. Танҳо дар моҳи октябри соли 2016 ин монеъа аз роҳ гирифта шуд, вақте ки Қазоқистон постгоҳҳои байторириро, ки содироти маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ ва моҳиро пешгирӣ менамуд, аз миён бардошт.

Баъзе сарчашмаҳо ин вазъро ба шакли дигар шарҳ медиҳанд. Яъне барои Қирғизистон вазъият баъд аз кушодани марзҳои гумрукӣ низ он қадар тағйир накард. Дар се соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ин кишвар тағйир наёфтааст.

Агар гардиши савдои хориҷии Қирғизистон дар соли 2013 қариб 8 млрд. долл. бошад, ин рақам дар соли 2017 ба 6,2 млрд. долл. баробар

шуда, соли 2018 бошад, он 6,6 млрд. долл.-ро нишон дод, ки дар тӯли ин солҳо нишондиҳандаҳо ба худ тамоюли пастравӣ дорад. Чунин ҳолат дар ин кишвар, бо аҳолии тақрибан 6,1 миллион нафар, метавонад ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад. Бояд қайд кард, ки раванди коҳиши савдои хориҷӣ дар соли 2015 оғоз гардид, вақте ки Қирғизистон узви ин Иттиҳоди иқтисодӣ гардид. Чунин тамоюли пастравӣ барои ин кишвар паёмадҳои манфиро ба бор овард: сатҳи пасти зиндагӣ, поён рафтани даромадҳои аҳолӣ, афзоиш ёфтани сатҳи бекорӣ ва ғ.

Метавон гуфт, ки аъзо гардидани Қирғизистон ба Иттиҳод ба гардиши молу маҳсулот миёни ин ҷумҳурӣ ва Чин, Туркия, кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои дигар, ки узви Иттиҳоди гумрукӣ нестанд, таъсири манфӣ расонид. Дар ин баробар, ҳаҷми қарзи берунии Қирғизистон дар соли 2018 ба 4 млрд. 395 млн. доллар расид, ки он афзоишёбанда ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ин, ҳамроҳшавии Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё паёмадҳои мусбӣ низ дорад. Бо мақсади дастгирии иқтисоди Қирғизистон Фонди Рушди Россия ва Қирғизистон бо 500 миллион доллари амрикоӣ ҳамчун маблағи сармояи оинномавӣ таъсис дода шуд, ки дар шароити махсус тоҷирони маҳаллӣ имкон доранд аз он қарзҳои дарозмуҳлат бо фоизҳои нисбатан пасттар бигиранд. Ҳамчунин, мавқеи муҳоҷирони кории қирғиз, ки дар Россия кору фаъолият мекунанд, беҳтар гардид. Пас аз ҳамроҳ шудан ба Иттиҳод муҳоҷирони кории қирғиз аксари ҳуқуқҳои шаҳрвандии Россияро соҳиб шуданд.

Барои Қирғизистон содироти молу маҳсулоташ ба кишварҳои ҳамсояи хориҷ аз Иттиҳод, монанди Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон манфиати зиёдтар дорад. Фарзи мисол, дар соли 2016 ҳаҷми содироти Қирғизистон ба Ӯзбекистон 125,1 млн. долларро ташкил додаст, ки он 13 млн. доллар нисбат ба соли 2015 зиёдтар аст (соли 2015 он 112,1 млн. долларро ташкил медод).

Кишварҳои дигари ҳамсояи Қирғизистон дар минтақа – Туркманистон ва Тоҷикистон низ истеъмолкунандагони нисбатан ҷолибтари маҳсулоти қирғизӣ дар муқоиса бо Арманистон ва Белорус мебошанд.

Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибат нисбат ба кишварҳои аъзои ИИАО дар ҷадвал дидан мумкин аст, ки он ба худ тамоюли гуногун дорад.

**Ҷадвали 3.10. - Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (млн.долл.ИМА)**

| **Солҳо** | **Белоруссия** | **Қазоқистон** | **Қирғизистон** | **Россия** | **Арманисто н** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2017 | 39,5 | 838,9 | 48,8 | 935,9 | 0,3 | 1863,4 |
| 2018 | 38,5 | 836,5 | 62,3 | 1023,1 | 0,3 | 1960,7 |
| 2019 | 28,5 | 957,6 | 54,2 | 1053,5 | 0,40 | 2094,2 |
| 2020 | 54,4 | 909,7 | 36,8 | 973,6 | 0,30 | 1974,8 |
| 2021 | 41,4 | 1178,6 | 25,8 | 1352,9 | 0,4 | 2599,1 |
| 2022 | 89,14 | 1441,2 | 15,1 | 1673,9 | 0,3 | 3219,64 |

Тартиб дода шуд дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023, саҳ.308-336.

Аз ҷадвал бармеояд, ки соли 2022 гардиши молии Тоҷикистон бо кишварҳои Қазоқистон ва Россия тамоюли афзоиш дошт, аммо бо дигар давлатҳо ин нишондиҳанда ба худ тамоюли пастравиро гирифт ва бо беҳтар шудани вазъи кишварҳо дар солҳои минбаъда он рӯ ба афзоиш овард. Аммо бо Қирғизистон вобаста ба муносибатҳои номуайян ва муноқишаҳои сарҳадӣ ин нишондиҳандаҳо рӯ ба пастравӣ доранд ва аз 48,8 млн.доллари соли 2017 ба 15,1 млн.доолари ИМА дар соли 2022 омада расидааст. Бо узви дигари ин иттиҳод – Арманистон бошад муносибатҳои тиҷоратии кишвар дар сатҳи паст қарор дорад.

Талабот ба аъзогии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё рӯз то рӯз бештар мегардад. Дар нишасти навбатии сарони Иттиҳод дар Қирғизистон раиси ҷумҳурии Россия пешниҳод намуд, ки дар минтақа бозори ягонаи сузишворӣ таъсис дода шавад. “Ҳаҷми истеъмоли газ дар кишварҳои узви иттиҳод ҳамаруза меафзояд ва нархҳо дар ин кишварҳо гуногун аст. Нархҳо бояд дар байни аъзоён ягона бошад. Мо дар байни

кишварҳои узв барои ҳамдигар ягон маҳдудиятро ҷорӣ намесозем. Баръакс мо барои ҳаракати озоди сармоя, мол ва қувваи корӣ шароит муҳайё месозем, ки барои ҳамаи кишварҳои узв муҳим арзёбӣ мегардад" –изҳор дошт президенти Россия В.В.Путин.[1]

Дар саммити охирин, ки дар Қазоқистон баргузор гардид, аз ҷониби намояндаи кишвари Россия оид ба дар сатҳи ИИАО ташкил намудани бозори ягонаи барқ пешниҳод сурат гирифт. Ҳамаи ин барои рушди фаъолияти кишварҳои узви ин Иттиҳод мусоидат хоҳад кард ва содироти маҳсулотро аз кишарҳои узв боло хоҳад бурд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити кунунии иқтисоди Тоҷикистон ворид гардидни ин кишвар ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад. Чунин хулоса метавон кард, ки агар Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳад ба ин иттиҳод ҳамроҳ шавад, бояд ҳамаи хатару паёмадҳои имконпазири ин узвиятро таҳлил ва баррасӣ кунад.

Шиддатнокӣ ва самаранокии рушди равандҳои ҳамгироӣ дар фазои Авруосиё қувваҳои бузургеро ба вуҷуд меорад ва таҳаввулоти ҳамгироӣ ҳамеша ҷолибияту ангезаҳои худро нигоҳ медорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зарурати омӯзиши заминаи иқтисодӣ ва асноди ҳуқуқии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро ҳанӯз дар соли 2014 "бо мақсади вуруди минбаъда ба ин иттиҳодияи нави ҳамгироӣ" изҳор карда буд.[2]

Воқеан ҳамгироии нав дар фазои пасошӯравӣ зарур ва эҳтимолан муфид аст. Масалан, барои Тоҷикистон омили муҳими ҷуғрофӣ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати масоҳат хурдтарин давлати Осиёи Миёна мебошад. Он дар доманаи Помир воқеъ буда, роҳҳои баҳрӣ надорад. Хусусияти мавқеи ҷуғрофӣ на танҳо дар мавҷудияти сарҳади мустақим бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Чин, Афғонистон, балки инчунин дар он аст, ки давлат дар баробари соҳиби сарватҳои бои табиӣ будан

[1] Выступление В.В.Путина на саммите ЕАЭС в Киргызстане.24.12.2022.
[2] Таджикистан за евразийскую интеграцию. Манбаи электронӣ: - http://vybor.md/2013/12/19/tadzhikistan-za-evraziyskuyu-integrats/

дар истихроҷи онҳо аз сабаби сусттараққикардаи инфрасохтор душворӣ мекашад. Мушкилии иштирок дар равандҳои ҳамгироӣ инчунин бо дуртар ҷойгиршавии Тоҷикистон аз ҷараёни нақлиёти Авруосиё мебошад.

Дар Тоҷикистон ҳам тарафдорон ва ҳам мухолифони воридшавии кишвар ба равандҳои ҳамгироӣ мавҷуд ҳастанд. Саймиддин Дӯстов, яке аз коршиносони соҳаи иқтисод бар ин назар аст, ки якчанд сабабҳо ва омилҳое ҷой доранд, ки метавонанд пайвастани Тоҷикистонро ба Иттиҳоди гумрукӣ ва ҳамгироӣ бо кишварҳои узви он ногузир гардонад.

Ба ақидаи иқтисодчии тоҷик, профессор Ҳоҷимуҳаммад Умаров, пайвастан ба ягон иттиҳодияҳои гумрукӣ барои Тоҷикистон фоидаовар нест, зеро қисми зиёди даромади буҷети давлатии Тоҷикистон ба истилоҳ аз ҳисоби андоз ва боҷҳои сарҳадӣ аст, ки ҳаҷми онҳо, агар Тоҷикистон ба Иттиҳоди гумрукӣ ворид шавад, метавонад якбора коҳиш ёбад. [1]

Чуноне доктори фанҳои иқтисодӣ Нуриддин Қаюмов таъкид кард: «Имрӯз тамоми ҷаҳон бо роҳи равандҳои ҳамгироӣ пеш меравад, имрӯз тамоми ҷаҳон аз блокҳо, гурӯҳбандиҳои гуногуни иқтисодӣ иборат аст ва Тоҷикистон барои муайян кардани ҷойгоҳи худ дар ин раванд бетараф нест. Охир он кишварҳое, ки аз ин равандҳо берун мераванд, метавонанд дар иқтисоди ҷаҳонӣ дар канор қарор гиранд.”

Барои Тоҷикистон пайвастан ба ИИАО метавонад аз нигоҳи афзоиши сармоягузорӣ, боз кардани бозори устувори меҳнат ва содироти мол хеле судманд бошад.

Ҳангоми ба нақша гирифтани таҳаввулоти ҳамгироии Авруосиё набояд фаромӯш кард, ки Иёлоти Муттаҳида ва иттифоқчиёни НАТО дар ҳар роҳ ба ин раванд муқобилат хоҳанд кард. Бар хилофи

---

[1] Искаков И.Ж. Евразийская интеграция: роль России в формировании инновационного политического ландшафта. Манбаи электронӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/evraziyskaya-integratsiya-rol-rossii-v-formirovanii-innovatsionnogo-politicheskogo-landshafta

манфиатҳои давлатҳои Авруосиё, ҳатто ба қимати харобшавӣ ва таназзулашон, минбаъд низ талош хоҳанд кард, ки онҳоро аз Россия ҷудо кунанд ва монеи ширкати онҳо дар раванди ҳамгироии Авруосиё шаванд.

Дар ибтидои асри XXI ташаккули манзараи сиёсии инноватсионии Авруосиё як роҳи муассири ҳифз ва мутобиқ кардани ҳар як кишвари Авруосиё ба сохтори муосири иқтисоди ҷаҳонӣ хоҳад буд. Кишварҳо ба ташаккули фазои иқтисодии худ дар атрофи худ шурӯъ карда, кӯшиш мекунанд, ки аз ҳар ҷиҳат суботи минтақавӣ эҷод кунанд.

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё раванди ҳадафмандонаи ҳамгироии иқтисодӣ мебошад, ки он дар натиҷаи узвияти як қатор давлатҳо пайдо шудааст. Давлатҳои алоҳида иқтидори иқтисодии худро бо мақсади ҳалли босамари мушкилоти кишвари худ муттаҳид месозанд.

Фаъолияти иттиҳоди иқтисодӣ дар асоси принсипҳои беэътиборӣ ва таъмини муносибатҳои миллӣ, инчунин мураккабӣ ва бо ҳам алоқамандии равандҳои ҳамгирой асос меёбад. Ба ташаккули сиёсати ягонаи савдо тавассути муқаррар намудани тарифи ягонаи гумрукӣ ва муайян намудани тадбирҳои ягонаи танзими ғайритарифӣ нақши махсус дода мешавад. Истифодаи усулҳои танзими ғайритарифӣ нисбат ба кишварҳои сеюм ба таъмини ҳифзи бозорҳои дохилии кишварҳои иштирокчӣ аз таъсири рақобати беинсофона ва таҳдидҳои беруна аз ҷониби дигар давлатҳо нигаронида шудааст.

Дар шароити ҳамгирой дар доираи Иттиҳоди гумрукӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) низоми ягонаи тиҷорат ва савдо роҳандозӣ гардида, тарифҳои ягонаи гумрукӣ ҷорӣ карда шуда, меъёрҳои муайян ва ягонаи ғайриарифӣ низ ташкил мегардад, ки он барои кишварҳои узви ин иттиҳод аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки боҷи гумрукӣ ва тарифҳои гумрукии муайянгардида асоси сиёсати савдо ва танзими давлатии он ба ҳисоб меравад. Буҷаи Тоҷикистон вобаста ба манбаъҳои даромад зиёда аз 17

млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 1,1 млрд.сомонии он аз ҳисоби воридшавии боҷҳои гумрукӣ мебошад. Ворид намудани тарифи ягонаи гумрукӣ дар вобастагӣ ба воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИИАО ба манфиати кишвар нахоҳад буд, зеро воридоти боҷи гумрукӣ ба буҷаи давлат коҳиш хоҳад ёфт.

Истифодаи усулҳои танзими ғайритарифӣ нисбат ба кишварҳои сеюм ба таъмини ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Белорус, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Арманистон ва Қирғизистон аз таъсири рақобати беинсофона ва таҳдидҳои беруна аз ҷониби дигар давлатҳо нигаронида шудааст.

Мутобиқи моддаи 46-и Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё тадбирҳои танзими ғайритарифӣ инҳоянд:

- манъи воридот ва ё ин ки содироти мол;
- маҳдудиятҳои миқдории воридот ва содироти мол;
- ҳуқуқи истисноии содирот ва воридоти мол;
- иҷозатномадиҳии автоматии содирот ва воридоти мол;
- тартиби иҷозатдиҳии воридот ва содироти мол;

Бояд гуфт, ки иҷозатномаҳо барои содироту воридоти молҳо дар сатҳи кишварҳои аъзои ИИАО аз соли 2023 сар карда тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки расмиёти бюрократӣ дар миёни кишварҳои узви иттиҳод содда карда шавад. Он метавонад дар сатҳи ин иттиҳод ба шароитҳои пешбурди тиҷорат таъсири мусбӣ расонад. Вазъи муосири босуръати рақамикунонии иқтисодиёт бешубҳа зарурати қабули чунин қарорҳоро тақозо мекунад.

Мақоми асосии танзимкунанда, дар ин сатҳ, Комиссияи иқтисодии Авруосиё мебошад, ки дар баробари масъалаҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифии гумрукӣ дигар масъалаҳои вобаста ба ин самтҳоро бар ӯҳда дорад. Дар миқёси иттиҳод, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ,чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, қарзпешниҳодкунӣ, танзими боҷи гумрукии

воридотӣ, баҳисобгирии омори савдои хориҷӣ, ҳимояи маҳсулоти зеҳнӣ ва дигар молу хизматрасониҳо, танзими техникӣ ва ғайраҳоро танзим менамояд.

Тартиби татбиқи чораҳои танзими ғайритарифӣ дар қаламрави ягонаи гумрукӣ бо Қарори Раёсати Комиссияи иқтисодии Авруосиё аз 16 августи соли 2012, №134 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ғайритарифӣ» муқаррар карда мешавад, ки тибқи он барои номгӯи муайяни молҳо дар самти содирот ва воридот дар доираи Иттиҳод маҳдудият муайян карда мешавад.

Аз чунин иттиҳодҳо, монанди Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, берун мондани кишвари Тоҷикистон мантиқан ғайримумкин аст. Таҷрибаи ҳамгироӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 140 мамлакати дунё дар лоиҳаҳои гуногуни ҳамгироӣ муттаҳид шудаанд. Тоҷикистон низ узви чандин созмонҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар самтҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ ҳамкориҳои судманду бисёрҷониба доранд. Хусусиятҳои хоси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба бартараф кардани маҳдудиятҳо дар чор самт - сармоя, қувваи корӣ, мол ва хизматрасонӣ мутамарказ шудааст. Ба хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти он сармоягузориҳо дар самти инноватсия, васеъ намудани ихтисосгирии аҳолии кобили меҳнат, рушди босуботи иқтисодӣ ва ташкили сиёсати ягонаи иқтисодиро дохил кардан мумкин аст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон соли 2023 дар ҷаласаи васеи Шурои олии иқтисодии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ширкат намуда, аз ҷумла қайд намуданд: «Ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои номбурда ҳамасола тамоюли афзоиши босуботро касб кардааст. Ҳамин аст, ки ҳиссаи кишварҳои Иттиҳод дар тиҷорати хориҷии кишвари мо дар соли 2022 зиёда аз 44 фоизро ташкил карда, қариб панҷоҳ фоизи содироти молҳои истеҳсоли маҳаллӣ ба онҳо рост меояд».

Бисёр вақт оид ба ин Иттиҳод сухан гуфта, фаромӯш месозем, ки ин Иттиҳод бо чӣ ҳадафе ташкил шудааст. Баъзе мутахассисон бар ин ақидаанд, ки Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бозори ягонаи кор, молу хизматҳо ва ғайраҳоро метавонад ташаккул диҳад. Дар асл, ҳадафи ин иттиҳод яктост, яъне ҳамоҳангсозии рушди ичтимоию иқтисодӣ дар кишварҳои узви Иттиҳод. Танҳо далеле, ки дар сурати пайвастани Тоҷикистон ба ин иттиҳод ба манфиати ин кишвар хоҳад буд, шароити иқомату кори муҳоҷирони тоҷик дар Россия ва кишварҳои дигари узви ин Иттиҳод аст. Ин ҷо сухан дар бораи сатҳи зиндагии аҳолӣ меравад, ки муҳоҷирати корӣ яке аз роҳҳои расидан ба беҳбуди шароити зиндагӣ барои аксари аҳолии кишвар аст.

Академики Академияи илмҳои сиёсии Россия Андраник Мовсесович Мигранян чунин иброз доштааст: «Осон намудани раванди муҳоҷират ва буду боши онҳо яке аз бартариҳои муҳими шомил шудани Тоҷикистон ба ИИАО аст, ки омили муҳим барои иқтисодиёти давлат мебошад»[1].

Агар ба раванди интиқоли маблағҳои муҳоҷирон назар андозем, он тамоюли камшавиро ба худ гирифтааст. Масалан дар нуҳ моҳи аввали соли 2021 муҳоҷирони меҳнатӣ аз давлати Россия ба Тоҷикистон 1,3 млрд.долл интиқол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 5,6 дарсад бештар буд. Дар маҷмуъ муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2020 ба Тоҷикистон 1,7 млрд.долл фиристоданд, ки нисбат ба се соли пеш 33% камтар мебошад.[2]

Албатта, сабабҳои камшавии маблағҳои муҳоҷирон ба бемории ҳамагири КОВИД-19 вобастагии зич дошт. Зеро дар ин давара қисми зиёди муҳоҷирон ба ватан баргаштанд ва бо сабаби баста будани сарҳадҳо дубора аз кишвар хориҷ шуда натавонистанд.

---

[1] Следующий? Есть ли смысл Таджикистану вступать в Евразийский союз. Электронный ресурс: - http://eurazis.kz/?p=4624

[2] https://tj.sputniknews.ru/20220104/tajikistan-denezhnye-perevody-migranty-eksport-dragmetallov-1044597930.html. Санаи ворид шудан: 22.11.22

Воқеан, имрӯз яке аз воситаҳои таҳрикдиҳандаи рушди иқтисодии Тоҷикистон маблағҳои фиристодаи муҳоҷирони тоҷик ба ҳисоб меравад, ки ин масъала ҳам бо ба ИИАО пайвастани Тоҷикистон метавонад роҳи ҳалии худро пайдо кунад ва ин ба манфиати шаҳрвандони кишвар хоҳад буд.

Узвияти Тоҷикистонро ба иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таҳлил намуда, онро чунин арзёбӣ намудем:

***SWOT - таҳлили аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИИАО***

***Паҳлуҳои мусбат:***
- афзоиши сармоягузорӣ;
-боз кардани бозори устувори меҳнат;
-бехтар шудани шароити будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ;
-афзоиши содироти мол ба кишварҳои узви иттиҳод;
- паст шудани нархи маҳсулоти нефтӣ ва сузишворӣ дар кишвар.

***Паҳлуҳои манфӣ:***
-кам ворид гардидани молу маҳсулоти арзони Чиноӣ ба бозорҳои кишвар;
-афзун гардидани воридоти молу маҳсулоти нисбатан қимати истеҳсоли Қазоқистон ва Россия;
-коҳиш ёфтани пардохтҳои гумрукӣ ба буҷаи кишвар;
-афзоиш ёфтани касри буҷа.

***Имкониятҳо:***
-афзоиши некуаҳволии аҳолии кишварҳои узв;
-дастгирӣ ва маблағгузории рушди илмию инноватсионӣ;
-воридшавии технологияи муосир;
-ташкили паркҳои муштараки технологӣ;
- ташкили бозори ягонаи барқу сузишворӣ;
-сиёсати ягонаи иқтисодӣ ва рушди иқтисодӣ дар маҷмӯъ.

***Хатарҳо:***
-пайдо шудани рақибони нав ва ба миён омадани рақобати шадид дар байни кишварҳо;
-тағйирот дар қонунгузориҳои давлатӣ;
-пайдоиши монополия;
-паст шудани тақозо ба молҳои ватанӣ.

**Расми 3.2. - Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё**

Ҷанбаҳои мусбии Иттиҳоди иқтисодии АврузОсиёро таҳлил намуда, қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз паҳлуҳои манфии ин раванд метавонад камшавии воридоти молу маҳсулоти арзони кишвари Чин ба бозорҳои мамлакатҳои узви Иттиҳод бошад. Масалан, барои бозорҳои Тоҷикистон  маҳсулоти арзони чинӣ хос аст. Дар ҳолати пайваст шудан ба Иттиҳод дар бозори Тоҷикистон  молу маҳсулоти арзони сохти Чин бо молҳои нисбатан қиматтари Россия ва Қазоқистон иваз карда мешаванд, ки ин ба манфиати аҳолии кишвари мо нахоҳад буд. Ҷанбаи манфии дигари раванди воридшавӣ ба ин иттиҳод метавонад кам шудани воридоти маблағҳои боҷи гумрукӣ ба буҷаи кишвар бошад.

Дар сатҳи иттиҳод дар нақша аст, ки то соли 2025 миёни давлатҳои узви Иттиҳод ягона бозори маҳсулоти нефтӣ, маҳсулоти нефтӣ, газ ва барқ ташаккул ёбад. Дар сатҳи кишварҳои узви Иттиҳод имрузҳо ва тӯли солҳои оянда ба соҳаи нафту газ ҳамчун манбаи даромадҳои буҷети давлатӣ алоқамандии зиёд нишон медиҳанд ва онро муҳим арзёбӣ менамоянд.

Дар ҳолати аъзо гардидани Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АврузОсиё, барои кишвар ташкили чунин як бозор чизе нахоҳад дод, чунки дар сурати аз миён бардоштани боҷи гумрукӣ дар дохили кишвар нархи маҳсулоти нефтӣ имкон дорад ба дараҷае коҳиш ёбад. Аммо ин ҳолат ба коҳиши даромади буҷаи давлатӣ ҳам мунҷар хоҳад шуд, ки ин ба фоидаи иқтисоди кишвар нахоҳад буд.

Равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар мавқеи муайян ва хосаро ишғол менамояд. Бинобарин ташкил намудани  фазои ягонаи тиҷорат ва савдо дар миёни кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё имкон медиҳад, ки монеаҳо дар ин самт аз миён бардошта шавад.

Иттиҳоди гумрукӣ қадами аввалин дар роҳи таҳкими ҳамгироии иқтисодии кишварҳо, ташаккули бозорҳои умумӣ ва қонунгузории

умумӣ мебошад. Кишварҳои узв дар доираи чунин иттиҳод аз бозори озоди байни худ бидуни маҳдудиятҳо дар ҳаракати сармоя, молҳо ва захираҳо ва тарифҳои ягонаи боҷҳои гумрукии воридотӣ ба молҳои кишварҳои сеюм истифода мебаранд.[1]

Роҳандозии савдои байналхалқӣ аз нуқтаи назари иқтисодиёт метавонад ҳамчун омили дуҷониба ба хоҷагии халқи мамлакат таъсир расонад. Чунки дар ин замина он боис мегардад, ки молу маҳсулоти худи бе ягон мушкилӣ ба бозорҳои берунӣ бароварда шавад ва бозорҳои дохилӣ аз рақобати субъектҳои хориҷӣ муҳофизат карда шавад.

Метавон чунин хулоса кард, ки раванди аъзогӣ ба ин иттиҳод барои Тоҷикистон манфиатҳои камтарро ба бор меорад. Зеро таҷрибаҳои давлатҳои узви ин иттиҳод инро аллакай нишон додаанд, ки нишондиҳандаҳои гардиши молии байни кишварҳо дар сатҳи ин сохтори ҳамгироӣ нисбат ба гардиши моли бо кишварҳои абарқудрат камтар мебошад. Ягона омили манфӣ ва асосии воридшавии кишвар ба ин иттиҳод ин кам шудани воридоти маблағҳои боҷи гумрукӣ ба буҷаи кишвар аст.

Аз ин ҷиҳат чунин мешуморем, ки ҳануз Тоҷикистон барои ворид шудан ба чунин як Иттиҳоди гумрукӣ омода нест ва дар сурати пурра омода гардидан метавонад, ки ба он аъзо шавад. Аммо дар ҷаласаҳое, ки кишварҳои узв баргузор менамоянд, аз Тоҷикистон низ ба ҳайси намоянда дар он иштирок менамоянд.

---

[1] Лебзенкова У.В., Шибаршина О.Ю. Единый таможенный тариф ЕАЭС как инстирумент внешнеторговой политики государства.Вопросы студенческой науки. Выпуск №2(66). Февраль 2022 г. -Стр.33-37.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.

Дар асоси натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешниҳодоти зерин таҳия гардиданд:

1.Таҳлил намудани асосҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи ҳамгироии иқтисодӣ ва тамоюлҳои инкишофи он имкон фароҳам овард, ки қонуниятҳои ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шавад. Маълум гардид, ки қонуниятҳо ин маҷмуи қонунҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки тамоюли рушдро дар равандҳои ҳамгироӣ таъмин менамояд. Мавҷудияти қонуниятҳо бошад, дурустӣ ва пайдарҳамии ҳодисаҳоро нишон дода хусусиятҳои ташаккули равандҳои ҳамгироиро муайян мекунанд.

2.Таҳқиқ ва таҳлили мукаммали андешаҳои илман асосноки мактабҳо ва равияҳои иқтисодӣ, аз қабили либералӣ, наолибералӣ, институтсионалӣ, неокейнсионӣ имкон фароҳам овард, ки моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор гардад. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки мактабҳо ва равияҳои иқтисодӣ ин ё он хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодиро ошкор ва инъикос мекунанд. Дар ташаккули равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ давлат нақши муҳим мебозад, зеро ҳангоме, ки иқтисодиёти миллӣ ба иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муттаҳид мегарданд, давлат бояд бештар ба амалишавии муносибатҳо дар арсаи савдои байналхалқӣ (бахусус ҳаракати сармоя ва қувваи корӣ) диққат диҳад.

3. Тадқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон фароҳам овард, ки хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шавад ва дар баробари ин марҳилаҳои ташаккул ва рушди ҳамгироии иқтисодӣ асоснок карда шаванд. Вобаста ба хусусиятҳо ва марҳилаҳои муайянгардида Тоҷикистонро зарур аст, ки равандҳои ҳамгироиро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам таҳким бахшида, вобаста ба ҳадафҳои иқтисодии дар пешгузошташуда рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин намояд. Барои амалишавии ин ҳадафҳо

захираҳои бойи табиӣ, мавқеи мусоид дар минтақа ва иқтидорҳои бузург мавҷуд аст.

4.Натиҷаи таҳлили имкониятҳои содиротӣ ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он нишон дод, ки ҳанӯз ҳам он дар иқтисоди кишвар нокифоя арзёбӣ мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ки дар аксари кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, ташкил ва роҳандозии фаъолияти содиротӣ ба худ аҳамияти аввалиндараҷа мегирад ва давлат дар ин самт кӯшишҳои мақсаднокро амалӣ менамояд. Дар ин росто муҳайё сохтани шароитҳои мусоид дар самти воридшавии сармояи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

5.Самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироӣ муайян ва асоснок карда шуд. Муайян гардид, ки дар Тоҷикистон гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, минералҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва соҳаи сайёҳиро метавон аз самтҳоиояндадори иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ дар самти ҳамгироии иқтисодии кишвар бо узви иттиҳодияҳои ҳамгироӣ арзёбӣ кард, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад. Коркард ва истихроҷи босамари захираҳои бойи кишвар метавонад ба манфиати на танҳо аҳолии кишвар, балки кулли минтақа ва мамлакатҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ бошад.

6. Имкониятҳои ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) ва самаранокии он муайян карда шуд. Муайян гардид, ки дурнамо ва хусусиятҳои хоси ИИАО аз байн бурдани маҳдудиятҳо дар чаҳор самт - пеш аз ҳама меҳнат, сармоя, молҳо ва хизматрасониҳо мебошад. Ба масъалаҳои асосӣ ва муҳим дар сатҳи ИИАО маблағгузории механизми инноватсионӣ, инкишофи тахасуснокии

байналхалқӣ, рушди иқтисоди миллӣ, ташаккул ва мукаммалсозии сиёсати ягонаи иқтисодиро дохил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

1. Муҳимтарин хусусияти замони муосир ин баҳамтаъсиррасонӣ ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти кишварҳои гуногун, рушди равандҳои ҳамгирой ва гузариши мамлкатҳо ба шакли иқтисоди кушод мебошад. Дар асоси таҳким бахшидан ба равандҳои ҳамгирой, ҳаҷми мубодилаи байналмилалии мол, хизмат, меҳнат, сармоя, моликияти зеҳнӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ зиёд мегардад, ки он метавонад шарти муҳими рушди иқтисодиёти ҷаҳон гардад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгирой ҳамкориҳои фаъолро ба роҳ мондааст, ба монанди: ИДМ, СҲИ ва Созмони ҳамкории Шанхай. Кишварҳои узви ин сохторҳо шарикони асосии иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта самтҳои савдои хориҷии кишварро барои оянда муайян месозанд.

3. Дар ҳайати ИДМ, яке аз шарикони бузурги стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон Россия ба шумор меравад, ки асосан муҳоҷирони меҳнатии кишварро фаро мегирад. Даромадҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷузъи муҳими пуркунии захираҳои асъории кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон бо дигар давлатҳои узви ИДМ ҳам дар доираи ин сохтори ҳамгирой ва ҳам дар сатҳи дуҷониба инкишоф меёбад. Ин муносибатҳо робитаҳои тиҷоратии берунӣ ва доираи молу хизматҳои дар амалиётҳои тиҷоратӣ истифодашавандаро афзун менамояд.

